**ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**

**ТДУ: 340.12 (575.3)**
**ТКБ: 67.3 (2Т)**
**Р – 27**

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

**РАҲИМЗОДА РАВШАН РАҲМОН**

# ТАШАККУЛ ВА ИНКИШОФИ АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ-ҲУҚУҚИИ МУҚОВИМАТ БА КОРРУПСИЯ ДАР ТОҶИКИСТОН: ТАҲҚИҚОТИ НАЗАРИЯВӢ-ТАЪРИХИИ ҲУҚУҚӢ

**ДИССЕРТАТСИЯ**

**барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ**

**аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат**

**РОҲБАРИ ИЛМӢ**:
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
профессор
**АЗИЗЗОДА У.А.**

**ДУШАНБЕ – 2025**

**МУНДАРИҶА:**

**НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ................3-4**
**МУҚАДДИМА.........................................................................................4-21**
**БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ-ҲУҚУҚИИ МУҚОВИМАТ БА КОРРУПСИЯ........................................................................................22-66**
1.1. Асосҳои методологии таҳқиқи назариявӣ-ҳуқуқии падидаи коррупсия..........................................................................................22-32
1.2. Ҳадафҳо ва аҳаммияти таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқии падидаи коррупсия..........................................................................................32-47
1.3. Мафҳум, унсурҳо ва субъектони муқовимат ба коррупсия...........47-66
**БОБИ 2. ТАШАККУЛ ВА ИНКИШОФИ ТАЪРИХИИ АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ-ҲУҚУҚИИ МУҚОВИМАТ БА КОРРУПСИЯ ДАР ТОҶИКИСТОНИ ТАЪРИХӢ ВА МУОСИР ..................................67-152**
2.1. Таҷрибаи муқовимат ба падидаҳои коррупсионӣ дар Тоҷикистони таърихӣ.............................................................................................67-89
2.2. Рушди таҷрибаи муқовимат ба коррупсия дар Тоҷикистони шӯравӣ.............................................................................................90-111
2.3. Сиёсати ҳуқуқии зиддикоррупсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.........................................................................................111-130
2.4 Шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқӣ ҳамчун унсурҳои маркази муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.......................130-152
**ХУЛОСА.........................................................................................153-157**
**ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ.........................................................................................158-159**
**НОМГӮЙИ АДАБИЁТ (МАЪХАЗҲО)...........................................160-179**
**ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ...............................................................................180-182**

## НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ

**ҶТ** – Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ҶШФСР** – Ҷумҳурии Шуравии Федеративии Сотсиалистии Россия

**ҶМШС Тоҷикистон** – Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон

**ҶШС Тоҷикистон** – Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон

**ИҶШС** – Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ

**КИМ** – Кумитаи Иҷроияи Марказӣ

**ҶХШБ** – Ҷумҳурии Халқии Шуравии Бухоро

**КИМ ҶШФСР** – Кумитаи Иҷроияи Марказии Ҷумҳурии Шуравии Федеративии Сотсиалистии Россия

**КИМ ИҶШС** – Кумитаи Иҷроияи Марказии Иттиҳоди Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистӣ

**СММ** – Созмони Милали Муттаҳид

**ИДМ** – Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил

**ғ.** – ғайра

**с.** – саҳифа

**С.** – саҳифа

**қ.** – қисм

**м.** – модда

**м.м.** – моддаҳо

## МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Проблемаи мубориза бо коррупсия ва омӯзиши паҳлуҳои гуногуни ин падидаи ниҳоят манфӣ ҳамеша аҳаммияти бузурги назариявӣ ва амалӣ дошт. Дар замони муосир вобаста ба рушди муносибатҳои иқтисодӣ ва афзоиши коррупсия дар тамоми ҷаҳон тадбирҳои мубориза бо коррупсия пурзӯр карда мешаванд. Тоҷикистон мисли дигар кишварҳои ҷаҳон бо ин падидаи номатлуб муборизаи оштинопазир бурда, чораҳои дахлдори ҳуқуқӣ меандешад. Бо вуҷуди ин, дар соҳаи ҳуқуқ ҳанӯз бисёр масъалаҳои ҳалнашуда ҳастанд, ки ба навъе ба коррупсия иртибот доранд. Аз ҷумла, ин сатҳи пасти саводнокии ҳуқуқӣ, маърифати ҳуқуқии аҳолӣ, нокифояи будани маърифати ҳуқуқӣ, паст будани сатҳи кор оид ба пешгирӣ, фаҳмондадиҳӣ ва рафъи ин зуҳуроти номатлуб, иҷро нашудани мунтазами чораҳои муқарраргардидаи қонунгузорӣ ва ҳифзи ҳуқуқ бар зидди коррупсия, суст будани самаранокии чораҳои ҳуқуқӣ ва ҷавобгарии ҳуқуқии нисбат ба шахсони гунаҳкор татбиқшаванда ва ғ.

Бояд гуфт, ки мушкилии мубориза бо коррупсия падидаи нав нест ва то ҳол пояҳои ҳуқуқии худро аз низомҳои таърихию ҳуқуқӣ мегирад. Масалан, дар доираи низоми ҳуқуқии зардуштӣ, ҳуқуқи мусулмонӣ ва ҳуқуқи шуравӣ тибқи расмиёти мушаххаси замони муайян ва бо урфу одат ва дигар сарчашмаҳои динию ҳуқуқӣ муқовимати ҷиддӣ ба амалҳои коррупсионӣ нишон дода мешуд. Бинобар ин, омӯзиши таҷрибаи таърихии давлатдорӣ ва фаъолияти ҳуқуқэҷодкунию амалияи ҳуқуқтатбиқсозии мардуми тоҷик дар давраҳои гуногуни таърихӣ дар самти муқовимат ба коррупсия барои низоми муосири ҳуқуқии кишвар дорои аҳаммияти баланди назарию амалӣ мебошад.

Мубрамияти таҳқиқот боз дар он ифода меёбад, ки сатҳи содиршавии ҷиноятҳои коррупсионӣ дар кишвар ташвишовар ба назар мерасад, чун «тибқи нишондодҳои оморӣ, дар солҳои 2013-2019 танҳо аз тарафи мақомоти Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо

коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 12488 ҷиноят ба қайд гирифта шудааст, ки 9083 адади онро ҷиноятҳои коррупсионӣ, иқтисодии хусусияти коррупсионидошта ва ҷиноятҳои ба андоз алоқаманд ташкил медиҳанд» [4]. Мутобиқи маълумотҳои оморӣ, «агар дар соли 2013 ҷиноятҳои коррупсионӣ ва иқтисодии хусусияти коррупсионидошта 1101 ададро ташкил диҳад, пас,ин нишондиҳанда дар соли 2014 ба 1179 ҷиноят, соли 2015 –1306 ҷиноят; соли 2016 – 1326 ҷиноят; соли 2017 – 1445 ҷиноят; соли 2018 – 1364 ҷиноят ва соли 2019 ба 1362 ҷиноят расидааст, ки ин нишондодҳо нигаронкунанда мебошанд. Дар 3 соли охир вазъи содиршавии ҷиноятҳои коррупсионӣ ва иқтисодии ба коррупсия алоқаманд дар баъзе вазорату идораҳо сол то сол рӯ ба афзоиш дорад, аз ҷумла: дар соли 2021 – 1756; 2022 – 1863; 2023 – 1826 ҳолати коррупсионӣ ба қайд гирфита шудааст» [160]. Аз ин бармеояд, ки гузаронидани таҳқиқоти монографӣ, коркардҳои назариявӣ ва амалӣ дар соҳаи мубориза бо коррупсия имрӯз аз ҳар ҷиҳат аҳаммияти бештар дорад.

Дар ҶТ масъалаи муқовимат ба коррупсия мавриди таваҷҷуҳи ҳамешагии давлату ҳукумат қарор дода шудааст. Дар кишвар пайваста вобаста ба ин масъала назорат ва санҷишҳо доир карда мешаванд, ки тамоми соҳаҳо ва сохторҳоро фаро мегиранд. Аз ҷониби давлату ҳукумат чораҳои гуногунмазмуни муқовимат андешида шуда истодаанд, ки дар амал татбиқ намудани онҳо то андозае самараи дилхоҳ низ дода истодаанд. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти ҶТ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пайваста зимни суханронию ироаи паёмҳои худ оид ба масъалаи коррупсия дар кишвар, сатҳи ҷойдоштаи он, андешидани чораҳои зарурӣ ва самарабахш оид ба муқовимат бо ин зуҳуроти номатлуб таъкидҳо менамоянд. Чунончи, дар Паёми навбатии худ санаи 28.12.2024 таъкид намуданд, ки: «Сатҳи баланди таъмини пардохтҳои ғайринақдӣ яке аз роҳҳои асосии таъмин намудани шаффофияти амалиёти хизматрасонӣ, баҳисобгирӣ ва

пешгирии коррупсия мебошад» [161]. Суханронии Сарвари давлат бори дигар собит месозад, ки мавзуи омӯхташаванда на танҳо муҳим аст, балки метавонад аҳаммияти баланди илмӣ ва амалӣ дошта бошад.

Дар Тоҷикистон як қатор санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва ҳуҷҷатҳои расмӣ қабул шуда амал мекунанд, ки бо мақсади муқовимат ба коррупсия ва ҳолатҳои дигари мусоидаткунанда ба афзоиши он нигаронида шудаанд. Яке аз ҳуҷҷатҳои муҳимми ҳуқуқие, ки тамоми самтҳо ва бахшҳои ҳуқуқии кишварро муайян намуда, заминаи воқеию ҳуқуқӣ барои муқовимат бо коррупсия дар кишвар гардидааст, Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҶТ барои солҳои 2018-2028 мебошад. Дар ин ҳуҷҷат ишора шудааст, ки: «Дар раванди ҷаҳонишавӣ ба вуқуъ омадани шаклҳои нави ҷиноятзкорӣ, аз қабили коррупсия, аз давлат талаб менамояд, ки қонунгузории ҷиноятиро давра ба давра такмил диҳад» [2]. Ҳуҷҷати дигари муҳим дар самти муқовимат ба коррупсия «Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» ба ҳисоб меравад, ки тамоми паҳлую самтҳои масъаларо фаро мегирад. Дар ҳуҷҷати мазкур қайд гардидааст, ки: «Коррупсия дар ҷаҳони муосир дар роҳи рушди иқтисодию иҷтимоии кишварҳо ва риояи ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд аз ҷумлаи монеаҳои ҷиддӣ маҳсуб меёбад. Аз рӯзҳои аввали ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ масъалаи муқовимат ба коррупсия дар меҳвари сиёсати хирадмандонаи Президенти ҶТ қарор дорад» [4]. Бояд гуфт, ки Ҳукумати кишвар то таҳияи ҳуҷҷати мазкур ду стратегияи дигарро (барои солҳои 2008-2012 ва 2013-2020) дар кишвар амалӣ намуд, ки дар самти муқовимат бо коорупсия ва ҳолатҳои дигари ба он мусоидаткунанда саҳми арзандаи ҳуқуқию амалӣ гузоштанд.

Мавриди тазаккур аст, ки дар даврони Истиқлоли давлатӣ чунин қонунҳои марбут ба муқовимат бо коррупсия қабул гардидаанд: Қонуни ҶТ «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» аз 10 декабри соли 1999, №875; Қонуни ҶТ «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» аз 25

июли соли 2005, №100; Қонуни ҶТ «Дар бораи муқовимат ба коррупсия» аз 7 августи соли 2020, №1714.

Вале мавҷудияти проблемаи муқовимат бо коррупсия, хеле зиёд будани масъалаҳои назариявию амалӣ дар танзими муносибатҳои ҳуқуқии ба коррупсия ва кирдорҳои дигари зиддиҳуқуқии ба он алоқаманд, заминаҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии барои рушди он мусоидаткунанда ва ҳолаҳои дигари дар ҷомеаи Тоҷикистони имрӯза мавҷудбуда аз он дарак медиҳанд, ки мавзуи мазкур бояд аз ҷиҳати назариявию ҳуқуқӣ таҳқиқ карда шавад. Инчунин, андешаҳои зикршуда ва тадбирҳои анҷомдодаи давлату ҳукумати кишвар мубрамияти масъалаи муқовимат ба коррупсияро ифода намуда, боиси гузаронидани таҳқиқоти маҷмуии диссертатсионӣ дар ин самт гардиданд, ки ҷанбаҳои назариявии таърихию муосирро фаро мегиранд.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Масъалаи ташаккул ва инкишофи асосҳои назариявӣ-ҳуқуқии муқовимат ба коррупсия дар Тоҷикистон то кунун ҳамчун мавзуи таҳқиқоти илмии таърихӣ-ҳуқуқӣ ва назариявӣ-ҳуқуқӣ дар сатҳи диссертатсионӣ қарор нагирифтааст. Паҳлуҳои алоҳидаи мавзуи мазкур аз нигоҳи таърихӣ-ҳуқуқӣ ва назариявӣ-ҳуқуқӣ қисман аз ҷониби муҳаққиқони ватанӣ таҳқиқ гардидаанд. Дар ин миён метавон таҳқиқотҳои У.А. Азиззода [8], Х.З. Аслонов [145], Э.Б. Буризода [15], Ф.А. Бобохонов [146], А.М. Диноршоҳ [150], А.Қ. Назаров [151], Э.Ш. Раҳмонов [49], И.Д. Сафаров [50], Ҷ. Саъдизода [152], Ш.Х. Солиев [154], Ф.Т. Тоҳиров [52], Х.А. Умаров [155], А.Ғ. Холиқзода [55], С. Хурсандзода [157], Ш.Қ. Ҳасанов [158], Р.Ш. Шарофзода [141], Ш.М. Шарифзода [159] ва дигаронро номбар намуд.

Масъалаи ташаккул ва инкишофи асосҳои назариявӣ-ҳуқуқии муқовимат ба коррупсия предмети омӯзиши як қатор олимони хориҷӣ низ мебошад, аз қабили Г.И. Богуш [147], Л.В. Гевелинг [149], Я.И. Гилинский [18], М.К. Жусупбекова [85], В.Н. Карташов [26], М.В. Костеников [30], Г.Г. Кораблёв [93], А.Г. Корчагин [29], Я.И. Кузминов

[33], И.Б. Малиновский [38], Ю.А. Нисневич [45], Н.В. Селихов [153], Е.Г. Телегина [129], О.И. Хамазина [156], А.Р. Хамдеев [54] ва дигарон.

Баъзе аз паҳлуҳои ташаккули чораҳои ҳуқуқӣ ва меъёрҳои ҳуқуқиро оид ба муқовимат ба коррупсия дар ҳуқуқи зардуштӣ, мусулмонӣ ва шуравӣ мавриди баррасӣ қарор додаанд. Ҷанбаҳои алоҳидаи масъала тибқи қонунгузории амалкунандаи кишвар ва паҳлуҳои назариявӣ ва соҳавӣ-ҳуқуқии он дар шароити муосири рушди Тоҷикистон таҳқиқ гардидаанд. Аммо бисёре аз паҳлуҳои масъалаи муқовимат ба коррупсия ҳануз ҳалли худро наёфта, ба таҳқиқоти ҷудогонаи комплексӣ ниёз доранд. Аз ҷумла, ҷанбаҳои назариявӣ (мафҳуми коррупсия, муқовимат ба коррупсия, сиёсати зиддикоррупсионӣ ва ғ.) ва амалии масъала (номукаммал будани қонунгузории амалкунанда дар самти коррупсия, ба таври васеъ муқаррар нашудани механизмҳои муқовимат ба коррупсия, дар сатҳи зарурӣ мувофиқат накардани баъзе аз самтҳои механизми амалкунандаи муқовимат ба коррупсия бо шароити кунунии кишвар, сатҳи фарҳанги ҳуқуқи аҳолӣ ва махсусан баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ дар ин самт ва ғ.) зарурият ба омӯзиши назариявӣ ва амалиро доранд. Аз ҷониби дигар, инкишофи босуръати муносибатҳои иқтисодию иҷтимоӣ, рушди шаклҳо ва роҳҳои содир намудани ҳуқуқвайронкунӣ, махсусан кирдорҳои хусусияти иқтисодию молиявӣ дошта мубрамияти таҳқиқи мавзуи мазкурро бештар мегардонанд. Бо назардошти андешаҳои мазкур, таҳқиқоти анҷомёфтаи мазкурро дар илми муосири ҳуқуқшиносии ватанӣ яке аз таҳқиқотҳои нав ва маҷмуӣ дониста, натиҷаҳои аз таҳқиқот бадастомадаро дар самти ҳалли масъалаҳои назариявӣ-ҳуқуқӣ ва амалии муқовимат бо коррупсия дар кишвар дорои аҳаммияти баланди илмӣ меҳисобем.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи мавзуи илмӣ-таҳқиқотии кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон «Заминаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ ва илмӣ методологии

рушди давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон дар шароити роҳандозии модели нави рушди устувор барои солҳои 2021-2025» анҷом дода шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқоти** диссертатсиониро таҳқиқоти таърихию назариявӣ ва асосҳои методологии коррупсия, омӯзиши раванди рушди таърихии роҳу воситаҳои муқовимат бо коррупсия дар Тоҷикистони тошуравӣ, шуравӣ ва пасошуравӣ, масъалаҳои назариявии мафҳум, моҳият ва субъектони муқовмат ба коррупсия, сиёсати ҳуқуқии зиддикоррупсионӣ ва нақши шуури ҳуқуқӣ, фарҳанги ҳуқуқӣ ва маърифати ҳуқуқӣ дар боло бурдани самаранокии муқовимат ба коррупсия дар кишвар ташкил медиҳанд.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Барои ноил гардидан ба мақсади зикршуда вазифаҳои зерин зарур мебошанд:

– асоснок намудани мубрамӣ, дараҷаи таҳқиқи мавзуъ, мақсад, вазифаҳо, объект, предмет, марҳила, макон, давра, асосҳои назариявӣ, методологӣ, заминаҳои эмпирикӣ, навгонии илмӣ, аҳаммияти назариявию амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ;

– муайянсозии асосҳои методологии таҳкиқоти назариявӣ-ҳуқуқии падидаи коррупсия;

– таҳлили ҳадафҳо ва аҳаммияти таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқии падидаи коррупсия;

– омӯзиши мафҳум, унсурҳо ва субъектони муқовимат ба коррупсия;

– баррасӣ кардани таҷрибаи муқовимат ба падидаҳои коррупсионӣ дар Тоҷикистони таърихӣ;

– баррасии такмили таҷрибаи муқовимат ба коррупсия дар Тоҷикистони шуравӣ;

– таҳқиқи сиёсати ҳуқуқии зиддикоррупсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– асоснок намудани шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқӣ ҳамчун

унсурҳои марказии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– коркард намудани тавсияҳои амалӣ оид ба мубориза бо коррупсия дар давлати Тоҷикистон.

**Объекти таҳқиқоти** диссертатсиониро ташаккул ва инкишофи асосҳои назариявӣ-ҳуқуқии муқовимат ба коррупсия дар Тоҷикистони таърихӣ ва муосир ташкил медиҳад.

**Мавзуи таҳқиқоти** диссертатсионӣ аз омӯзишу таҳқиқи асосҳои назариявию таърихӣ-ҳуқуқии ташаккулу инкишофи муқовимат ба коррупсия дар Тоҷикистони тошуравӣ, шуравӣ ва муосир иборат мебошад.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ фарогири се марҳилаи ташаккулу инкишофи падидаи коррупсия ва муқовимат ба он мебошад: 1) ташаккул ва инкишофи падидаи коррупсия дар Тоҷикистони тошуравӣ (ҳуқуқи зардуштӣ ва мусулмонӣ); 2) ташаккул ва инкишофи падидаи коррупсия дар Тоҷикистони шуравӣ; 3) ташаккули қонунгузорӣ оид ба муқовимат ба коррупсия дар Тоҷикистони соҳибистиқлол.

Диссертатсия дар кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон омода гардидааст. Давраи таҳқиқоти диссертатсионӣ фарогири солҳои 2022-2025 мебошад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқотро** сарчашмаҳои таърихии ҳуқуқ, ғояҳо ва андешаҳои намояндагони афкори сиёсиву ҳуқуқӣ, арзишҳои умумибашарӣ, осори олимони ватанию хориҷӣ, ки ба ташаккулу инкишофи падидаи коррупсия бахшида шудаанд, ташкил медиҳанд. Дар таҳияи диссертатсияи мазкур муаллиф ба осори илмии олимони зерини ватанию хориҷӣ такя кардааст: У.А. Азиззода, Х.З. Аслонов, Э.Б. Буризода, Ф.А. Бобохонов, Г.И. Богуш, Л.В. Гевелинг, Я.И. Гилинский, А.М. Диноршоҳ, М.К. Жусупбекова, В.Н. Карташов, М.В. Костеников, Г.Г. Кораблёв, А.Г. Корчагин, Я.И. Кузминов, И.Б. Малиновский, А.Қ.

Назаров, Ю.А. Нисневич, Э.Ш. Раҳмон, И.Д. Сафаров, Ҷ. Саъдизода, Н.В. Селихов, Ш.Х. Солиев, Е.Г. Телегина, Ф.Т. Тоҳиров, Х.А. Умаров, О.И. Хамазина, А.Р. Хамдеев, А.Ғ. Холиқзода, С. Хурсандзода, Ш.Қ. Ҳасанов, Р.Ш. Шарофзода, Ш.М. Шарифзода ва дигарон.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Дар рисолаи диссертатсионӣ усулҳои умумиилмӣ ва махсуси ҳуқуқӣ, аз ҷумла диалектика, мантиқӣ-забонӣ, оморӣ, шаклӣ-ҳуқуқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ истифода гардидаанд.

Ташаккул ва инкишофи падидаи коррупсия дар Тоҷикистони тошуравӣ, шуравӣ ва соҳибистиқлол ба воситаи усули таърихӣ-ҳуқуқӣ ва муқоисавӣ-ҳуқуқӣ мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Усулҳои мазкур дар зербобҳои якуму дуюми боби дуюм васеъ истифода гардидаанд. Бо истифода аз усули диалектика асосҳои назариявӣ-ҳуқуқӣ, асосҳои методологии омӯзиши коррупсия, ҳадафҳо ва аҳаммияти омӯзиши таърихии падидаи коррупсия муайян карда шудааст. Усули мазкур дар зербобҳои боби якум бештар истифода шудаанд. Усули мантиқӣ-забонӣ дар таҳлил ва пешниҳоди дурусти истилоҳ, мафҳумҳо ва ибораҳои ҳуқуқии дар таҳқиқоти диссертатсионӣ истифода гардида, барои ноил шудан ба хулосаҳои илман асоснок мусоидат намудааст. Дар заминаи усули мазкур истифодаи якхела ва дурусти истилоҳ, мафҳумҳо ва ибораҳои ҳуқуқӣ аз назари мантиқӣ ва забонӣ оид ба коррупсия ва муқовимат ба он пешниҳод гардидаанд. Эҷод ва масъалагузориҳо дар ҳар як зербоб бо назардошти қонунҳои мантиқӣ ва забонӣ ба роҳ монда шудаанд.

Бо истифода аз усули оморӣ зимни таҳқиқи падидаи коррупсия дар Тоҷикистони соҳибистиқлол, аз ҷумла ҳангоми таҳлили масъалаҳои сиёсати зиддикоррупсионӣ дар кишвар нишондодҳои оморӣ истифода гардидаанд. Дар заминаи усули шаклӣ-ҳуқуқӣ падидаи коррупсия ҳамчун падидаи сирф ҳуқуқӣ баррасӣ гардида, мафҳумҳои коррупсия, муқовимат ба коррупсия, шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқӣ дар

муқовимат ба коррупсия ва монанди инҳо муайян карда шудаанд. Тавассути усули муқоисавӣ-ҳуқуқӣ қонунгузории ҶТ дар самти муқовимат бо коррупсия, аз ҷумла се қонуни дар самти муқовимат ба коррупсия қабулшуда ва стратегияҳои муқовимат ба коррупсия дар кишвар омӯхта шуда, шабоҳат ва тафовут миёни онҳо, қонунгузории кишварҳои хориҷӣ, меъёрҳо ва муқаррароти ҳуқуқӣ дар низомҳои таърихии ҳуқуқи миллӣ муайян гардидаанд. Усулҳои мазкур дар якҷоягӣ имконият фароҳам оварданд, то таҳқиқоти диссертатсионӣ ҳамаҷониба, пурра ва объективона гузаронида шуда, вазифаҳои гузошташуда ҳалли худро пайдо намоянд.

**Заминаҳои эмпирикии таҳқиқот.** Диссертатсия ба Конститутсияи ҶТ, қонунгузории ҷиноятӣ, маъмурӣ ва санадҳои меъёрию ҳуқуқии соҳаҳои дигари ҳуқуқ, низоми ҳуқуқии таърихии Тоҷикистони тошуравӣ, низоми қонунгузории шуравӣ ва қонунгузории Тоҷикистони соҳибистиқлол оид ба муқовимат ба коррупсия, санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ, стратегия ва консепсияҳо дар самти муқовимат ба коррупсия асос ёфтааст. Ҳамзамон, дар таҳқиқоти диссертатсионӣ омори солонаи Агентии омори назди Президенти ҶТ ҳамчун заминаи эмпирикӣ истифода гардидааст. Паёмҳои Президенти ҶТ, ки ҳамчун заминаи бунёдӣ дар сиёсати зиддикоррупсионии кишвар дониста мешаванд, унсури муҳимми заминаи эмпирикии диссертатсияро ташкил медиҳанд.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар он аст, ки рисолаи мазкур яке аз аввалин таҳқиқотҳои ҳамаҷониба мебошад, ки дар соҳаи мубориза бо коррупсия анҷом дода шудааст. Дар он аввалин бор ҷиҳатҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ ва назариявӣ-ҳуқуқии масъала ҳаматарафа таҳқиқ карда шудааст. Дар рисола мафҳум, моҳият ва асосҳои методологии омӯзиши коррупсия муайян гардида, ҳадаф ва аҳаммияти таҳлили мавзуъ аз нуктаи назари таърихӣ асоснок карда шудааст. Дар рисола аввалин маротиба меъёрҳои қонунгузории амалкунанда оид ба мубориза бо коррупсия бо

сарчашмаҳои таърихию ҳуқуқии Тоҷикистон мавриди муқоиса қарор гирифтааст.

Навгонии ин пажӯҳиш ҳамчунин дар он аст, ки дар он ҷиҳатҳои қавӣ ва заъфи қонунгузории ҷории Тоҷикистон дар заминаи мубориза бо коррупсия мушаххас гардидаа, барои такмили он тавсияҳо пешниҳод шудаанд. Илова бар ин, дар он нақши шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқӣ дар раванди мубориза бо коррупсия муайян гардида, оид ба такмили чораҳои мубориза бар зидди коррупсия андешаву хулосаҳои асосноку муассир пешниҳод шудааст. Умуман, навгонии илмии рисола дар инҳо ифода меёбанд:

– асосҳои методологии омӯзиши назариявӣ ва ҳуқуқии падидаи коррупсия, методологияи омӯзиши коррупсия муайян карда шудаанд;

– аҳамияти омӯзиши таърихӣ-ҳуқуқии падидаи коррупсия асоснок гардида, собит шудааст, ки таҳқиқоти таърихию ҳуқуқии коррупсия аҳаммияти баланди илмӣ ва амалӣ дорад;

– мафҳум, унсурҳо ва субъектҳои мубориза бо коррупсия мушаххас гардидаанд;

– таҷрибаи муқовимат ба падидаҳои коррупсионӣ дар Тоҷикистони таърихӣ таҳлил гардида, натиҷаҳои чораҳои зиддикоррупсионӣ дар ҳуқуқи зардуштӣ ва мусулмонӣ муайян карда шудаанд;

– роҳҳои беҳтар намудани мубориза бар зидди коррупсия дар Тоҷикистони шуравӣ дида баромада шуда, бартарият ва камбудиҳои қонунгузории шуравӣ дар бораи мубориза бар зидди коррупсия ошкор карда шудаанд;

– сиёсати ҳуқуқии мубориза бо коррупсия дар ҶТ таҳлил шуда, консепсия, самтҳо ва чораҳои асосии мубориза бо коррупсия тибқи қонунгузории кишвар муайян карда шуданд;

– исбот шудааст, ки шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқӣ муҳимтарин унсурҳои мубориза бо коррупсия дар ҶТ буда, мафҳумҳои шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқӣ ва таъсири онҳо ба раванди мубориза бо коррупсия

муайян карда шудаанд.

**Нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда.** Нуктаҳои зерини илмӣ ба ҳимоя пешкаш карда мешаванд, ки навгониҳои таҳқиқоти диссертатсиониро ифода менамоянд:

1. Дар натиҷаи таҳқиқи асосҳои методологии омӯзиши падидаи коррупсия арзишҳои миқдории нишондиҳандаҳои маъмултарин ва бештар истифодашавандаи коррупсия муайян карда шуданд. Онҳо ба ду гурӯҳ тақсим мешаванд. Ба гурӯҳи аввал нишондиҳандаҳои коррупсионӣ дохил мешаванд, ки ба маънои истифодаи маълумоти таҳқиқотҳои гуногун таркибӣ нестанд ва ҳамчун ҷузъ, омил, зернишондиҳандаи алоҳида муайян карда мешаванд, ки арзишҳои онҳо ҳангоми ҳисоб кардани нишондиҳандаи комплексии (индекс) ниҳоӣ истифода гарданд. Гурӯҳи дуюмро шохисҳои бисёрқисмаи коррупсионӣ, ки дар асоси маълумоти гуногун ҷамъ оварда шудаанд, ифода мекунанд.

2. Падидаи коррупсия ва шаклҳои гуногуни ифодаи он дар ҷомеа дар давраҳои гуногуни таърихӣ зоҳир гардида, махсусияти баамалоӣ, танзими ҳуқуқӣ, таъсиррасонии қонунӣ ва усулҳои хоси муқовимати давлатию ҷаъиятиро аз сар гузаронидааст. Ин таҷрибаҳои муқовимат намудан бар ин зуҳуроти манфии ҷомеа дар баамалбарории сиёсати зиддикоррупсионии кишвари мо ниҳоят муфид мебошанд. Омӯзиши таърихи пурғановати миллати тоҷик, махсусан низоми давлатию ҳуқуқии он, метавонад дар самаранокии танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ ва рушди сиёсати зиддикоррупсионӣ истифода шавад. Дар ташкили муқовимат бо коррупсия як катор проблемаҳои ҳалталаб мавҷуданд, ки ба онҳо омилҳои объективию субъективӣ, иҷтимоию иқтисодӣ, фарҳангию таърихӣ ва ғ. таъсир мерасонанд.

3. Омилҳое, ки ба самаранокии чораҳои зиддикоррупсионӣ таъсир мерасонанд, таъхирнопазирии баланди ин гурӯҳи кирдорҳои зиддиҳуқиро дар бар мегиранд: фоидаи мутақобилан аз ҳарду ҷониб, ҳуҷҷатгузории кирдорҳои коррупсионӣ (дар ошкор накардани онҳо),

мавҷудияти муддати тӯлонӣ аз лаҳзаи содир шудани ҳуқуқвайронкунӣ то муҳокимаи парвандаи зикршуда (бо гузаштани мурофиаи дуру дарози бисёрмарҳила алоқаманд) содир карда мешавад. Дар ин росто, ташаккули шуури ҳуқуқии зиддикоррупсионии шаҳрвандон, ки аз умқи таърихи миллат ва фарҳанги пурғановати он сарчашма мегирад, аҳаммияти аввалиндараҷа дорад. Ҳамчун падидаи иҷтимоӣ дар муқовимат бо коррупсия на танҳо бо такмил додани низоми санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва таъсиррасонии ҳокимиятӣ, балки тавассути истифодаи фарҳангу маданият, шуури ҷамъиятию ҳуқуқӣ, таърихи пурғановати амали низомҳои таърихии ҳуқуқи миллӣ ва идораи самараноки соҳаҳои мухталифи давлатӣ ва ғ. бояд мубориза бурда шавад.

4. Коррупсия на танҳо ҳамчун категорияи ҳуқуқшиносӣ, балки сиёсатшиносию ҷомеашиносӣ низ дониста мешавад. Аз нигоҳи назариявӣ ва таърихӣ-ҳуқуқӣ муқаррар намудани мафҳуми коррупсия бо назардошти хусусиятҳои ҳуқуқию сиёсӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангию маърифатии он пешниҳод карда мешавад. Ба мазмуни васеъ ва маҳдуд баён намудани мафҳуми коррупсия мувофиқи мақсад дониста мешавад: Дар мазмуни маҳдуд коррупсия ҳамчун ришваситонии шахсони мансабдори давлатӣ, ки қонунгузорӣ бо таҳдиди татбиқи ҷавобгарии ҳуқуқӣ муқаррар кардааст, фаҳмида мешавад. Дар доираи фаҳмиши «васеъ» коррупсия ҳамчун ғаразнок сӯиистифода кардан аз мавқеи мансабӣ ва ё мавқеи иҷтимоию сиёсӣ ва ҷамъиятии шахс ва нуфузи худ дар амалӣ намудани корҳои давлатию ҷамъиятӣ муайян карда мешавад.

5. Кирдорҳои коррупсионӣ ва амалҳои ба он монанди барои ҷамъият хавфнок ҳануз аз давраҳои қадим, баробари пайдоиши моликияти хусусӣ ва муомилоти молӣ, тақсимоти ҷамъиятии меҳнат ва вобастагии манфиатҳои молӣ ва идоракунӣ ташаккул ёфта, то сатҳ ва фаҳмиши  муосири худ расидаанд. Дар ҳама давру замон он ҳамчун

зуҳуроти манфӣ ва барои пешрафти ҷомеа зарароварy монеъшаванда дониста мешуд. Шаклҳо, роҳу воситаҳо ва механизмҳои мухталифи ҳуқуқию ҷамъиятии муқовимат намудан ба он дар шаклу навъҳои гуногун вобаста ба низомҳои шароитҳои таърихӣ баҳри муқовимат бо он истифода гардидаанд. Дар ҳама низомҳои таърихии ҳуқуқи миллии халқи тоҷик меъёрҳои ҳуқуқӣ, динӣ, одатию анъанавӣ, идоракунӣ ва ғ. коркард шудаанд, ки дар ҷараёни муқовимат бо кирдорҳои коррупсионӣ самараи дилхоҳ додаанд.

6. Коррупсия ҳамчун кирдори зиддиҳуқуқӣ ва шакли расмию ҳуқуқӣ аз низоми ҳуқуқи шуравӣ ба тариқи меросият ба низоми ҳуқуқи миллӣ ворид гардидааст. Таҷрибаи бойи фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиқсозии давлати шуравӣ барои кишварҳои пасошуравӣ, махсусан ҶТ, ниҳоят арзишманд буда, омӯзиши таърихӣ-назариявии он метавонад дар ин самт самаранок истифода шавад. Самаранокии муқовимат бо кирдорҳои коррупсионӣ, махсусан самаранокии татбиқи ҷавобгарии ҳуқуқӣ, барои ҳама намуди амалҳои коррупсионӣ баланд буд. Аз ҷониби дигар, вазифаи аз байн бурдани он ҳамчун зуҳуроти номатлуби ҷомеа ҳанӯз ҳам авлавиятнок ҳисобида мешавад. Дар ин самт истифодаи таҷрибаи на танҳо фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва дигар мақомоти давлатӣ, балки ҷалб намудани аҳли ҷомеа, ки дар самти муқовимат бо ин гурӯҳи зуҳуроти ҷамъиятӣ дар давлати шуравӣ васеъ истифода мегардад, аз манфиат холӣ нест.

7. Сиёсати зиддикоррупсиониро бо назардошти доираи субъектони баамалбарорандаи он, доираи амалишавӣ ва мақсадҳои сиёсати зиддикоррупсионӣ, ҳамчунин, механизми таҳқиқи илмӣ-таҳлилию пешгӯии он ва дигар ҳолатҳои объективӣ пешниҳод намудан мумкин аст. Сиёсати ҳуқуқии зиддикоррупсионӣ маҷмуи донишҳои ҳуқуқи соҳавӣ, фаъолияти ҳамоҳангшудаи мақомоти давлатию сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва маҷмуи чораҳои ҳуқуқие мебошад, ки дорои самтҳои алоҳида буда, баҳри баланд бардоштани

фарҳанги зиддикоррупсионии шаҳрвандон, такмили қонунгузори кишвар, дар умум, муқовимат ба коррупсия ва коҳиш додани сатҳи ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ равона гардидааст. Сиёсати зиддикоррупсионӣ фаъолияти мақсаднок буда, аз нуқтаи назари муайян низоми тадбирҳое мебошад, ки ба ноил шудан ба ҳадафи мушаххас тобеъ мебошанд.

8. Унсури марказии муқовимат бо коррупсия шуури ҳуқуқии зиддикоррупсионӣ мебошад. Он як ҷузъи шуури умумии ҳуқуқӣ буда, баҳри дарк ва баҳогузорӣ намудан ба амалҳои коррупсионӣ равона шуда, дар натиҷаи амалисозии он дар тафаккури шахс механизми баланди муқовимат ба коррупсия ташаккул дода мешавад. Азбаски сохтори шуури ҳуқуқӣ ду ҷузъи асосӣ (донишӣ ва арзёбӣ) дорад, аз ин рӯ, ташаккули он бояд дар ду самт: таълими ҳуқуқӣ ва тарбияи ҳуқуқӣ сурат гирад. Фарҳанги ҳуқуқии зиддикоррупсионӣ дар заминаи фарҳанги миллӣ, таҷрибаи қонунсозӣ, дар шароити зудтағйирёбандаи таърихӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ ташаккул меёбад. Метавон гуфт, ки фарҳанги ҳуқуқии зиддикоррупсионӣ ҷузъи ҷудонашавандаи тамаддун ва арзишҳои миллии мардуми тоҷик аст. Он дар давраҳои гуногуни таърихи миллат ташаккул ёфта, аз насл ба насл интиқол ёфта, имрӯз ба шароити Тоҷикистони муосир мутобиқ гардидааст. Зимнан, сиёсати ҳуқуқии мубориза бо коррупсия дар Тоҷикистон мутобиқи талаботи давлату ҷомеа ва тағйирёбии шароит пайваста такмил меёбад.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** дар он ифода меёбад, ки хулосаҳо ва пешниҳодҳои дар натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ бадастомада ҷиҳати ҳалли як қатор масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ дар самти муқовимат ба коррупсия мусоидат менамоянд. Ақида ва мафҳумҳои илмии дар натиҷаи таҳқиқот ба даст омада заминаи назариявӣ барои таҳқиқотҳои минбаъдаи илмӣ дар соҳаиа фаъолияти зиддикоррупсионӣ, сиёсати зиддикоррупсионӣ ва фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ дар ин самт шуда метавонанд. Андешаҳои илмии

пешниҳодшуда ва ақидаҳои муаллиф дар самти сиёсати зиддикоррупсионӣ бо назардошти дарки мафҳумҳои ҳуқуқӣ ва назарияҳои гуногуни ҳуқуқ, сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ ва фаъолияти ҳуқуқтатбиқсозии зиддикоррупсионӣ дар кишвар пешниҳод шудаанд, ки метавонанд дар раванди таҳқиқи илмии падидаҳои мухталифи ҳаёти давлатӣ ва ҳуқуқӣ муфид бошанд. Аз ҷумла, масъалаҳои мукаммал намудани адабиёти таълимӣ дар бахши коррупсия ва таҳқиқи кирдорҳои коррупсионӣ, таҳқиқи масъалаҳои ҳуқуқӣ ва қонунгузорӣ дар ин самт ва м.и.

Аҳаммияти назариявии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки истифодаи маводи диссертатсия дар таҳлилу хулосабарории мавзуъҳои назариявӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ, ҳуқуқи ҷиноятӣ, маъмурӣ, мурофиаи ҷиноятӣ ва маъмурӣ, ҳуқуқшиносии муқоисавӣ маълумотҳо ва маводҳои нави илмиро пешниҳод менамояд. Хулоса ва пешниҳодҳои дар натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионӣ оид ба падидаи коррупсия ва муқовимат ба он мумкин аст дар ҳалли як қатор мушкилоти дар илмҳои таърих ва назарияи давлат ва ҳуқуқ, ҳуқуқи ҷиноятӣ ва умуман, илми ҳуқуқшиносӣ мавҷудбуда истифода гарданд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он ифода мегардад, ки дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ҷиҳати такмили қонунгузории кишвар метавон хулосаву пешниҳодҳои таҳқиқотро вобаста ба масъалаҳои марбут ба мафҳуму субъектони коррупсия ва муқовимат ба он, ба монанди тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии ҶТ, Қонуни ҶТ «Дар бораи муқовимат ба коррупсия», таҳияи санадҳои нави ҳуқуқӣ, таҳия ва қабули стратегия ва консепсияҳои давлатӣ ва ғ. истифода бурд. Хулосаву пешниҳодҳои таҳқиқот барои амалияи ҳуқуқтатбиқсозӣ ҷиҳати такмилу ташаккули чораҳои зиддикоррупсионӣ дар кишвар аҳаммияти калон доранд. Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонанд ба ҷалби аҳли ҷомеа, ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, ташкилоту муассисаҳо дар самти амалӣ

намудани сиёсати ҳуқуқӣ ва такмили асосҳои илмӣ-методии сиёсати зиддикоррупсионӣ мусоидат намоянд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ба таҳлили воқеъбинона ва ҳаматарафаи таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ оид ба паҳлуҳои мухталифи ташаккул ва инкишофи асосҳои назариявию таърихии омӯзиши падидаи коррупсия ва муқовимат ба он дар Тоҷикистони тошуравӣ, шуравӣ ва соҳибистиқлол, таҳлили натиҷаҳо ва хулосаҳои дар илм пазируфташуда, мафҳумҳо, андешаҳо ва тавсияҳои назариявию амалии муаллиф, нуктаҳои илмии таҳқиқот ва тавсияҳо, таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории миллӣ бо сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ дар самти муқовимат ба коррупсия асос меёбад.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мутобиқ мебошад.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ.** Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия ба сатҳи навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсия, нуқтаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, мақолаҳои илмӣ, маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ оид ба паҳлуҳои мухталифи масъалаи ташаккул ва инкишофи асосҳои назариявӣ-ҳуқуқии коррупсия дар Тоҷикистони тошуравӣ, шуравӣ ва соҳибистиқлол асоснок карда мешавад. Ҳамзамон, масъалагузорӣ ва сабки диссертатсия саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳанд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқот.** Рисола дар кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон омода гардида, борҳо дар ҷаласаҳои кафедраи номбурда муҳокима гардида, ба ҳимоя пешниҳод шудааст.

Муҳимтарин натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар шакли пешниҳоди маърузаҳо дар конференсияҳои ҷумҳуриявию байналмилалии илмӣ-назариявии зерин мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд:

а) байналмилалӣ:

– Таҷрибаи муқовимат бо падидаҳои коррупсионӣ дар Тоҷикистони таърихӣ // Конференсияи байналмилалии илмию назариявӣ дар мавзуи «Ҳуқуқи инсон: масъалаҳои назарӣ ва амалӣ» бахшида ба Рӯзи байналмилалии ҳуқуқи инсон, 30-юмин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва эълон гардидани соли 2024 ҳамчун «Соли маърифати ҳуқуқӣ» (6 декабри соли 2024);

– Актуальные проблемы предупреждения и профилактики коррупции в органах государственной власти Таджикистана // VII Международная научно-практическая конференции на тему «Национальная правовая система Республики Таджикистан и стран СНГ: анализ тенденций и перспектив развития» посвящённой 25-летию Конституции Республики Таджикистан (Душанбе, 31 октября 2019 г.);

б) ҷумҳуриявӣ:

– Субъектони фаъолияти зиддикоррупсионӣ // Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Конститутсия ҳамчун омили муътадилии давлат (Конституция как фактор стабильности государства)» (25 октября 2024 г.);

– Понятие и способы противодействия коррупции / XXIII Славянские чтения: научной конференции профессорско-преподавательского состава и студентов юридического факультета РТСУ (Душанбе, 24 апреля 2019 г.);

– Актуальные проблемы предупреждения и профилактики коррупции в сфере государственной власти // XXIV Славянские чтения: научной конференции профессорско-преподавательского состава и студентов юридического факультета РТСУ (Душанбе, апрель 2020 г.);

– Организационные аспекты расследования коррупционных преступлений // XXIV Славянские чтения: научной конференции профессорско-преподавательского состава и студентов юридического факультета РТСУ (Душанбе, апрель 2020 г.).

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Доир ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ унвонҷӯ 16 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 8 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ ва 8 мақола дар маҷаллаҳои дигар ба нашр расонидааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз номгӯйи ихтисораҳо, муқаддима, ду боб, ҳафт зербоб, хулоса, тавсияҳо, номгӯйи адабиёт (маъхазҳо) ва феҳристи интишороти унвонҷӯ иборат аст. Ҳаҷми умумии диссертатсия 182 саҳифаро ташкил медиҳад.

# БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ-ҲУҚУҚИИ МУҚОВИМАТ БА КОРРУПСИЯ

## 1.1. Асосҳои методологии таҳқиқи назариявӣ-ҳуқуқии падидаи коррупсия

Коррупсия яке аз падидаҳои ҳуқуқӣ ва зуҳуроти номатлуби ҷомеа ба ҳисоб рафта, атрофи он дар ҳама давру замон андешаронӣ вуҷуд дошт. Дар замони муосир коррупсия ба яке аз проблемаҳои умумиҷаҳонӣ табдил ёфта, дар сатҳи байналмилалию минтақавӣ ва миллӣ бо он мубориза бурда мешавад. Асоси мубрамияти мубориза ба коррупсия оқибатҳои хатарноки падидаи мазкур дониста мешавад, зеро коррупсия ба тамоми низоми давлатдорӣ таъсири манфӣ расонида, фаъолияти мунтазами соҳаҳои ҷамъиятӣ, давлатӣ ва ҳуқуқиро вайрон менамояд. Бо ин назардошт, таҳлилу омӯзиш, таҳқиқ ва баъзе аз паҳлуҳои муҳиими коррупсия барои назария ва амалия аз ҷумлаи масъалаҳои мубрам арзёбӣ мегардад.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ қайд гардидааст, ки «яке аз масъалаҳои муҳимми таҳқиқи падидаи коррупсия раванд ва методологияи омӯзиш ва аз худ намудани чораҳои муқовимат намудан ба он мебошад. Ҷузъҳои дониши ҳар як фан дар мактаби олӣ ба усул ва воситаҳои омӯзиши он асос ёфтаанд. Яке аз асосҳои методологии азхудкунии блокҳои мавзуӣ дар курси ҳуқуқшиносӣ усули таҳлил ва муқоиса мебошад, ки ҳангоми баррасии масъалаҳои дорои хусусияти феноменологии таърихӣ, бахусус, коррупсия самараноктар аст. Аз худ намудани тамоюлҳои анъанавӣ ва муосир дар соҳаи мубориза бо коррупсия, унсури муҳимми азхудкунии малака ва дониш дар донишҷӯён метавонад таҳлили муқоисавии вазъи кишварҳои дигар бошад, ки таҷрибаи онҳо дар мубориза бар зидди коррупсия намунаи равшан аст» [76, с. 147]. Маврид ба зикр аст, ки коррупсия падидаи умумисоҳавӣ буда, таҳқиқу омӯзиши он аз ҷониби илмҳои гуногун ба роҳ монда мешавад. Аз ҷумла, ҳуқуқшиносӣ,

сиёсатшиносӣ, ҷомеашиносӣ, психология, фарҳангшиносӣ ва ғайра. Бинобар ин, олимону донишмандони илмҳои мазкур атрофи паҳлуҳои мухталифи коррупсия андешаронӣ намудаанд. Дар омӯзиши масъалаи коррупсия дар Тоҷикистон саҳми як қатор муҳаққиқон, аз қабили Х.А. Умаров [155], Ш.М. Шарифзода [159], З.Х. Зокирзода [78], Г.Н. Зокиров [21], Р.Ш. Нуриддинов [109], А.А. Шамолов [137] ва дигарон назаррас мебошад. Ба андешаи Ш.Қ. Ҳасанов, «муҳаққиқони мазкур тавонистанд, ки сабабу хусусиятҳои пайдоиши коррупсияро пас аз фурӯпошии низоми шуравӣ нишон диҳанд» [158, с. 58].

М.В. Аверянов қайд менамояд, ки дар рафти таҳқиқот истифода бурдани усулҳои назариявиеро, ки пайравони самти сотсиологияи фарҳанг, ба мисли интерактивизми рамзӣ Г. Блумер, Ч. Кули, Д. Мид, В. Томас таҳия кардаанд, муҳим мешуморем [58, с. 238]. Бояд ишора намуд, ки омӯзиши методологии падидаи коррупсия аз гуногунҷабҳа ва мураккаб будани мазмуну моҳияти он вобастагӣ дорад. Масалан, Ҷ. Свенссон коррупсияро ҳамчун паёмади дигар мушкилоти мавҷуда медонад. Ба андешаи ӯ, «коррупсия табиат ва сифати ниҳодҳои қонунгузорӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва сиёсиро инъикос мекунад. Зиёда аз ин, коррупсия сифати ахлоқии мардум ва арзишҳову бартариятҳои ҳукмрон дар ҷомеаро инъикос менамояд» [121, с. 40]. Ш.Х. Солиев андешаи мазкурро чунин шарҳ медиҳад, ки «ба зуҳур ва тақвияти коррупсия дар як ҷомеа ҷиҳатҳо ва арзишҳои ахлоқии ҳукмрон дар он таъсиргузор ҳастанд. Яъне он ҷиҳати масъала муҳим аст, ки дар як ҷомеа то кадом андоза арзишҳои ахлоқӣ ба мушкилоти коррупсия мусоидат ва ё мухолифат карда метавонанд» [124, с. 146].

Дар баробари муқаррар кардани мафҳуми коррупсия ба хулосае омадан мумкин аст, ки тасаввуроти коррупсионӣ умумисоҳавӣ мешавад. Ба андешаи Г.И. Богуш, «донишҳои ҳуқуқию сиёсӣ ба коррупсия чун пасткунандаи нуфузи ҳокимият ва иҷроиши ҳуқуқу озодиҳо дар назари халқ муносибат мекунанд. Сиёсатшиносон ҳангоми таснифи коррупсия,

асосан, маблағгузории ғайриқонунии ҳизбҳои сиёсӣ, сӯйистифода аз ваколатҳои дар парлумон дошта ва ба ҳаминҳо монандро коррупсияи сиёсӣ эътироф менамоянд» [147, с. 24]. Л.В. Гевелинг дуруст зикр намудааст, ки «коррупсияи сиёсӣ клептократияро (аз kIepto – дуздидан ва kratos – ҳукмронӣ кардан, ҳокимияти дуздон) ба миён меоварад» [149, с. 10]. Коррупсия ҷомеаро аз захираҳои муҳиме, ки метавонанд барои қонеъ кардани ниёзҳои асосӣ дар соҳаи тандурустӣ, маориф, инфрасохтор ё амният истифода шаванд, маҳрум месозад. Аз тарафи дигар, коррупсия ба фаъолияти сохторҳои давлатӣ дар маҷмуъ ва бахусус ба низоми адлия таъсири мустақим мерасонад. Коррупсия эътимоди мардумро ба ҳокимияти судӣ коҳиш медиҳад, низоми судиро аз имкони кафолати ҳифзи ҳуқуқи инсон маҳрум месозад ва ба иҷрои вазифаҳои онҳо аз ҷониби судяҳо, адвокатҳо ва дигар кормандони соҳаи адвокатура таъсир мерасонад.

Баҳри омӯзиши коррупсия методологияи гуногун истифода гардидааст. Ба андешаи М.В. Аверянов, дар асоси равиши методологие, ки дар рафти таҳлили иҷтимоию фарҳангӣ истифода мешавад, мо равишҳои сохторӣ, функсионалистӣ ва системавиро аз он ҷо зарур мешуморем, ки коррупсия унсури воқеияти иҷтимоӣ буда, ҷузъи хоси фарҳангӣ дорад [57, с. 238]. Аз андешаи мазкур бармеояд, ки равиши методологии омӯзиши коррупсия бештар ба ҷанбаҳои фарҳангию ахлоқии он такя менамояд. Муҳаққиқ Ҷ. Роден бошад, чунин меандешад, ки мушкилоти коррупсия аз як масъалаи иқтисодӣ ба як мушкилоти ахлоқӣ мубаддал гаштааст [117, с. 15]. Як гурӯҳи муҳаққиқон қайд мекунанд, ки «омӯзиши бевоситаи мавзуи «коррупсия», воқеан, муносибати маҷмуиро ба баррасии масъалаҳои пайдоиши таърихӣ ва хусусиятҳои лаҳзаҳои ноустувории имрӯзаи ҷомеа, ки ба мубориза бо «падидаи иҷтимоӣ» таъсир мерасонанд, ифода мекунанд: дурнамои таҳлилӣ ба таърих, ҷамъбаст ва унсурҳои ҷудошуда дар сохтори раванд, миқёс ва воқеияти кунунӣ дар соҳаи падидаи омӯхташаванда, пешгӯии

вазъият, хулосаҳои асоснок ва ғ» [76, с. 147]. Ба андешаи Ш.Х. Солиев, ҳама гуна зуҳуроти коррупсионӣ барои ахлоқи як ҷомеа хатар эҷод мекунанд, зеро онҳо боварии мардумро ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ мекоҳонанд ва монеаи бароварда шудани мунтазириҳои қонунии ҷомеа ва шаҳрвандон мегарданд [124, с. 147]. Гуногунии шаклҳои зуҳури коррупсия ва бисёрҷанбаи худи падида низ зарурати муносибати интегративиро ба истифодаи донишҳои илмии байнисоҳавӣ муайян мекунанд.

Мушкилот барои ҳама давру замонҳо, ки дар сохтор ва сабабияташ унсурҳои якхела дорад ва ба ҳама кишварҳо хос аст, коррупсия мебошад. Тамоюлҳои мавҷудаи ҷаҳонӣ дар роҳу усулҳои мубориза бо он гувоҳӣ медиҳанд, ки схемаҳои коррупсиониро назорат кардан ва ба натиҷаҳои кам кардани онҳо ноил шудан ва ҳатто имкониятҳои воқеии аз байн бурдани пурраи он мавҷудан[77, с. 50]. Муҳаққиқон В.Н. Снетков ва А.П. Савелева дар шароити таҳким пайдо намудани коррупсия дар сатҳи ҷаҳонӣ яке аз вазифаҳои муҳимми давлати муосирро дар ҳифз ва дастгирии низоми арзишҳои анъанавӣ медонанд [51, с. 234-237]. Тавре дар адабиёти ҳуқуқӣ иброз шудааст: «дар ҳоли ҳозир, Ҷумҳурии мардумии Чин яке аз кишварҳои пешрафта ва муваффақ дар мубориза бо коррупсия ба ҳисоб меравад. Маҳз дар ин кишвар чораҳои сахттарин ва шадиди мубориза бо коррупсия таҳия ва ҳоло истифода мешаванд, ки дар қонунгузории ҷиноятии он инъикос ёфтааст» [79, с. 208]. Дар қонунгузории ҷиноятии Чин «ҷузъи коррупсия пеш аз ҳама ҷиноятҳоеро дар назар дорад, ки аз ҷониби кормандони давлатӣ бо истифода аз ваколатҳои мансабиашон содир шуда, бо ҳамин тариқ дуздидан, тасарруф кардан ва ғайриқонунӣ иваз кардани моликияти ҷамъиятиро содир мекунанд. Мақомоти Ҷумҳурии мардумии Чин дар моҳи декабри соли 1951 усулҳои зиддикоррупсионии худро бо ба истилоҳи «стратегияи ҷанг» оғоз кардааст. Айни замон барномаи васеъмиқёси зиддикоррупсионӣ («се муқобил») ба роҳ монда мешавад, ки ба

муқовимат ва решакан кардани ҳуқуқвайронкуниҳо (коррупсия), кам кардан ва «такмил додани» низоми ҳамкорӣ дар сохтори идоракунии давлат ва дар маҳалҳо (зидди бюрократизм), назорати оморӣ ва молиявӣ аз болои хазинаи хароҷоти давлат (зидди исрофкорӣ) нигаронида шудааст» [76, с. 147]. Дар дигар адабиёти ҳуқуқӣ қайд шудааст, ки «айни замон дар Чини муосир мубориза бо коррупсия тавассути технологияҳои муосири иттилоотӣ идома дорад. Ҳама қарорҳои мансабдорони давлатӣ ба таври онлайн назорат карда шуда, барои иҷрои онҳо санҷишҳои қатъӣ гузаронида мешаванд. Аз ин рӯ, ҳар як шаҳрванд имкон дорад, ки маълумоти ошкоро нашршударо дар бораи фаъолияти хизматчиёни давлатии дастгоҳи давлатӣ назорат намоянд» [82, с. 416].

Ш.Қ. Ҳасанов изҳор намудааст, ки «дар оғози солҳои 90-уми асри XX нахустин таҳқиқоти муфассали сиёсатшиносон, сотсиологҳо, иқтисодшиносон, ҳуқуқшиносон ва дигар мутахассисони ватанӣ, ки моҳият ва қонуниятҳои пайдоиш ва рушди коррупсияро дар кишвар ошкор мекарданд, арзи вуҷуд намуданд. Баъд аз солҳои 2000 ва махсусан дар ибтидои асри XXI сабабҳои мавҷудият, бозтавлид ва шакливазкунии коррупсия дар ҷомеа аз тарафи мутахассисони ватанӣ фаъолона мавриди омӯзиш қарор гирифт. Ин ҳама дар ибтидои солҳои 90-уми асри XX, замоне ки дар натиҷаиислоҳот моликияти азими давлатӣ дар асл бесоҳиб монда буд, барои татбиқи минбаъдаи амалҳои коррупсионӣ дар муносибатҳои ҷамъиятӣ заминаи хеле мусоид фароҳам омад. Раванди аз миён бардоштани аксарияти ниҳодҳои низоми шуравии назорати иҷтимоию давлатӣ ва иваз кардани онҳо бо дигар ниҳодҳои камсамар, вале ба ҳар сурат амалкунанда маҳз ба ҳамин давра рост меояд» [158, с. 57].

Дар асарҳои асосгузорони функсионализми сохторӣ (Т. Парсонс, Р. Мертон) «маҳз мавҷудияти номутобиқатии байни сохти ҷамъиятӣ («маҷмуи муташаккили муносибатҳои иҷтимоӣ») ва маданият («маҷмуи

муташаккили арзишҳои меъёрӣ») ҳамчун муайянкунандаҳое, ки рафтори девиантиро ба вуҷуд меоранд, таъкид шудаанд» [57, с. 240].

Як гурӯҳ муҳаққиқон атрофи масъалаи коррупсия ва андозагирӣ кардани он андешаронӣ намуда, изҳор доштаанд, ки: «Коррупсия дар тӯли таърихи худ тамаддуни ҷаҳониро ҳамроҳӣ мекард, аммо танҳо дар охири садаи бистум ба вазифаи андозагирии коррупсия, баҳодиҳии сифатӣ ва микдорӣ ба вазъи он дар давлатҳои гуногун таваҷҷуҳ зоҳир гардид. Имкониятҳои халли амалии ин масъала аз он ҷиҳат ба таври назаррас мусоидат карданд, ки инкишофи пуршиддати технологияи ҷамъоварӣ, коркард ва интиқоли ахбор ба бисёр ташкилотҳои байналхалқӣ ва ғайридавлатӣ аз солҳои 70-уми асри XX ба гузаронидани тадқиқотҳои гуногуни иқтисодӣ, сиёсӣ ва сотсиологӣ дар саросари ҷаҳон имконият дод, ки бо истифода аз базаҳои маълумотҳо ва манбаъҳои иттилоотӣ, ки дар кишварҳои мухталифи тамоми қитъаҳо ҷойгиранд, гурӯҳҳои байналмилалӣ ва миллии коршиносон оғоз карда шаванд. Аввалин чунин таҳқиқоти систематикиро, ки дар доираи он муайян кардани нишондиҳандаҳои микдории вазъи коррупсия оғоз ёфт, метавон лоиҳаи «Роҳнамои байналмилалии хавфҳои кишвар (ICRG)» номид, ки аз соли 1980 аз ҷониби ширкати Political Risk Services амалӣ карда мешавад» [108, с. 149]. Новобаста аз ин, то ҳол саволҳо дар бораи чаро ва чӣ гуна андозагирӣ кардани коррупсия дар ҷанбаҳои амалӣ ва назариявӣ, асосан, мушкилот ва баҳсбарангез боқӣ мемонанд. Коррупсия, чун қоида, ба рушди иҷтимоию иқтисодии ҳар кишвар таъсири хеле манфӣ мерасонад. Зарари зиёди иқтисодӣ аз коррупсия, пеш аз ҳама, он аст, ки коррупсия монеа барои татбиқи сиёсати макроиқтисодии давлатӣ мебошад. Дар баробари ин, дар натиҷаи коррупсия дар зинаҳои миёна ва поёнии системаи идоракунӣ ҳукумати марказӣ дар бораи вазъи воқеии кишвар маълумоти муътамад намегирад ва мувофиқан имкони ноил шудан ба ҳадафҳои пешбинишудаи молиявию сиёсӣ вуҷуд надорад.

Э. Панфилова дар мақолаи мубоҳисавии худ ба саволи он ки чаро коррупсияро андозагирӣ кардан лозим аст, қайд карда буд, ки «ин имкон медиҳад, ки на танҳо сатҳи умумии он дар кишвар баҳо дода шавад, балки барои муайян кардани бахшҳои иқтисодиёт, ки ба коррупсия бештар осебпазиранд ва дигар «нуқтаҳои гарм», ки дар он баланд аст, татбиқи стратегияи зидди коррупсия аҳаммияти калон дорад. Чунин ба назар мерасад, ки ҳадафи дигари муҳимми андозагирии коррупсия ва муайян кардани нишондиҳандаҳои микдории ҳолати он дар давлатҳои гуногун метавонанд зарурати тартиб додани тавсифи умумии давлат ҳамчун як ниҳоди ягонаи сиёсӣ – субъекти равандҳои байналмилалии сиёсӣ ва иқтисодӣ, бошад» [108, с. 150]. Дар дигар сарчашма қайд мегардад, ки «омӯзиши давлатҳо ҳам ҳамчун иштирокчиёни чунин равандҳо бо хусусиятҳои хоси онҳо ва ҳам ҳамчун маҷмӯи системавии сохторҳои институтсионалӣ (институтҳои давлатӣ), фармонҳо, қоидаҳо, робитаҳо, муносибатҳо ва равандҳои ҳамкории ин сохторҳо, гуногунии байнидавлатӣ ва ғайриҳукуматӣ, ташкилотҳо аз охири асри XX сар карда, тадқиқотҳои гуногуни кишвар (давлатӣ) мегузаронанд. Мақсади чунин тадқиқотҳо ба даст овардани маълумоти микдорӣ оид ба хусусиятҳои гуногуни давлатҳо дар ҷаҳони муосир, аз ҷумла нишондиҳандаҳои ҳолати коррупсия мебошад» [24, с. 158]. Маврид ба тазаккур аст, ки дар навбати худ, натиҷаҳои таҳқиқоти микдорӣ ҳамчун заминаи маълумоти эмпирикӣ барои гузаронидани таҳқиқоти ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва дигар таҳқиқоти фаннӣ оид ба ҳолат ва тамоюлҳои рушди давлатҳои муосир, масалан, бо истифода аз усули таҳлили муқоисавии институтсионалӣ васеъ истифода мешаванд, ки дар он нишондиҳандаҳои ҳолати коррупсия нақши муҳимтар доранд.

Атрофи масъалаи мазкур Ш.Қ. Ҳасанов иброз намудааст, ки: «Дар ҶТ бошад, натиҷаи чунин андозагириҳо тамоман дигар мебошад. Барои мисол, тибқи маълумоти созмони байналмилалии «Transparency International» дар соли 2011 Тоҷикистон дар муқоиса бо соли 2010 дар ду

мавқеъ қадам ба пеш гузошт ва 2,3 хол ба даст оварда, ҷойи 152-юмро дар миёни 182 кишвар ишғол намуд, соли 2012 бо 2,2 хол ҷойи 157-умро дар байни 178 кишвар ба даст оварда буд. Аммо дар рейтинги соли 2013, тибқи арзёбии созмони номбурда Тоҷикистон, 22 хол аз 100 холи имконпазирро ба даст оварда, дар миёни 177 кишвар ҷойи 154-умро ишғол кард. Мувофиқи натиҷаҳои таҳқиқоти сотсиологӣ, ки соли 2011 таҳти унвони «Коррупсия дар ҶТ: назари аҳли ҷомеа», аз тарафи Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти ҶТ гузаронида шуда буд, дар зарфи панҷ сол сатҳи дарки коррупсия дар ҷумҳурӣ 14,2 фоиз афзоиш намуда, 46,1%-ро ташкил намудааст. Агар дар соли 2005 андозаи миёнаи ришва дар Тоҷикистон ба 620 сомонӣ баробар бошад, соли 2011 нишондиҳандаи мазкур ба 1800 сомонӣ ($380) расидааст. Умуман, ин маблағҳо миллиардҳо сомониро ташкил мекунанд, ки берун аз буҷети давлатӣ аз як ҷайб ба ҷайби дигар мегузаранд. Ин маблағ ба як буҷети кишвар баробар мебошад» [158, с. 54].

Таҳлилҳо аз бесамарии методҳои муқовимат бо коррупсия дар кишварҳои ҷаҳон бозгӯ менамояд. Бояд гуфт, ки мубориза бо коррупсия саъю кушиши коллективӣ буда, муқовимати якҷояи мақомотҳои давлатӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва иштироки ҳар як аъзои ҷамъиятро талаб менамояд. Дар мавриди татбиқи амалии тадбирҳои зиддикоррупсионӣ ҳанӯз ҳам саволҳо вуҷуд доранд ва аз ин рӯ, муҳокима ва табодули таҷриба байни минтақаҳо, сохторҳо, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва намояндагони институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳоло аз ҳарвақта муҳимтар аст.

Таҷрибаи байналмилалӣ ва миллӣ нишон медиҳад, ки бо истифода аз чораҳои ҷудогона бо коррупсия мубориза бурдан ғайриимкон аст. Мувофиқи баъзе андешаҳо, «яке аз равишҳои имконпазири омӯзиш ва андозагирии коррупсия экспертизаи судӣ мебошад, ки дар он хусусиятҳои он дар асоси таҳлили парвандаҳои ҷиноятӣ ва баррасии парвандаҳои коррупсионӣ муайян карда мешавад, ки албатта, метавонад

афзоиши назарраси донишро дар бораи хусусиятҳои сифатии коррупсия дар давлат таъмин намояд. Аммо бо бархӯрди криминологӣ хусусияти динамикаи мубориза бо коррупсия ва тағйирёбии сатҳи он аз рӯйи шумораи парвандаҳои оғозкардаи мақомоти тафтишотӣ ва парвандаҳои коррупсионӣ ба судҳо баҳо дода мешавад ва чунин маълумотро дар доираи қонун дуруст ҳисоб кардан мумкин нест. Ҳамин тариқ, онҳо метавонанд тағйироти воқеии сатҳи коррупсияро тавсиф кунанд, аммо онҳоро, инчунин бо зиёд ё паст шудани самаранокии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ муайян кардан мумкин аст. Аз ин лиҳоз, маълумот дар бораи шумораи ҳукмҳои содиркардаи судҳо эътимодноктар нест» [108, с. 151].

Шаффофият дар мубориза бо коррупсия нақши муҳим мебозад, зеро он ба ҷомеа имкон медиҳад, ки амалҳои мақомоти давлатӣ ва мансабдоронро назорат кунад. Решакан кардан ва пешгирӣ намудани коррупсия на танҳо салоҳияти мақомоти салоҳиятдор аст, балки ҷомеа низ бояд дар мубориза бо ин беморӣ нақши фаъол дошта бошад. Назорати ҷамъиятӣ бояд ҳамчун чораи пешгирикунанда барои пешгирии коррупсия истифода шавад. Чӣ қадаре ки сатҳи шаффофият баланд бошад, пинҳон кардани нақшаҳои коррупсионӣ ҳамон қадар мушкилтар мешавад.

Гурӯҳе аз муҳаққиқон қайд намудаанд, ки «азбаски коррупсия ҷинояти ниҳонӣ аст, ба мисли ҳама гуна зуҳуроти ниҳонӣ дар он мушоҳида ва андозагирии мустақим қобили қабул нест. Аслан ба даст овардани маълумоти боэътимод оид ба тамоми маҷмуи амалҳои коррупсионӣ дар давлат ғайриимкон аст. Аз ин рӯ, барои бавосита арзёбии сатҳи коррупсия метавон аз чунин усулҳои анъанавии таҳқиқоти сотсиологии падидаҳои ниҳонӣ, ба мисли усули арзёбии экспертӣ, усули таҳқиқоти сотсиологӣ ва маҷмӯи онҳо истифода бурд. Маҳз дар истифодаи чунин усулҳо проблемаи асосии методологии андозагирии миқдори коррупсия ифода ба миён меояд, зеро андозагирии миқдории коррупсия бо истифода аз усули арзёбии экспертӣ одатан ба

коршиносон, ки таҳлили вазъи коррупсия ва ҷанбаҳои гуногуни онро тавассути пурсишномаи коршиносон бо додани ё ҷамъбасти баҳодиҳии миқдорӣ ё пурсиши экспертӣ ва муҳокимаи минбаъда ва коркарди омории коррупсия анҷом медиҳанд, асос меёбад. Барои анҷом додани чунин корҳо мутахассисони соҳаи омӯзиши коррупсия ва татбиқи сиёсати зиддикоррупсионӣ, мансабдорони давлатӣ, ки омодаанд дар ин корҳо, сиёсатмадорон, инчунин соҳибону роҳбарони ширкатҳо ва ташкилотҳои бахши хусусӣ ва давлатии иқтисодиёт ҳамчун мутахассис ҷалб карда шудаанд. Дар ин маврид ҳам шумораи умумии коршиносони ҷалбшуда ва ҳам тақсимоти онхо дар байни гурӯҳҳои мухтори ҳудудию давлатӣ аҳаммияти калон доранд, ки сифати манбаъҳои иттилооти ибтидоиро муайян мекунанд» [108, с. 151]. Таҳлилҳо муайян месозад, ки омӯзишу таҳқиқи коррупсия асосҳои муайяни назариявию методологиро тақозо мекунад. Омӯзиши методологии коррупсия имкон медиҳад, ки ҷанбаҳои гуногуни он ошкор карда шуда, дар натиҷа мувофиқ ба он усулҳои муассири муқовиматкунанда ташкил карда шаванд.

Ҳамин тариқ, зимни таҳқиқу омӯзиши масъалаи асосҳои назариявию методологии омӯзиши коррупсия ва баъзе проблемаҳои он ба як қатор хулосаҳо омадан мумкин аст:

1. Коррупсия падидаи байнисоҳавӣ буда, аз ҷониби илмҳои гуногун, ба монанди ҳуқуқшиносӣ, сиёсатшиносӣ, ҷомеашиносӣ, иқтисодиёт ва ғайра омӯхта мешавад. Муҳаққиқони илмҳои мазкур коррупсияро аз нигоҳҳои мухталиф таҳлил намуда, атрофи проблемаҳои гуногун дар самти мубориза ба коррупсия андешаронӣ кардаанд. Яке аз сабабҳои назаррас набудани натиҷаҳои мубориза ба коррупсия дар кишварҳои ҷаҳон низ дар он ифода меёбад, ки он падидаи мураккаб ва гуногунҷанба буда, атрофи он ягонафикрӣ ҷой надорад.

2. Проблемаҳои дар боло зикршуда оид ба муайян кардани нишондиҳандаҳои миқдории ҳолати коррупсия бо истифода аз усулҳои

таҳқиқоти сотсиологӣ то ин ё он дараҷа ба ҳама усулҳои маълум ва ҳоло истифодашавандаи андозагирии сатҳи коррупсия хос мебошанд.

3. Дар чаҳорчӯби чунин таҳқиқоти ҷаҳонӣ арзишҳои миқдории нишондиҳандаҳои маъмултарин ва бештар истифодашавандаи коррупсия муайян карда мешаванд. Онҳо ба ду гурӯҳ тақсим мешаванд. Ба гурӯҳи аввал нишондиҳандаҳои коррупсионӣ дохил мешаванд, ки ба маънои истифодаи маълумоти таҳқиқотҳои гуногун таркибӣ нестанд ва ҳамчун ҷузъ, омил ва зернишондиҳандаи алоҳида муайян карда шуда, арзишҳои онҳо ҳангоми ҳисоб кардани нишондиҳандаи комплексии (индекс) ниҳоӣ истифода мешаванд. Гурӯҳи дуюмро шохисҳои бисёрқисмаи коррупсионӣ, ки дар асоси маълумоти таҳқиқоти гуногун ҷамъ оварда шудаанд, ифода мекунанд.

## 1.2. Ҳадафҳо ва аҳаммияти таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқии падидаи коррупсия

Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дуруст қайд кардаанд, ки «Донистани таърих на танҳо баҳри гузашта муҳим аст – он ҳамчун роҳнамо дар муайян намудани роҳи минбаъдаи миллат, ошкор намудани раванд ва ҷараёне, ки бо он дилхоҳ давлат дар рушди худ дучор мегардад, кумак мерасонад» [49, с. 127]. Алоқаи байни таърих ва коррупсия одӣ нест ва бояд пурра омӯхта шавад. Яке аз алоқаҳои пешбинишудаи байни таърих ва коррупсия нақши собиқа ва анъанаҳои таърихӣ мебошад, ки метавонанд мактабҳо ва меъёрҳои фарҳангиро дар кишвар ба миён оранд. Ин алоқа онро мефаҳмонад, ки аз таҷриба ва меъёрҳои бетағйирмонда дар кишварҳои куҳан даст кашидан душвор аст, инчунин онро мефаҳонад, ки аксари ин шаклҳои бетағйирмондаи таҷрибаҳо мумкин аст бо мурури замон аз ҷониби ашхоси бегона ҳамчун шаклҳои коррупсионӣ ба назар гирифта шаванд. Коррупсия дар ин кишварҳо мумкин аст ҳамчун меъёри пешбурди тиҷорат ба назар гирифта шавад ва мақбули иҷтимоӣ гардад. Ҳамаи ин онро мефаҳмонад,

ки ришвадеҳони эҳтимолӣ бо мурури замон бо механизми пешниҳоди ришва шинос мешаванд. Аз дигар тараф, комилан имкон дорад, ки дар кишварҳои куҳан механизмҳои истифодаи қонун ва афзалияти институтсионалӣ ба таври устувор реша давонида, эҳтимолияти коррупсияро камтар мегардонад.

Коррупсия ҳамчун падидаи хавфноки ҷомеа дар Тоҷикистон ва кишварҳои хориҷӣ таърихии тӯлониро аз сар гузаронидааст. Омӯзиш ва таҳқиқи ин падидаи номатлуби ҷомеа аз нигоҳи таърихӣ-ҳуқуқӣ дорои аҳаммияти баланди илмию амалӣ мебошад. Дар ин хусус олимону муҳаққиқони ватанию хориҷӣ андешаронӣ кардаанд. Тавре У.А. Азиззода қайд мекунад, ҷинояткорӣ ҳамчун зуҳуроти манфии иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ ҳамеша ва дар ҳама марҳилаҳои рушди таърихӣ инсониятро ҳамроҳӣ кардааст [144, с. 4]. Ба андешаи Т.А. Гумеров, омӯзиши таърихи пайдоиши чунин падида ба монанди коррупсия аҳаммияти калони илмӣ дорад [81, с. 129]. Дигар муҳаққиқон қайд кардаанд, ки мушкилоти коррупсия танҳо як мушкилоти замони муосир нест. Ин падида тақрибан дар як вақт бо пайдоиши давлат пайдо шуда, давлат дар марҳалаҳои гуногуни таърихӣ кӯшиш мекард, ки бо роҳҳои гуногун бар зидди он мубориза барад [118, с. 23]. Бо ин назардошт, ҷиҳати пеш бурдани сиёсати самарабахши мубориза бо коррупсия дар марҳилаи ҳозира решаҳои таърихии онро омӯхтан лозим мебошад.

Коррупсия ба инсоният аз давраҳои қадим маълум аст. Ҳанӯз дар ҷамъияти ибтидоии одамон ҳангоми мурожиати шахсӣ ба коҳин, пешво ва амсоли инҳо пардохт барои кумаки онҳо ҳамчун меъёр ҳисобида мешуд. Иерархияи иҷтимоӣ ва нобаробарии одамон нисбат ба воситаҳои истеҳсолӣ (моликият) ба таври воқеӣ муносибати ҳоким ва тобеъро ба миён меорад, ки ба низоми танзими меъёрии робитаҳои идоракунӣ ва беэътиборкуниҳо дар соҳаи ҳокимият (имконоти бо назардошти худ амал кардан) мувофиқ аст, ки дар якҷоягӣ нишонаи муҳимми коррупсия мебошанд [48, с. 56]. Коррупсия аз қадим таърихро

ҳамроҳӣ карда, то ба замони муосир омада расидааст. Коррупсия маҳсули офаридаи замони муосир набуда, балки моли таърих мебошад. Дар замони муосир танҳо он шаклу усулҳо хоси худро пайдо кардааст.

Таҳлили таърихию назариявии мубориза бо коррупсия дар кишвари мо аҳаммияти таҳқиқоти илмиро дар ин самт бо мақсади муайян намудани ҷанбаҳои мусбати таҷрибаи андӯхтаи наслҳои зиёд, «инчунин зарурати муттаҳид намудани кӯшишҳои давлат ва ҷомеа дар мубориза бо ин падидаи харобиовари иҷтимоӣ, зарурати объективии таҳияи сиёсати ҳуқуқӣ дар ин самт, ки ба омӯзиши на танҳо ватанӣ, балки «таҷрибаи байналмиллалӣ» асос ёфта бошад, ки омӯзиши онро этнометодология анҷом медиҳад» [127, с. 287-295]. Ба ақидаи А.В. Карев, «Мубориза бо коррупсия, ки яке аз хатарҳои воқеии амнияти кишвар маҳсуб меёбад, омӯзиши ин падидаи мураккаби иҷтимоию сиёсиро тақозо мекунад. Дар навбати худ, ин таҳқиқоти пайдоиш, омилҳо ва сабабҳои пайдоиши онро дар бар мегирад, зеро воқеияти ҳуқуқии муосир, асосан, аз ҷониби гузаштаи ҳуқуқӣ муайян карда мешавад» [88, с. 26]. Н.И. Крюкова дар ин маврид ёдовар шудааст, ки «Таърихи коррупсия аз таърихи тамаддуни башарӣ, ки ба мо маълум аст, кам набуда, аз ин рӯ, омӯзиши таҷрибаи таърихӣ дар мубориза бо коррупсия шарти ҳатмӣ барои шинохти илмии ин падидаи иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ мебошад» [94, с. 52-57]. Дар адабиёти ҳуқуқӣ қайд гардидааст, ки «воқеияти ҳуқуқии ҳозира, асосан, ояндаи проблемаи таҳқиқшавандаро пешакӣ муайян мекунад. Бар асоси ин мо бояд таҷрибаи андӯхтаи даврони гузаштаро дар мубориза бо коррупсия баррасӣ кунем» [81, с. 129]. Агар мо ба ҳуҷҷатҳои таърихӣ муроҷиат кунем, метавонем тасдиқи онро пайдо кунем, ки коррупся дар ҳама давру замон вуҷуд дошт. Воқеан ҳам сарчашмаҳои таърихӣ гувоҳӣ медиҳанд, ки дар марҳилаҳои мухталифи таърихӣ дар шаклу усулҳои хос коррупсия вуҷуд дошта, ҷомеаи давр чораҳои гуногунро ҷиҳати муқовимат ба он истифода мебурданд.

Мисли ҳар як падидаи мураккаби иҷтимоию фарҳангӣ дар назария ва қонунгузорӣ мафҳуми ягонаи «коррупсия» ҷой надорад. Ҳангоми таҳлили усулҳои асосӣ ба мафҳуми коррупсия ҳамчун падидаи иҷтимоӣ ва таҳлили хатарҳо хусусияти байнифаннии таҳқиқи он ба назар бояд гирифта шавад. Мафҳуме, ки дар қонунгузорӣ муқаррар шудааст, аслан табиати ҳуқуқии коррупсияро бештар ифода мекунад, аммо бояд як қатор эродҳоро зикр намуд. Бо чунин тавсияҳои ҳадафҳои коррупсия розӣ шудан қатъиян номумкин аст: чунин менамояд, ки муаллифон коррупсияро бо ришвагирии одие омехта мекунанд, ки маҳз ба даст овардани фоидаи молумулкиро аз муомилот дар бар мегирад. Муносибатҳои коррупсионӣ мумкин аст тобиши молумулкӣ надошта бошанд ва аксаран надоранд. Дар асоси коррупсия метавонад манфиатҳои моддӣ (ки аз манфиатҳои молумулкӣ васеътаранд), мумкин аст – манфиатҳои хусусияти ғайримоддӣ низ (пешниҳоди хизматрасониҳои дуҷониба, пешравиҳо дар мансаб, ба мансаби болотар, савдои мақом ва амсоли инҳо ҷой дошта бошанд). Мувофиқан дар андешаи пешниҳодшуда «холигӣ»-е ҷой дорад, ки имкон медиҳад доираи мафҳуми коррупсия хеле маҳдуд карда шавад ва имкон намедиҳад қонуни мазкур ба муносибатҳои ҳуқуқии воқеии коррупсионӣ истифода бурда шавад. Дар қонун бояд мафҳуми коррупсия тавре пешниҳод карда шавад, ки ба санадҳои байналмилалии ба таври васеъ шарҳдиҳандаи коррупсия мувофиқ бошад, на ҳамчун ришавагирӣ. Воқеан, ҳар қадаре ин қонунро шарҳ диҳем, муаллифони он маҳз чунин мафҳуми маҳдуди коррупсияро (ҳамчун коррупсия дар соҳаи ҳукумати давлатӣ ё маҳаллӣ) ҷой карданд. Умуман, он ба коррупсионерҳо барои амалиёте, ки тадбирҳои зиддикоррупсиониро дар бар намегирад, майдони васеътарро боқӣ мегузорад.

Ҳадафҳои таҳқиқот зимни омӯзиши ҷанбаҳои таърихӣ-ҳуқуқии коррупсия имконият медиҳанд, то чораҳои мубориза бо ҷиноятҳои коррупсионӣ дар замони муосир пурзӯр карда шаванд. Бо назардошти

шумораи зиёди оқибатҳои манфии коррупсия мубориза аксаран номуваффақона бар зидди он дар бисёр кишварҳо ва инчунин он, ки сарфи назар аз рушди умумии афкори илмӣ дар самти омӯзиши ин падида, як қатор масъалаҳои мавҷуданд, ки ба пуррагӣ омӯхта нашудаанд, аз ҷумла омилҳое, ки ба паҳншавии ин падида вобастаанд [98, с. 106]. Дар партави ҳалли проблемаҳои муосири давлатдорӣ омӯзиши таҷрибаи таърихию ҳуқуқии мубориза бо коррупсия, ки дар тӯли чандинасраи таърих ҷамъ оварда шуда, аҳаммияти илмӣ, назариявӣ ва амалӣ дорад, ки мақсади таҳқиқоти моро пешакӣ муайян кардааст. Дар ин соҳаи илми ҳуқуқ танҳо қадамҳои аввалин гузошта шудаанд. Асарҳои илмӣ, асосан, аз ҷониби нашрияҳои маҳаллӣ дар саҳифаҳои маҷаллаҳои ҷамъиятию сиёсӣ ва ҳуқуқӣ муаррифӣ мешаванд.

Ба ақидаи И.П. Климов, «ҳангоми муайян кардани заминаи методологии баррасии мавзуъ ҳалли ин масъала аҳаммияти асосӣ дорад: оё имрӯз метавон таҷрибаи таърихию ҳуқуқиро истифода бурд, зеро он аксар вақт ба гузаштаи дур тааллуқ дошт ва агар имконпазир бошад, чӣ гуна истифода бурдан мумкин аст?» [90, с. 148]. Ҷавоб ба ин савол метавонад баҳснок бошад. Барои истифодаи таҷрибаи таърихӣ ва ҳуқуқӣ ду вариант вуҷуд дорад. Варианти якум: бояд тамоми сарвати ғояҳои муосирро ба такрори он чизе, ки як вақт рӯй дода буд, мувофиқи принсипи «нав - кӯҳнаи фаромӯшшуда» мавриди омӯзиш қарор дод. Варианти дуюм ин аст, ки тамоми падидаҳои нави сиёсиро бидуни ягон робита бо иқтидори ҷамъкардаи ҷомеа баррасӣ кардан мумкин аст, зеро шароити имрӯзаи иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсӣ ба таври куллӣ дигар шудааст. Ба фикри мо, варианти якумро дар миқёси пуррааш истифода бурдан душвор аст. Чунонки файласуфи немиси асри X1X Георг Гегел гуфта буд, шумо наметавонед ба як дарё ду маротиба қадам занед. Аммо истифодаи ҷиҳатҳои алоҳидаи таҷрибаи таърихию ҳуқуқӣ, ки аз озмоиши замони гузаштааст ва бо мазмуни нав пур кардани онҳо комилан асоснок аст.

Мо самти илмию амалии таҳқиқоти худро ба назар гирифта, дар асоси таҳлили таҷрибаи таърихию ҳуқуқӣ ҷиҳати такмили чораҳои зиддикоррупсионӣ омӯзишу таҳқиқи ҷанбаҳои таърихӣ-ҳуқуқии коррупсияро бамаврид мешуморем. Аз нигоҳи таърихӣ-ҳуқуқӣ тадбирҳои зиддикоррупсионӣ дар сатҳи давлатӣ дар давраҳои гуногуни таърихӣ мавриди баррасӣ қарор мегиранд [80, с. 32]. Коррупсия ҳамчун падидаи манфии иҷтимоӣ таърихи нисбатан тӯлонии рушди худро аз замонҳои қадимии мавҷудияти давлат ва ҳуқуқ доро мебошад. Таъсири манфии коррупсия ба рушди давлатию ҳуқуқиро мутафаккирони қадим баён кардаанд ва дар тули асрҳои зиёд ин мушкилот аҳаммияти худро гум накардааст.

Бояд тазаккур дод, ки коррупсия дар ҷомеа ҳамзамон бо ташаккули давлат ва дастгоҳи идоракунӣ пайдо шуд. Таърихи пайдоиш, ташаккул ва рушди муносибатҳои коррупсионӣ нишон медиҳанд, ки зуҳуроти коррупсия ҳамчун шарикони доимии ниҳодҳои ҳокимияти давлатӣ хоси тамаддунҳои қадимӣ буд ва ҳатто дар он вақт мақомот кӯшиш мекарданд, ки бо андешидани чораҳои дахлдор ба ин падидаи даҳшатовар муқобилат кунанд. Аммо ягон ҳокими давлате дар ҷаҳони қадим натавонистааст ин бемории шадиди музминро комилан нест кунад. Ба андешаи О.И. Хамазина, «коррупсия, ки тақрибан дар баробари дастгоҳи маъмурӣ ба вуҷуд омадааст, дар ҳама давру замонҳо вуҷуд дошт ва онҳоро ҳамроҳӣ мекард» [156, с. 18]. Дар ин хусус А.С. Кожушко қайд мекунад, ки «коррупсия ҳамчун падидаи умумибашарӣ ба ҳама кишварҳо дар ҳама давру замон хос аст. Он аз табиати инсонӣ, мисли худи гуноҳ ҷудонопазир аст» [91, с. 110]. Агар мо ба ин масъала назар афканем ва ҷанбаҳои амалии таҳқиқотро муайян кунем, ба чунин хулоса омадан мумкин аст: таҷрибаи таърихӣ, аз ҷумла бо мақсади муайян намудани усулҳои самараноки мубориза бо коррупсия дар аксар мавридҳо гуманизатсияи санадҳои қонунгузорӣ ин соҳа натиҷаи мусбат медиҳад.

Таҷрибаи таърихӣ нишон медиҳад, ки мафҳуми «коррупсия» ба тавзеҳот ва мушаххассозӣ ниёз дорад. То ба наздикӣ ин истилоҳ дар қонунгузорӣ комилан вуҷуд надошт [90, с. 152]. Дар байни сабабҳои боқӣ мондани коррупсия, ба назари мо, омили равониро низ бояд зикр кард: урфу одатҳои муқарраршуда ва аз насл ба насл гузаштаистода. Ҳамчунин, бояд ба назар гирифт, ки шаклҳои коррупсия мисли хамелеон тағйир ёфта, давлатро барои шинохти зуҳуроти нави он давраи муайян лозим мегардад. Мо метавонем хулоса барорем, ки зуҳуроти коррупсия дарҳол аз ташаккули давлатдорӣ пайдо мешавад. Чунин падидаҳои номатлуб боиси аз байн рафтани нуфузи мақомот дар назди шаҳрвандон гардида, ба сатҳи маърифати ҳуқуқии аҳолӣ, эҳтироми қонун ва тартибот таъсири манфӣ расониданд.

Миёнаи асри XX дар ҷамъиятшиносӣ усули мазкур дар таҳқиқи коррупсия, ки таҳдиди маҳдуд намудани таҳлили объекти омӯзиши ҷанбаҳои мухталифи раванди додугирифти ришваро аз ҷониби ашхоси мансабдори риоянакунандаи қонун дошт, қатъиян пушти сар гашт. Масалан, бо мурури мураккабгардии мафҳуми коррупсия ғайр аз ришвагирӣ ва ришвадиҳӣ як қатор ҳуқуқвайронкориҳои мансабӣ ва ҷиноятҳоро низ мансуб медонанд, ки ҳамчун «ҳолатҳои алоҳидаи коррупсия» ба назар гирифта мешаванд:

1) порахӯрӣ барои пешниҳоди қонунии манфиатҳо ва хизматрасониҳо;

2) тамаъҷӯӣ ва таҳдид барои пешниҳоди қонунии манфиатҳо ва хизматрасониҳо;

3) камомад, дуздӣ, азхудкунии амволи бегона, ки бо сӯиистифодаи мансаб алоқаманд аст;

4) протексионизме, ки дар пешравии вазифавии ашхос аз рӯйи нишонаҳои хешу таборӣ, муносибатҳои рафиқӣ ё содиқии шахсӣ зоҳир мегарданд;

5) маблағгузории муассисаҳо ва ташкилотҳои хусусӣ аз ҳисоби буҷаи давлат ё маҳаллӣ;

6) хусусигардонӣ бо интиқоли ғайриқонунии моликияти давлатӣ ба ашхоси хусусӣ;

7) пешниҳоди имтиёзҳо ба ашхоси манфиатдор;

8) пешниҳоди иттилооти махфии хизматӣ ба ашхоси манфиатдор;

9) пешниҳоди ҳуқуқҳо ё имконоти бастани шартномаҳои фоиданок;

10) ҳамкорӣ дар имзорасонии шартномаҳои бефоида барои давлат бо ширкатҳои хориҷӣ;

11) ришвадиҳӣ ба интихобкунандагон;

12) пайвасткунии мақомоти идоракунӣ бо унсурҳои ҷиноятӣ;

13) рӯйпӯш намудани ҷиноятҳои ашхоси алоҳида ва таъмини татбиқ нашудани ҷазо;

14) дастгирӣ ва муқаррар намудани манфиатҳои иқтисодиёти манфӣ дар ҷавоб ба дастгирии сиёсӣ ё пешравӣ ба мансаб дар сохторҳои давлатӣ [164].

Илова бар ин, истилоҳи «коррупсия» барои ифодаи як қатор амалҳои мушаххаси мухолифе истифода бурда мешавад, ки бо истифодаи захираҳои ҷамъиятӣ (аз он ҷумла ҳокимият) ҷиҳати ба даст овардани ҳадафҳои фардӣ алоқаманд мебошанд. Нигоҳ ба коррупсия ҳамчун шакли майлкунӣ имкон медиҳад зуҳуроти коррупсия, ки тибқи қонунҳои амалкунанда манъ карда шудаанд, таҳлил карда шавад. Мисолҳои дар боло зикршуда шаҳодат медиҳанд, ки шарҳу тавзеҳи мафҳуми коррупсия хеле фавқулода ва муҳим мебошад ва аҳаммияти истилоҳи мазкур мунтазам тағйир ёфта, вобаста аз қолабҳои бамиёномада мегардад. Илова бар ин, ҷорӣ ва муайян намудани истилоҳи «коррупсия» ҳадафи ягона – ошкор намудани ҷинояткорӣ ва тибқи ин ҷазо додани ҷинояткор мебошад.

Таҷрибаи давраи шуравӣ дар бобати ба муборизаи зидди коррупсия ҷалб намудани доираи васеи аҳли ҷамъият, ташкили комитетҳо, гурӯҳҳо, комиссияҳои идоравӣ, ки дар асосҳои ихтиёрӣ амал

мекунанд, шоёни диққат аст. Ташкили кори чунин комиссияҳо ё шуроҳо метавонад ҳам дар назди сохторҳои марказии ҳукумат ва ҳам дар маҳалҳо, масалан, дар назди ҳокимон ё ҳукуматҳои вилоятӣ ва минтақавӣ сурат гирад [90, с. 153]. Чи тавре ки таърих нишон медиҳад, бо роҳи ҷорӣ кардани ҷазои ниҳоят сахт барои ин гуна кирдорҳо, ё бо муқаррар намудани маоши баланд барои мансабдорон ва додани имтиёзу имкониятҳо коррупсияро аз байн бурдан ё ҳадди ақал кам кардан душвор аст. Барои ҳалли ин мушкилот эҳтимолан муносибати ҳамаҷониба бо тағйироти куллии низоми давлатӣ ва таъсир ба тафаккури мардум лозим аст.

Дар марҳалаҳои таърихӣ механизмҳои асосие, ки барои ба даст овардани натиҷаи мусбат дар мубориза ба коррупсия имкон доданд, инҳоянд:

1) тартиби махсуси ба кор қабул кардан, ки пешниҳоди шаҳодатномаи эътимоднокӣ аз мақомоти милитсия ва гузаштани давраи санҷиширо дар бар мегирад;

2) системаи мукаммали ташаккули маҳорати касбӣ, асосан, тавассути ҳамкорӣ бо ҳамкасбони ботаҷриба ва низоми ҳавасмандгардонии пулӣ;

3) ба воситаи низоми такмили ихтисос ва худомӯзӣ;

4) аттестатсияҳои солона, ки ғайрирасмӣ буданд;

5) системаи ҳавасмандгардонии моддию маънавӣ, аз ҷумла кафолатҳои имтиёзнок, бо афзоиши мансаб, музди иҷораи хона ва сафар, нафақа [118, с. 24].

Бо вуҷуди ин, ҳатто назари сатҳӣ ба коррупсия дар бораи он маълумот медиҳад, ки падидаи мазкур ба ду қисми нобаробар ҷудо мешавад:

1) ҳуқуқвайронкуние, ки дар хусуси он дар мафҳумҳои коррупсия сухан меравад;

2) тамоюлоти этикӣ ва маънавӣ.

Ҳолати дуюм бо шаклҳои зиёди зуҳурот ва бо сабабҳои ғайриимкон будани муайянкунии амиқи онҳо хеле мураккаб мебошад. Бешак, ҳолатҳои ба ҳам мувофиқатии ақидаҳои ҳуқуқӣ ва ҷамъиятӣ оид ба корупсия вомехӯранд, аммо аксаран бо ақидаҳои баръакс дучор омадан мумкин аст. Дар ин марҳила, асосан, лаҳзаи муҳим оид ба масъалаи истилоҳот гузариш аз дарки коррупсия ҳамчун ҷинояти мансабӣ ва кирдори махсус ба падидаи мураккаб ва мухталифе мебошад, ки тамоми ҷанбаҳои ҷомеаи инсониро дар бар мегирад.

Мушкилоти мубориза бо коррупсия решаҳои амиқи таърихӣ дорад ва, мутаассифона, имрӯз ҳам аҳаммияти худро гум накардааст. Коррупсия маҷмуи сабабҳо дошта, ба тартиботи ҷамъиятӣ таҳдиди бузург дорад ва аз ин рӯ, омӯзиши ҳамаҷонибаи таҷрибаи ватанӣ дар мубориза бо ин падидаи манфии иҷтимоӣ на танҳо аҳаммияти илмӣ, балки аҳаммияти амалӣ низ дорад [123, с. 214]. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки яке аз самтҳои муҳимми мубориза бо коррупсия мубориза дар асоси такмили меъёрҳои ҳуқуқии қонунгузории миллӣ мебошад. Ҷомеаи илмӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ дар асоси таҳлили таҳқиқотӣ оид ба ин масъала сабабҳои институтсионалии коррупсияро таҳия кардаанд, ки инҳоянд: норасоии заминаи ҳуқуқӣ барои мубориза бо коррупсия; дар сатҳи умумӣ омода набудани мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба мубориза ва пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ дар ин соҳа; махфӣ будани кори мақомоти давлатӣ; системаи мураккаби ҳисоботдиҳӣ; ношаффоф будани системаи қонунбарорӣ; сиёсати кӯҳнашудаи кадрии давлат, ки новобаста аз натиҷаҳои мавҷудаи фаъолият ва мувофиқати касбии кормандон имкони пешбарӣ шуданро имкон медиҳад [98, с. 106]. Бо назардошти андешаҳои боло, бояд қайд намуд, ки таҳлили ҷанбаҳои таърихӣ ва ҳуқуқии мубориза бо коррупсия аз ҷустуҷӯи равишҳои мухталифи мубориза бо ин падидаи номатлуб дар миёни ҳокимон шаҳодат медиҳад. Таҳлили муфассали таҷрибаи таърихию ҳуқуқии сиёсати давлатии мубориза бо коррупсия ва истифодаи минбаъдаи он бо назардошти воқеияти имрӯза

барои таҳияи усулҳои самараноки мубориза бо ин зуҳурот дар марҳалаи кунунии рушди давлат маводи арзишманд мебошад.

А.И. Кирпичников тавсифи равшану фасеҳеро медиҳад, ки дар он моҳияти падидаи коррупсия ба таври возеҳ зикр ёфтааст: «Коррупсия занг (коррозия)-и ҳукумат аст. Чи хеле занг фулузро мехӯрад, ҳамин гуна коррупсия дастгоҳи давлатиро вайрон мекунад ва пояи ахлоқии ҷомеаро хӯрда, фасод мекунад. Сатҳи коррупсия як навъ ҳароратсанҷ (термометр)-и ҷомеа мебошад, нишондоди вазъи ахлоқии он ва қобилияти дастгоҳи давлатӣ вазифаҳоро на ба манфиати худ, балки ба манфиати ҷомеа ҳал мекунад. Ҳамин гуна, мисли оне, ки барои фулуз хастагии зангзанӣ пастшавии ҳудуди тоқатпазирии онро мефаҳмонад, ҳамин гуна барои ҷомеа хастагӣ аз коррупсия пастшавии муқовимати онро ифода маекунад» [27, с. 17]. Аммо агар зери мафҳуми «коррупсия» мо модели муайяни ҳукмрониеро дарк намоем, ки дар амалҳои интизории иҷтимоӣ ва ҳадафгузории таҳрифшуда асос ёфтааст, ҳамазамон тасдиқ мекунем, ки дар раванди муқобилат бо «коррозия»-и ҷомеа иштироки танҳо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ нокифоя аст. Бо баррасии коррупсия ҳамчун мафҳуми муттаҳидкунанда барои як қатор кирдорҳо ва амалҳои субъектҳои мансабдор (илова бар ин ҳатман сиёсӣ)-е, ки на танҳо аз меъёрҳои ҳуқуқӣ, балки аз меъёрҳои ахлоқӣ низ саркашӣ мекунанд, мо худ ба худ ҷомеаи шаҳрвандиро ба раванди мусоидат ба сохторҳои идоракунӣ даъват мекунем.

Дарки коррупсия дар ҷодаи иҷтимоию сиёсӣ бечунучаро ба азнавтақсимшавии масъулиятҳо доир ба равандҳои вайроншавӣ дар давлат ва вогузор кардани як қисми ин масъулият бар дӯши ҷомеаи инсонӣ оварда мерасонад. Яъне дар доираи модели таҳқиқотии мазкур технологияи муқовимат ба коррупсия ҳачмун падидаи дусамтае дида баромада мешавад, ки дар он як самт бо фаъолияти прокуратура ва мақомоти корҳои дохилӣ, дигараш бо мавқеи фаъоли иҷтимоию сиёсии ҳар як шаҳрванд дар алоҳидагӣ вобаста аст.

Ба андешаи М.М. Виноградова, дар тамоми давраи рушди давлатӣ фаъолияти фаъоли ҳуқуқӣ оид ба пешгирӣ ва мубориза бо коррупсия гузаронида шудааст. Ҷомеа дарк мекард, ки коррупсия ба соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии ҳаёт таъсири харобиовар мерасонад. Дар айни замон мубориза бо коррупсия идома дорад. Он бо тарзу усулҳои зиёд сурат мегирад, вале дар кишвар ҷиноятҳои коррупсионӣ то ҳол ба мушоҳида мерасанд. Аз ин рӯ, вазифаи асосии ҷомеаи муосир дар ин раванд сари вақт пешгирӣ намудани коррупсия, андешидани тадбирҳои пешгирикунанда, огоҳсозии ҷомеа ва ғайра мебошад [76, с. 24-26]. Барои чунин чораҳои қатъӣ андешидан омӯзиши таҷрибаи шуравӣ дар мубориза бо коррупсия ба мақсад мувофиқ мебошад. Сиёсати давлатӣ оид ба мубориза бо коррупсия дар замони шуравӣ, ба ақидаи як қатор муаллифон, аз инҳо иборат буд:

1) давлат мафҳуми «коррупсия»-ро истифода набурда, ба ҷойи он мафҳумҳои «порагирӣ», «сӯиистифода аз мақоми хидматӣ», «ризоият» ва ғайраро истифода кардааст;

2) мақомот сабабҳои коррупсияро бо он шарҳ медоданд, ки коррупсия «падидаи иҷтимоӣ аст, ки дар шароити ҷомеаи истисморгар ба вуҷуд меояд». Инқилоби сотсиалистӣ сабабҳои коррупсияро нест кард. Камбудиҳо дар кори мақомотҳои партиявӣ, касабавӣ ва давлатӣ, хусусан дар соҳаи маорифи меҳнаткашон сабабҳои ба амал омадани коррупсия ҳисоб карда мешуданд;

3) ба мубориза бо коррупсия дар дастгоҳи давлатӣ танҳо хизматчиёни давлатӣ ҷалб карда шуданд. Аз ин рӯ, онҳо натавонистанд сабабҳои коррупсияро тағйир диҳанд, зеро худи онҳо ҷузъи ин низом буданд. Илова бар ин, ин мубориза аксар вақт ба муборизаи зидди рақибон табдил ёфт;

4) коррупсия аксар вақт ҳамчун воситаи ягонаи имконпазири ҷорӣ намудани муносибатҳои бозорӣ ба иқтисодиёти нақшавӣ баромад мекард [118, с. 24].

Ҳуқуқшиносон коррупсияро ҳамчун саркашӣ кардан аз меъёрҳои ҳуқуқии водоркунанда ба назар мегиранд. Коррупсия аксаран аз ҷониби онҳо ҳамчун «амали ашхоси расмӣ ё ваколатдоре, ки ба таври нораво ё ғайриқонунӣ мақом ё амали худро барои ба даст овардани фоида барои худ ё шахси дигар истифода бурда, бар хилофи манфиат ва ҳуқуқҳои шахси дигар амал мекунанд» муайян карда мешавад. Баъзан коррупсияро ба соҳаи истифодаи ҳуқуқи иқтисодӣ, маъмурӣ ва ҷиноӣ мансуб медонанд ва қайд мекунанд, ки он ба меъёрҳои ҳуқуқ таъсири харобкунанда расонида, дар натиҷаи таъсири он ба қоидаҳое иваз мегарданд, ки якум, аз ҷониби ашхоси, соҳиби нуфузбуда, дуюм, қобилияти таъсир расониданро доранд, сеюм, барои пардохт кардан тайёранд. Умуман, модели таҳқиқотии мазкур дар эътирофи оне асос меёбад, ки коррупсия маҷмуи амалҳои зиддиқонунии субъектҳои мансабдорест, ки, пеш аз ҳама, бо вайрон намудани меъёрҳои ҳуқуқии махсуси муайянкунандаи фаъолияти идораҳои давлатӣ ва ашхоси мансабдор алоқаманд аст.

Ҳамин тариқ, падидаи коррупсия дар ҷомеаи муосир, ки решаҳои амиқ дорад, асосан аз ҷониби таҳаввули таърихии ин падидаи хатарнок муайян карда мешавад. Ҳангоми муайян кардани сиёсати муосири мубориза бо коррупсия бояд тамоми таҷрибаи ҳуқуқии кишваре, ки ҷанбаҳои мусбат ва манфии курси давлатии мубориза бо коррупсияро дар бар мегирад, ба назар гирифт. Бояд гуфт, ки дар кишвари мо коррупсия падидаи хеле маъмул гаштааст. Чунонки маълум аст, самаранокии чораҳои зидди мансабдорони порахӯр бештар ба он вобаста хоҳад буд, ки ҷомеа то чӣ андоза муносибати оштинопазир, таҳаммулнопазирӣ ва ҳатто сахтгирона нисбат ба пораро ба вуҷуд овардааст. Дар акси ҳол, агар ҷомеа нисбат ба коррупсия муносибати ҳалим ва бепарвоӣ зоҳир кунад, сатҳи он ба маротиб боло меравад.

Бо назардошти таъхири баланди муомилоти коррупсионӣ бояд қайд кард, ки омори расмӣ миқёси воқеии коррупсияро дар кишвар

пурра инъикос намекунад, онҳо хеле зиёдтаранд [98, с. 107]. Амалҳои ғайриқонунии шахсони мансабдор дар сатҳҳои гуногун доираи васеи муносибатҳои бо қонунгузорӣ дар бораи хизмати давлатӣ ва коммуналӣ, моликият, буҷет ва харид барои эҳтиёҷоти давлатӣ танзимшавандаро фаро гирифтаанд. Дар ҳама ҷо фактҳои иштироки ғайриқонунӣ дар фаъолияти тиҷоратӣ, соҳиб шудан ба саҳм ва пакетҳои саҳмияҳо, ишғол намудани мансабҳои музднок дар сохторҳои соҳибкорӣ ва пешниҳод накардани декларатсияҳои пешбининамудаи қонун ошкор гардиданд.

Дар натиҷаи таҳқиқу баррасии масъалаи ҳадафҳо ва аҳаммияти таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқии падидаи коррупсия хулосаҳои зеринро зикр намудан мумкин аст:

1. Ҳамин тавр, дар ташкили муборизаи зидди коррупсия як катор проблемаҳои ҳалношуда мавҷуданд, ки ба онҳо омилҳои объективӣ ва субъективӣ таъсир мерасонанд. Омилҳое, ки ба самаранокии чораҳои зиддикоррупсионӣ таъсир мерасонанд, таъхирнопазирии баланди ин гурӯҳи ҷиноятҳоро дар бар мегиранд: фоидаи мутақобилан аз ҳарду ҷониб, ҳуҷҷатгузории ҷиноятҳои коррупсионӣ (дар ошкор накардани онҳо), мавҷудияти муддати тӯлонӣ аз лаҳзаи содир шудани ҷиноят то муҳокимаи парвандаи зикршуда (бо гузаштани мурофиаи дуру дарози бисёрмарҳила алоқаманд) содир карда мешаванд. Дар ин маврид, ташаккули шуури ҳуқуқии зиддикоррупсионии шаҳрвандон аҳаммияти аввалиндараҷа боқӣ мемонад. Коррупсия падидаи иҷтимоӣ буда, танҳо тағйир додани қонунҳо ва ҳисоботдиҳии ҳатмии кормандони давлатию ҳуқуқӣ масъаларо ҳал карда наметавонанд. Принсипи ахлоқиро дар ҷамъият ва шуури ҳуқуқии шаҳрвандон баланд бардоштан лозим аст. Мо бояд дар бораи он кормандони давлатӣ ва маҳаллӣ, ки вазифаи худро софдилона ва беғараз ба ҷо меоранд, ибрат нишон медиҳанд, ташвиқ мекунанд, бештар сухан ронем.

2. Яке аз муҳимтарин вазифаҳои амалигардонии мубориза алайҳи коррупсия вазифаи ба куллӣ тағйир додани шуури ҷамъиятӣ ва фароҳам

овардани фазои қатъии рад кардани коррупсия дар ҷомеа мебошад. Ҳалли ин масъала, пеш аз ҳама, тавассути баланд бардоштани сатҳи фарҳанги ҳуқуқии аҳолӣ, ноил шудан ба ҳадди шаффофияти расмиёти хизматрасонии давлатӣ, инчунин корҳои доимии мақсадноки профилактикӣ дар тамоми мақомоти давлатӣ ва мунисипалӣ таъмин карда мешавад.

3. Ҳангоми таҳлили усулҳои асосӣ ба мафҳуми коррупсия ҳамчун падидаи иҷтимоӣ ва таҳлили хатарҳо хусусияти байнифаннии таҳқиқи он ба назар бояд гирифта шавад. Мафҳуме, ки дар қонунгузорӣ муқаррар шудааст, аслан, табиати ҳуқуқии коррупсияро бештар ифода мекунад. Аммо бояд як қатор эродҳоро зикр намуд. Бо чунин тавсияҳои ҳадафҳои коррупсия розӣ шудан қатъиян номумкин аст: чунин менамояд, ки муаллифон коррупсияро бо ришвагирии одие омехта мекунанд, ки маҳз ба даст овардани фоидаи молумулкиро аз муомилот дар бар мегирад. Муносибатҳои коррупсионӣ мумкин аст тобиши молумулкӣ надошта бошанд ва аксаран надоранд. Дар асоси коррупсия метавонад манфиатҳои моддӣ (ки аз манфиатҳои молумулкӣ васеътаранд), мумкин аст манфиатҳои хусусияти ғайримоддӣ низ (пешниҳоди хизматрасониҳои дуҷониба, пешравиҳо дар мансаб, ба мансаби болотар, савдои мақом ва амсоли инҳо ҷой дошта бошанд). Дар қонун бояд мафҳуми коррупсия тавре муқаррар карда шавад, ки ба санадҳои байналмилалии ба таври васеъ шарҳдиҳандаи коррупсия мувофиқ бошад.

4. Зуҳуроти коррупсия дарҳол аз ташаккули давлатдорӣ пайдо мешавад. Чунин падидаҳои номатлуб боиси аз байн рафтани нуфузи мақомот дар назди шаҳрвандон гардида, ба сатҳи маърифати ҳуқуқии аҳолӣ, эҳтироми қонун ва тартибот таъсири манфӣ расониданд.

5. Ҳамин тариқ, падидаи коррупсия дар ҷомеаи муосир, ки решаҳои амиқ дорад, асосан, аз ҷониби таҳаввули таърихии ин падидаи хатарнок муайян карда мешавад. Бояд гуфт, ки дар кишвари мо коррупсия падидаи хеле маъмул гаштааст. Ва чунон ки маълум аст, самаранокии

чораҳои зидди мансабдорони порахӯр бештар ба он вобаста хоҳад буд, ки ҷомеа то чӣ андоза муносибати оштинопазир, таҳаммулнопазирӣ ва ҳатто сахтгирона нисбат ба порaро ба вуҷуд овардааст. Дар акси ҳол, агар ҷомеа нисбат ба коррупсия муносибати ҳалим ва бепарвоӣ зоҳир кунад, сатҳи он ба маротиб боло меравад.

### 1.3. Мафҳум, унсурҳо ва субъектони муқовимат ба коррупсия

Коррупсия яке аз мавзуҳои мубрами рӯз ба ҳисоб рафта, имрӯзҳо таваҷҷуҳи тамоми ҷомеаи ҷаҳониро ба худ ҷалб намудааст. Тамоми қишри ҷомеа бо ин падидаи манфӣ мубориза мебаранд. Новобаста аз ин, омӯзиш ва таҳқиқи ин масъала дар байни муҳақққону олимон аҳаммияти худро гум накардааст. Тавре дар адабиёт қайд мегардад, «коррупсия на танҳо барои илмҳои ҳуқуқи инсон, ҳуқуқи ҷиноятӣ ва назарияи давлат ва ҳуқуқ, балки барои криминология, ки аз нуқтаи назари он хусусиятҳои криминологии коррупсия, аз ҷумла ҷузъҳо, аз қабили ҳолат, сохтор, динамика, сабабҳо, шароит ва чораҳои пешгирии ин падида мунтазам омӯхта мешаванд, аҳамияти хоса дорад [105, с. 88]. Коррупсия бештар ба салоҳияту ваколатҳои шахсони мансабдор алоқаманд мебошад. А.Г. Лахман дар ин маврид иброз менамояд, ки «шубҳае нест, ки кормандони давлатию коммуналӣ ва кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ки аз коррупсия зарар дидаанд, наметавонанд вазифа, ваколат ва салоҳиятҳои худро самаранок иҷро намоянд» [100, с. 130]. Муаллифони дигар бар ин назаранд, ки «қонун ба воқеияти иҷтимоиву иқтисодии муосир, хусусияти хатарҳои коррупсионӣ мувофиқат намекунад ва барои ифшои падидаи коррупсия аз муносибати маҳдуд бархурдор аст» [95, с. 7]. Дар ин хусус, дигар муҳокимаҳо ва баҳодиҳиҳои хеле сахт низ мушоҳида мешавад. Аз андешаҳои олимон мушоҳида мегардад, ки масъалаи мубориза ба коррупсия яке аз масъалаҳои актуалӣ ба ҳисоб меравад. Бинобар ин, таҳқиқу омӯзиши ҷанбаҳои алоҳидаи он дар ин раванд нақши муҳим дорад.

Маврид ба тазаккур аст, ки яке аз масъалаҳои муҳим вобаста ба таҳқиқу омӯзиши коррупсия таҳлили мафҳум ва моҳияти он ба ҳисоб меравад. Муайян ва дақиқ будани мафҳум ва моҳияти коррупсия сарҳади онро аниқ намуда, доираи субъектони ҷиноятҳои коррупсиониро аз онҳое, ки дар ин ҷиноят субъект ҳисоб намеёбанд муайян менамояд. Дар ин хусус олимони зиёди ватанию хориҷӣ изҳори назар кардаанд. Аз ҷумла, ба андешаи С. Хурсандзода, «истилоҳи «коррупсия» дар адабиёти касбӣ, даврӣ ва оммавӣ хеле серистифода аст, аммо аз нуқтаи назари илмӣ мафҳум ё истилоҳе, ки дар он фаҳмиши ягонаи ин истилоҳ ва ё моҳияти он инъикос ёфта бошад, вуҷуд надорад. Аз нуқтаи назари этимологӣ истилоҳи «коррупсия» аз калимаи лотинии «corruptio» гирифта шуда, маънояш «шикастан, пора додан» мебошад. Моҳиятан ин ду калима фаҳмиши коррупсияро муайян намуда, имкон медиҳанд, то ин падида ба тариқи гуногун шарҳ дода шавад» [157, с. 32]. Бо вуҷуди тафовути муайяни ақидаҳо оид ба мафҳуми коррупсия, ки як қатор муҳаққиқони хориҷӣ баён кардаанд, аксари муаллифон бо коррупсия ҳамчун «сӯиистифода аз қудрати давлатӣ, истифода аз мақоми хизматӣ бо мақсадҳои ғаразнок, дигар шахс ё гурӯҳ алоқамандбуда» муносибат менамоянд [16, с. 5-6]. И.Д. Фиалковский дар ин хусус қайд мекунад, ки таърифи «corrumpire» дар ҳуқуқи Рим ҳамчун «нобуд кардан, шикастан, ришва додан» фаҳмида мешуд ва амали ғайриқонунӣ алайҳи мансабдорон буд. Ин истилоҳ рафтори якчанд иштирокчиёнро ифода мекард, ки ҳадафашон расонидани таъсири номатлуб, масалан, ба раванди судӣ ва халалдор кардани ҷараёни муқаррарии идоракунии корҳои ҷамъиятӣ буд [132, с. 477]. Вобаста ба андешаҳои олимон бояд қайд намуд, ки, воқеан, дар адабиёт то кунун мафҳуми ягонаю умумиэътирофшуда оид ба коррупсия ба назар намерасад. Аммо ин маънои онро надорад, ки коррупсия мафҳумбандӣ карда нашудааст. Сухан сари он меравад, ки дар таҳқиқотҳои худ аксари таҳқиқотчиён аз ягон мафҳуми мушаххаси коррупсия ҷонибдорӣ накардаанд. Дар ин

миён танҳо ду мафҳум ба назар мерасад: яке мафҳуми дар қонунгузорӣ муқарраршуда ва дигаре мафҳуми таҳтулафзии коррупсия.

Мафҳумҳои муҳимтарин ва мушаххаси коррупсия айни замон дар назарияи муосири давлат ва ҳуқуқ оварда шудаанд. Дар ин бобат муҳаққиқони дигар қайд мекунанд, ки ҳарчанд то ҳол дар доираи ин илм таърифи аз ҷониби умум эътирофшудаи коррупсия таҳия нашудааст, «вале ба ҳар ҳол намояндагони назарияи давлат ва ҳуқуқ тавонистаанд нуқтаи назари гуногунро оид ба коррупсия ба ду мавқеи асосӣ: ба истилоҳ фаҳмиши маҳдуд ва васеъ изҳор намоянд. Дар доираи тафсири «маҳдуд»-и коррупсия охирин тавассути мафҳумҳои ришвахӯрӣ, пора ва коррупсияи шахсони мансабдор муайян карда мешавад; дар доираи фаҳмиши «васеъ» ҳамчун сӯиистеъмоли ғаразнок аз мавқеи мансабӣ (ва ё васеътар гӯем, мавқеи иҷтимоию сиёсии шахс ва нуфузи худ дар давлат) муайян карда мешавад» [73, с. 109]. Вобаста ба фаҳмиши маҳдуд ва васеи коррупсия А.В. Кузмин низ изҳори ақида намудааст. Номбурда ду мафҳуми коррупсияро пешниҳод мекунад: фаҳмиши васеъ, ки ришвахӯрӣ дар тамоми шохаҳои ҳокимият, идора (давлатӣ ва хусусӣ) ва ҷиноятҳои шахсони мансабдорро, ки бо мақсадҳои ғаразнок содир мешаванд, дар бар мегирад. Фаҳмиши маҳдуди коррупсия, ки ришвахӯрӣ дар ҳама навъҳои он ва илова бар ин (бо дараҷаи муайяни конвенсия) иғвогарии он мебошад. Ҳарду намуди коррупсия асосҳои ҳуқуқии ҷомеа ва ҳокимияти давлатиро бераҳмона вайрон мекунанд [96, с. 165]. Ҳамин тавр, аз андешаҳои олимон бармеояд, ки мафҳуми коррупсия мураккаб буда, онро ба як мазмуни умумӣ баҳо додан душвор аст. Аз ин рӯ, онро ба фаҳмиши васеъ ва маҳдуд ҷудо кардаанд. Новобаста аз ин, таҳлили адабиётҳо нишон медиҳад, ки дар аксари мавқеъҳо мафҳуми анъанавии коррупсия ҳамчун фаҳмиши таҳтуллафзии он дар чунин шакл пешбинӣ мешавад: коррупсия аз калимаи лотинии «corruption» гирифта шуда, маънои «ришва»-ро ифода мекунад. Он ҳамчун амали ҷиноятӣ муайян карда мешавад, ки аз истифодаи мақоми мансабӣ аз ҷониби шахсони

мансабдор барои қонеъсозии шахсӣ иборат аст. Чунин фаҳмиши коррупсия то андозае дар замони муосир шакли худро иваз кардааст, зеро имрӯзҳо бо ташаккули муносибатҳои иқтисодию бозоргонӣ шаклҳои нави содиршавии амалҳои коррупсионӣ ба вуҷуд омадаанд, ки олимонро ба баҳси доманадор ҷалб сохтаанд.

Бояд гуфт, ки коррупсия ҳамчун падидаи мураккаби иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ одатан аз нуқтаи назари илмҳои гуногун баррасӣ мешавад. Аммо бархе аз муаллифон гуногунии равишҳои омӯзиш ва фаҳмиши коррупсияро бо набудани таърифи якхелаи мафҳуми «коррупсия», ки ҳамаро қонеъ мекунад, шарҳ медиҳанд [128, с. 26]. Дар мавриди «...таърифи якхелаи коррупсия, ки ҳамаро қонеъ мекунад», бояд изҳор намуд, ки чунин таърифе вуҷуд надорад ва буда ҳам наметавонад. Коррупсия падидаи аз ҷиҳати иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ хеле мураккаб аст, ки таърифу тафсирҳои илмии он «... якранг ва барои ҳама қонеъкунанда» нест. Модоме ки коррупсия аз нуқтаи назари илмҳои гуногун омӯхта шуда, шарҳу тафсир карда мешавад, пас, табиист, ки доир ба он фаҳмишҳо мухталиф хоҳанд буд. Маълум аст, ки коррупсияро илми ҷомеашиносӣ ҳамчун проблемаи умумии ҷомеа ҳисобида, онро на ҳамчун ҷиноят ва ё падидаи ҳуқуқӣ, балки ҳамчун як мушкилоти ҷомеа баррасӣ менамояд. Аз ин бармеояд, ки фаҳмиши коррупсия дар илмҳои ҷомеашиносӣ, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқшиносӣ аз ҳамдигар фарқ мекунад.

Бо назардошти гуфтаҳои боло чунин хулосабарорӣ намудан мумкин аст, ки оид ба коррупсия мафҳум ва фаҳмиши ягона ва умумиэътирофшуда, ки ҳамагонро қонеъ гардонад, вуҷуд доштанаш ғайриимкон мебошад. Аммо мафҳуми ягонаи умумиэътирофшудаи ҳуқуқии он барои банду басти ҷиноятҳои коррупсионӣ шарт ва зарур мебошад. Пеш аз ҳама, дар фарҳангу тафсирҳо ва луғатҳои ҳуқуқию ғайриҳуқуқӣ истилоҳи коррупсия фаҳмишҳои худро дорад.

Дар ҳар давру замон истилоҳи «коррупсия» ба тариқи гуногун маънидод гаштааст. Масалан, дар замонҳои қадим онро бо истилоҳоти

«фасод», «вайронкунанда», «зараррасонанда», «фурухтани мансаб» ва «истифодаи имкониятҳои мансабӣ ба манфиати шахсӣ» ифода менамуданд, ки баъзеи онҳо ҳоло ҳам аҳаммияти худро гум накардаанд.

Аз нигоҳи луғавӣ «коррупсия» калимаи лотинӣ буда, маънои «харидан, вайронкунӣ»-ро дорад. Дар фарҳанги забони тоҷикӣ коррупсия ба маъноҳои ришвахӯрӣ, порахӯрӣ, фасод ва ғайра омадааст. Гуфтан мумкин аст, ки мафҳуми коррупсияро қонунгузории ҳар як давлат алоҳида муқаррар мекунад. Бояд гуфт, ки маънои луғавии коррупсия фасод нест, вале паёмади он фасодкунандаи тартибу низом буда, фитнаву шар эҷод мекунад. Дар яке аз луғатҳои энсиклопедӣ муайян шудааст, ки «истилоҳи «коррупсия» барои тавсифи истифодаи бевоситаи мақоми хизматии шахси мансабдор истифода мешавад, ки одатан бо вайронкунии қонун ҳамроҳ мешавад» [14, с. 576]. С. Хурсандзода дар ин маврид ибрози назар намудааст, ки «аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ (ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ, криминологӣ) коррупсия ҳамчун падидаи зиддиҳуқуқӣ, барои ҷамъият хавфнок, ки ҷиноят эътироф мегардад ва аз ҷониби шахси мансабдор бо истифода аз ваколатҳои мансабӣ содир мегардад» [157, с. 33].

Тавре қайд карда гузаштем, мафҳуми коррупсия ба маънои васеъ ва маҳдуд фаҳмида мешавад. Аз ин рӯ, таҳлили андешаҳои баъзе аз олимон дар ин хусус ба мафҳуми коррупсия боз ҳам равшанӣ хоҳад бахшид. Дар адабиётҳои криминологӣ қайд мегардад, ки «намунаи равиши «маҳдуд» ба таърифи коррупсия метавонад таърифи зерин бошад: коррупсия (аз лотинии «corruptio» – шикастан, вайрон кардан, зарар расонидан) ҳамчун падидаи иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ маъмулан ришвахӯрӣ ва ришваситонии мансабдорони давлатӣ, мансабдорон, инчунин ходимони ҷамъиятию сиёсӣ мебошад» [31, с. 384]. Я.И. Кузминов дар асари худ «Тезисҳо дар бораи коррупсия» таърифи нодири коррупсияро пешниҳод кардааст. Ба андешаи номбурда, коррупсия ба маънои маҳдуд падидаест, ки мансабдорон ба хотири мукофоти муайяни моддӣ дидаву дониста ба

вазифаҳои худ беэътиноӣ мекунанд ё хилофи ин вазифаҳо амал мекунанд. Дар коррупсия ҳамеша ду тараф даст доранд: касе, ки мехарад ва дигаре, ки пора гирифта, хилофи вазифаи хизматиаш амал мекунад. Дар баробари коррупсия ба маънои маҳдуд ришвахӯрӣ ва соҳибкории мустақили бюрократӣ вуҷуд дорад. Пора аз коррупсия бо он фарқ мекунад, ки ба мансабдор на барои вайрон кардани вазифааш, балки барои иҷрои он пора дода мешавад» [33, с. 4-5]. С.И. Ожегов бошад, коррупсияро ба мазмуни маҳдуд ҳамчун «порагирӣ бо ришва, фурӯхташавандагии мансабдорон ва сиёсатмадорон» таъриф мекунад [46, с. 290]. Аз мафҳумҳои додашуда се хусусияти муҳимми коррупсияро ҷудо кардан мумкин аст: аввалан, шахси мансабдор будани субъекти ришвахӯранда; дуюм, вобаста ба иҷрои вазифаи хизматӣ ба вуҷуд меояд; сеюм, барои гирифтани манфиати муайяни шахсӣ ва ё гурӯҳӣ (ба фоидаи шахсони наздик) содир карда мешавад.

Маврид ба тазаккур аст, ки аксар вақт ҷонибдорони равиши «маҳдуд» ба таърифи мафҳуми «коррупсия» аз этимологияи вожаи «коррупсия» ба маънои аслии он бармеоянд ва дар ин замина ба тафсири васеъ эътироз мекунанд, зеро, ба ақидаи онҳо, чунин тафсир моҳияти ин зуҳуротро гум мекунад. Дар ин хусус А.И. Долгов қайд мекунад, ки «тафсири аз ҳад зиёди коррупсия, аз ҷумла, амалан дар зери як истилоҳ муттаҳид шудани зуҳуроти хеле гуногунро аз рӯйи аломатҳои криминологӣ дар назар доштан зарур аст: азхудкунӣ, бадрафторӣ ва ришвахӯрӣ (коррупсия ба маънои дурусти калима). Номбурда коррупсияро ҳамчун падидаи иҷтимоӣ, ки бо ришвахӯрӣ ва фасоди кормандони давлатӣ ва дигар хизматчиён ва дар ин замина истифодаи ғаразноки онҳо барои гурӯҳи шахсӣ ё маҳдуд, манфиатҳои корпоративии ваколатҳои мансабдорон, салоҳият ва имкониятҳои марбут ба он тавсиф мешавад, таъриф мекунад» [47, с. 23]. Дар адабиёти криминологӣ қайд гардидааст, ки «коррупсия падидаи ришваситонӣ ва тамаъҷӯӣ мебошад, ки як субъект мансаби муайяни давлатиро ишғол намуда, дорои

ваколатҳои муайян аз ҷониби субъекти дигар ришва дода мешавад, то мансаб ва ваколатҳои дахлдори хизматии худро ба манфиати шахси порагир истифода намояд» [32, с. 708]. В.В. Лунеев коррупсияро «ҳамчун падидаи иҷтимоию ҳуқуқӣ ё криминологӣ маънидод менамояд, ки маҷмуи кирдорҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ хавфнокро дар бар мегирад. Он, аз як тараф, ҳамчун кирдори ҷиноятӣ дониста шуда, аз тарафи дигар (бо сабабҳои гуногун), кирдори ҷиноятӣ ҳисобида нашудааст, вале дар амалияи ҷиноятӣ эътироф шудааст» [102, с. 101].

М.Ю. Попов таърифи ҳуқуқии мафҳуми «коррупсия»-ро ғаразнок арзёбӣ мекунад, зеро дар он «танҳо равишҳои ҳуқуқӣ» истифода мешаванд. Аммо чаро аслан дар таърифи падидаи ҳуқуқӣ, ки аслан коррупсия аст, набояд аз «равишҳои ҳуқуқӣ» истифода шавад? Ба падидаи иҷтимоию ҳуқуқие, ки асосан моҳияти ҷиноятӣ ва мазмуни ҳуқуқи ҷиноятӣ дорад, кадом «баромадҳоро» истифода бурдан лозим аст? Ба андешаи М.Ю. Попов, дар ин маврид ивазшавии мафҳумҳо ба амал меояд, ки дар натиҷаи он муносибати комплексӣ дар таърифи коррупсия ба баҳои ҳуқуқии он ҳамчун натиҷаи ин бемории иҷтимоӣ роҳ медиҳад. Ин муҳокимаҳо ва баҳодиҳиҳо (хусусан дар бораи ҷойгузини мафҳумҳо) ниҳоят субъективӣ ба назар мерасанд [100, с. 131]. П.А. Чебоксаров коррупсияро ҳамчун маҷмуи падидаҳои манфие, ки дар ҷомеа ва давлат ба вуҷуд меоянд, таъриф мекунад. Он, пеш аз ҳама, дар беэътиноӣ ба меъёрҳои ахлоқӣ аз ҷониби шахсони мансабдор ва содир намудани кирдорҳои аз рӯйи манфиатҳои ғаразнок ё шахсии онҳо ба муқобили ҳокимияти давлатӣ, манфиатҳои хизмати давлатӣ ва хизмат дар мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ ифода меёбад» [135, с. 220]. Маънои мантиқии ин таъриф, ба фикри мо, бояд дар ҳамин шакл ифода ёбад. Маълум аст, ки таърифҳои дар илми ҳуқуқ пазируфташуда ва ҳатто мафҳумҳои ҳуқуқӣ наметавонанд тӯлонӣ ва аз ҳад зиёд муфассал бошанд. Вазифаи онҳо дар шакли ниҳоят мухтасар пешниҳоди мунтазами

хусусиятҳои асосӣ, муҳим ва паҳлӯҳои падидаи иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ ифода меёбад.

Мафҳуми коррупсия на танҳо аз нуқтаи назари илмӣ аз ҷониби муҳаққиқон пешниҳод карда шудааст, балки шакли қонунии мафҳум дар қонунгузорӣ низ ба назар мерасад. Аз ҷумла, Қонуни ҶТ «Дар бораи муқовимат бо коррупсия» аз 7-уми августи соли 2020, № 1714 дар м. 1 муқаррар намудааст, ки «коррупсия кирдоре (ҳаракат ё беҳаракатие), ки аз ҷониби шахси барои иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор ё шахсони ба он баробаркардашуда бо истифода аз мақоми хизматии худ ва имкониятҳои он барои ба манфиати худ ё шахси дигар ғайриқонунӣ ба даст овардани неъматҳои моддию ғайримоддӣ, бартарӣ ё имтиёзҳои дигар содир карда мешавад, инчунин ба ин шахс бевосита ё бавосита додани неъматҳои моддию ғайримоддӣ, бартарӣ ё имтиёзҳои дигар ба субъектҳои ҳуқуқвайронкуниҳои ба коррупсия алоқаманд бо мақсади моил кардан ё мукофотонидани онҳо барои содир намудани чунин ҳаракатҳо ба манфиати шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ фаҳмида мешавад» [3].

Вобаста ба мафҳумҳои таҳлилшуда бояд қайд намуд, ки аввалан, онҳо мафҳуми ягона ва умумиэътирофшудаи коррупсия ба ҳисоб намераванд. Як қатор нуқсонҳо дар мафҳумҳои мазкур мушоҳида мегарданд. Ба назари мо, аввалан, аз чунин таърифи коррупсия аломати «фурухташавандагӣ»-ро ҳамчун номарбуте хориҷ кардан лозим аст. Фурӯхташавандагӣ як навъи хислати шахсият аст, на ҷиноят. Чунин хислати шахсият, албатта, метавонад ба содир шудани ҷиноятҳои дахлдор мусоидат кунад, вале боиси он нагардад. Одам метавонад «фурӯхташаванда» бошад, аммо дар тамоми фаъолияти худ ягон ҷинояти расмӣ содир намекунад. Дар баробари ин, шахс метавонад ришвахӯр набошад, аммо дар шароити муайян ришва мегирад. Аз нуқтаи назари давлатӣ-ҳуқуқӣ (барои бандубасти ҷиноят) танҳо кирдор муҳим аст. На хислати ҷинояткор ва на ҳолатҳое, ки ӯро ба содир кардани ҷиноят водор кардаанд, аҳаммият надоранд (ҳарчанд ҳамаи ин барои тафтиши

ҷиноят муҳим аст). Дар баробари ин, порагирӣ ва ришвагирӣ кирдорҳои ҷиноятӣ буда, барои муайян намудани моҳияти криминологии коррупсия аҳаммияти калон дошта метавонанд. Бо ин назардошт, коррупсия танҳо муродифи вожаҳои «пора» ва «порагирӣ» мегардад. Дар ин хусус В.В. Барис қайд намудааст, ки ришвахӯрӣ ва пора ҳамчун кирдорҳои ҷиноятие, ки аз ҷиҳати моҳият гуногунанд, дар калимаи «коррупсия» ифодаи чизи умумиро мегиранд, ки онҳоро дар як синф муттаҳид мекунад [73, с. 111]. В.В. Барис дар идома изҳор намудааст, ки бо бархурди маҳдуд ба мафҳуми коррупсия саволи оқилона ба миён меояд: ҳамаи дигар амалҳои ғайриқонунии худпарастии хизматчиёни давлатиро, ки барои фурӯш ва ришваситонӣ нестанд, балки зери аломати сӯиистифодаи ваколатҳои расмие қарор доранд, ки ба ин шахсон дода шудааст, чӣ ном бояд кард? Ҳар кадоми ин кирдорҳо, албатта, аллакай номи махсуси худро доранд – ғорат, азхудкунӣ, сохтакорӣ ва ғайра. Аммо дар якҷоягӣ онҳо то ҳол ном надоранд. Айни замон, онҳоро табиитарин ва мувофиқтарин навъҳои гуногуни коррупсия ва ҷиноятҳои коррупсионӣ метавон номид. Дуруст аст, ки дар ҳамаи ин амалҳо то ҳадди имкон равшан ва қатъиян нишон додан лозим аст, ки он чиро маҳз ба як гурӯҳи махсус муттаҳид мекунад [73, с. 111]. Аз андешаи мазкур чунин хулосабарорӣ мегардад, ки коррупсия мафҳуми умумӣ ва васеъ буда, дигар амалҳо ва ё ҷиноятҳои коррупсиониро дар бар мегирад. Фаҳмишҳои мухталифу гуногунмазмун оид ба коррупсия дарк ва истифодаи мақсадноки онро дар таҳқиқотҳо душвор месозад.

Ю.М. Антонян бар ин назар аст, ки «коррупсияро ба маънои васеъ метавон ҳамчун содир кардани амалҳои муайян аз ҷониби шахсе муайян кард, ки аз рӯйи мавқеи хидматиаш қобилияти зарурӣ дорад ва ба манфиати шахсе, ки ғайриқонунӣ барои чунин амал пардохт кардаас, амал мекунад. Гузашта аз ин, амалҳо метавонанд комилан қонунӣ бошанд» [62, с. 38]. Аммо дар ин маврид содир намудани кирдори зикршуда ба фоидаи чунин шахс, инчунин ба манфиати хешу табор,

дӯстон, аъзои ҳизби ӯ ва ғайра, ки бо пардохти чунин кирдор ҳамроҳ нашудаанд, коррупсия ҳисобида мешавад, гарчанде зиёни моддию маънавӣ аз он метавонад аз зиёни амали пардохташуда зиёд бошад (хусусан, агар он ғайриқонунӣ бошад). Н.Ф. Кузнетсова муносибати васеъро ба мафҳуми коррупсия танқид карда,чунин менависад: «тамоми низоми сӯиистеъмолкунӣ, ба монанди сӯиистеъмоли ҳокимият, аз ҳад зиёд будани ваколат ва сохтакориро коррупсия номидан на танҳо ба мақсад мувофиқ нест, балки ба принсипҳо, тафовути гуноҳ, масъулият ва фарқ кардани ҷазо ҳам рост намеояд. Дар қонуни ҷиноятӣ ин танзими қонунгузории ҷиноятҳои иқтисодӣ ва мансабиро душвор карда, дар бандубасти ҷиноятҳо ва ҷазо додани онҳо нофаҳмиҳо ба вуҷуд меорад» [76, с. 112]. Ба андешаи А.Г. Корчагин ва А.М. Иванов, «механизми коррупсия, аслан, ду варианти рафтори коррупсиониро пешбинӣ карда метавонад: дар як маврид таъсири мутақобилаи ду субъект ба амал меояд, ки ҳар кадоми онҳо тавассути алоқаи коррупсионӣ манфиатҳои худро қонеъ гардонидан мехоҳанд» [29, с. 46]. Андешаҳои мазкур моро бори дигар водор месозад, ки бояд «сарҳади» коррупсия дақиқ ва равшан муайян карда шавад. Маҳз сарҳади коррупсия метавонад, ки амалҳои коррупсиониро аз дигар амалҳои ғайриқонунӣ ҷудо созад. Дар натиҷаи муайян кардан кирдорҳои коррупсионӣ аз дигар кирдорҳо дақиқан фарқ карда мешаванд.

Ба андешаи И.Д. Фиалковский, «коррупсия зуҳуроти ғайриқонунии барои ҷамъият хавфнок мебошад, ки бо истифодаи ғаразнок аз ҷониби хизматчиёни давлатӣ ваколатҳои мансабӣ, инчунин ҳокимиятҳои бо онҳо алоқаманд ба манфиатҳои шахсӣ ё дигар хос аст» [131, с. 139]. Н.А. Лопашенко низ фаҳмиши маҳдуди коррупсияро ҷонибдорӣ намуда, қайд мекунад, ки «маҳз дар натиҷаи пораҳӯрӣ шахс ба пораҳӯр табдил меёбад, ки мазмуни коррупсияро тавсиф мекунад. Пора асоси коррупсия буда, он, бешубҳа, ҳамеша дар мафҳуми коррупсия мавҷуд аст. Сӯйистифода аз ҷониби шахсони мансабдор ва дигар кормандон, ҳатто онҳое, ки

характери зархаридӣ дошта, ба ришвахӯрӣ иртибот надоранд, ба назари мо, коррупсия ҳисобида намешавад» [76, с. 112-113]. Тавре аз мафҳумҳу андешаҳои додашуда бармеояд, воқеан ҳам коррупсия яке аз монаҳои ҷиддӣ дар тамоми самту фаъолияти ҷамъиятию давлатӣ ба ҳисоб меравад. Дар натиҷаи коррупсия, ҳуқуқу озодиҳои субъектони ҳуқуқ поймол гардида, низомнокии иҷроиши ҳуқуқ халалдор мегардад. Ин аст, ки тамоми кишварҳои ҷаҳон, ташкилотҳои байналмилалӣ ва олимону муҳаққиқон пайваста дар ҷустуҷӯи методу воситаҳои муассири мубориза алайҳи коррупсия мебошанд.

Дар ҳуҷҷати заминавии СММ оид ба муборизаи байналмилалӣ бар зидди коррупсия омадааст, ки коррупсия сӯиистифода аз қудрати давлатӣ бо мақсади ба даст овардани манфиатҳо ба фоидаи шахсӣ мебошад [163]. Аз ин таъриф маълум мешавад, ки коррупсия аз додани подош барои аз вазифаи мансабдор фирефтани шахс, сарпарастӣ дар асоси робитаҳои шахсӣ ва азхудкунии маблағҳои давлатӣ барои истифодаи шахсӣ иборат аст. Ба қавли Н.И. Мелник, таърифи мафҳуми коррупсия ва муқаррар намудани зуҳуроти хоси он бояд ба дарки моҳияти иҷтимоии ин падида асос ёбад. Моҳияти коррупсия дар он аст, ки муносибатҳои иҷтимоиро вайрон мекунад [39, с. 202]. Аз андешаҳо бармеояд, ки далели асосӣ ба тарафдории нишон додани кирдорҳои коррупсионии вобаста ба порахӯрӣ Н.А. Лопашенко онҳоро хатари бештар барои ҷомеа мешуморад. Бо чунин далелҳо розӣ шудан душвор аст. Ба андешаи мо, барои ҷамъият фарқи калон надорад, ки қонун ба манфиати кӣ вайрон карда мешавад, ба фоидаи шахсоне, ки барои ин гуна вайронкуниҳо пул додаанд, ба манфиати хешу табори вайронкунанда, шиносҳои вай ва ғ. Дар баробари ин барои он асосҳои кофӣ мавҷуд нестанд, ки дар охир ҳаҷми зарари расида ҳамеша назар ба зарари аввал камтар бошад.

Ҳамин тариқ, мафҳуми маҳдуди коррупсия дар доираи назарияи давлат ва ҳуқуқ ба назари мо ғайриқаноатбахш менамояд. Ба фикри мо,

равиши васеъ, ки вақтҳои охир, аз ҷумла миёни олимони хориҷӣ торафт бештар маъмул гаштааст, қаноатбахштар ба назар мерасад. Аз нигоҳи давлатӣ-ҳуқуқӣ шарти ҳатмии коррупсия хусусияти ғайриқонунӣ ва ҷиноятии он мебошад. Коррупсия падидаи иҷтимоӣ мебошад, ки дар истифодаи ғайриқонунӣ аз ҷониби шахсони мансабдор (шахсони ваколатдор) ваколатҳои ба онҳо додашуда ба манфиат ва мақсадҳои шахсӣ (аз ҷумла шахсӣ) ва бар хилофи манфиатҳои шахсони ваколатдори онҳо (шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ) ифода меёбад.

Дар натиҷаи таҳлили мафҳумҳои додашуда чунин аломатҳо ва ё хусусиятҳои муҳимми коррупсияро қайд кардан мумкин аст:

Якум, танҳо амали шахсони мансабдор (ваколатдор) коррупсия шуда метавонад.

Дуюм, барои коррупсионӣ будани кирдор он бояд бо истифода ва дар доираи ваколатҳое, ки ба шахси содиркардаи он аз ҷониби ягон шахси дигар, ки бечунучаро дорои ҳуқуқи чунин амалҳо (ё беамалӣ) мебошад, амалӣ карда шавад.

Сеюм, амали коррупсионӣ бояд ғайриқонунӣ бошад. Ҳамзамон, он метавонад ҳуқуқҳои шахсии дорандаи ҳуқуқи муаллифро, ки дар шартномаи байни ӯ ва шахсе, ки аз ӯ ҳуқуқҳои шартӣ мегирад – корманди давлатӣ ё хусусӣ махсусан пешбинӣ шудааст ва инчунин ҳуқуқҳои умумидавлатӣ – ҷиноятӣ, маданӣ, маъмурӣ ва ғайраро вайрон кунад. Барои вайрон кардани онҳо табиист, ки касе ба ӯ ваколат дода наметавонад.

Чорум, амали коррупсионии шахси ваколатдор ҳатман ба муқобили манфиатҳои шахси дигар равона карда мешавад. Гап дар сари он аст, ки барои коррупсия шудан онҳо бояд манфиатҳои шахси дигареро, ба истисноии дорандаи мутлақи ҳуқуқҳои ин гуна амалҳо, пайгирӣ кунанд.

Дар адабиёти илмӣ аз нуқтаи назари субъекти коррупсия аломатҳои зерини иҷтимоии коррупсия пешниҳод карда шудаанд:

«инфиродии рафтор нисбат ба манфиати аксарият; истифодаи маҷбурӣ барои ноил шудан ба бартарии иқтисодӣ; хусусияти ғайрирасмии муносибатҳои коррупсионӣ; ғайриқонунӣ истифода бурдани неъматҳои моддӣ ва дигар неъматҳои ба давлат ва ҷамъият тааллуқдошта, воситаҳои ба даст овардани онҳо» [153, с. 53]. Муаллифони дигар хусусиятҳои коррупсияро чунин пешниҳод кардаанд: коррупсия маҷмуи одии механикии ҳуқуқвайронкуниҳои якхела нест, балки падидаи мураккаби иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ мебошад; коррупсия падидаи системавӣ аст, аз ин рӯ, дар мавриди ришваи якдафъаинаи хизматчии давлатӣ сухан дар бораи коррупсия нест; коррупсия мунтазам гирифтани хизматчиёни давлатӣ аз шахсони (гурӯҳҳои) сеюм ба манфиати онҳо ҷиҳати ба даст овардани неъматҳои моддӣ ва ғайра мебошад; амалҳое, ки барои музд анҷом дода мешаванд, бешубҳа, бо иҷрои вазифаҳои хизматии хизматчии давлатӣ алоқамананданд [30, с. 32]. Ба андешаи С. Хурсандзода, «коррупсия ҳамчун падидаи иҷтимоӣ нишонаҳои зеринро доро мебошад: барои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва давлат, дар маҷмуъ мушкилотеро ба бор меоварад, ки осебпазирии онҳоро зиёд мегардонад; доираи муайяни шахсоне вуҷуд доранд, ки ҳамчун субъекти он метавонанд ҳисобида шаванд (пеш аз ҳама, шахсони мансабдор); аз ҷониби ин субъектон истифода ё худ сӯиистифодаи ваколати мансабӣ бар хилофи манфиатҳои хизматӣ ва муқаррароти меъёрҳои қонун ва ахлоқ; фаъолияти ин субъектон, пеш аз ҳама, ба манфиатҳои шахсии худ ё дигарон (субектони махсус) равона гардидааст» [157, с. 32].

Таҳлили сарчашмаю адабити ҳуқуқи нишон медиҳад, ки оид ба мафҳуми коррупсия фаҳмиши ягона ҷой надорад. Як гурӯҳи олимон онро бяк фаҳмиши умумӣ таъриф дода, гурӯҳи дигар онро ба фаҳмиши васеъ ва маҳдуд тафсир кардаанд. Коррупсия на танҳо аз нуқтаи назари илмҳои ҳуқуқшиносӣ, балки сиёсатшиносию ҷомеашиносӣ низ мафҳумбандӣ гардидааст. Таҳқиқот нишон медиҳад, ки коррупсия дорои хусусиятҳо ва аломатҳои ба худ хос буда, онро аз дигар падидаҳои

ҳуқуқӣ фарқ мекунонад. Маврид ба зикр аст, ки аз нигоҳи назарияи давлат ва ҳуқуқ мафҳумбандӣ кардании коррупсия каме душвор ба назар мерасад, зеро дар он на танҳо хусусиятҳои ҳуқуқӣ, балки баъзе хусусиятҳои сиёсию ҷамъиятии онро низ ба инобат бояд гирифт. Мо фаҳмиши коррупсияро ба мазмуни васеъ ва маҳдуд бо чунин асосҳо қабул дорем: коррупсия дар мазмуни маҳдуд ҳамчун ришваситонии шахсони мансабдори давлатӣ, ки қонунгузории ҷиноятӣ бо таҳдиди татбиқи ҷазо ҷиноят муқаррар кардааст, фаҳмида мешавад. Дар мазмуни васеъ бошад, мафҳуми коррупсия на танҳо ришваситонӣ, балки дигар амалҳои монанд ба ришваситонӣ (азонихудкунӣ, пора, тамаъҷӯӣ ва ғ.), инчунин доираи васеътари субъектонро фаро мегирад.

Сатҳи ҷиноятҳои коррупсионӣ имрӯз дар кишвар баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, таъмини ҳамоҳангии боз ҳам бештар дар фаъолияти сохторҳои байниидоравӣ ва таъмини ҳамкории ҳамаҷониба оид ба ҳама гуна масъалаҳои бамиёномадаро тақозо менамояд. Хусусияти хоси ҳамоҳангсозӣ ва ҳамкорӣ дар кор ташкил ва фаъолияти гурӯҳҳои кории байниидоравӣ мебошад, ки робитаи доимии байни ҳама зинаҳои мақомоти прокуратураро таъмин менамояд. Ба ҳайати гурӯҳҳои кории байниидоравӣ дар баробари прокурорҳо, ба ақидаи бисёр муҳаққиқон, барои таъмин намудани дараҷаи баланди фаъолият коркунони мақомоти ҳифзи ҳуқукро низ дохил кардан лозим аст. Ин гурӯҳҳои корӣ ҳамчун як «ситод» хизмат мекунанд ва мушкилоти ҷорӣ дар самти мубориза бо ҷиноятҳои коррупсиониро муайян ва ҳал намоянд. Самти асосии фаъолияти гурӯҳҳои корӣ дар баробари масъалаҳои умумии пешгирӣ, ошкор, тафтиши ҷиноятҳои коррупсионӣ, пешбурди фаъолияти муайяни муштарак ва ҳамоҳангшуда аз рӯйи маводи тафтиш ва тафтиши парвандаҳои ҷиноятӣ қабули қарори мушаххас мебошад.

Бояд тазаккур дод, ки пешгирии амалҳои коррупсионӣ дар заминаи фаъолияти зиддикоррупсионӣ амалӣ карда мешавад. Тавре дар адабиёти

ҳуқуқӣ қайд мегардад, «фаъолияти зиддикоррупсионӣ ҳамчун фаъолиятест, ки ба пешгирӣ ё таъқиб кардани коррупсия, мубориза бо коррупсия ё танзими муомилоти иқтисодӣ ба тарзе, ки сатҳи коррупсия коҳиш ёбад, нигаронида шудааст. Нақшаҳои ҳукумат оид ба мубориза бо коррупсия метавонанд амали сиёсӣ, танзим, таъқиб, маорифи мардум, аудити дохилӣ ва ҳисоботро дар бар гиранд» [68, с. 105]. Тавре муҳаққиқон қайд мекунанд, ҳар як мақоми давлатӣ дар сатҳи дохилиидоравӣ воҳиди худро дорад, ки ба пешгирии ҷиноятҳои коррупсионӣ машғул аст. Маҳз онҳо дар сатҳи маҳдудтар дар дохили сохтор пешгирии ҷиноятҳоро амалӣ мекунанд ва дар мавриди зарурат пеши роҳи онҳоро мегиранд. Азбаски ин воҳидҳо тобеи роҳбари мақомоти дахлдор мебошанд, аз ин рӯ, фаъолияти онҳо дар самти мубориза бо коррупсия хеле маҳдуд аст. Вобаста ба ин, онҳо метавонанд ба муқобили ҷиноят танҳо дар сатҳи ибтидоӣ дар дохили идора, сохтор ё ташкилоти муайян самаранок мубориза баранд. Ба андешаи мо, ба чунин воҳидҳо мустақилияти муайян дода, робитаи бевоситаи онҳоро бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ таъмин намуда, фаъолияти ҳамоҳангсозиро ба мақомоти прокуратура дар сатҳи зарурӣ таъмин кардан лозим аст.

Мутобиқи андешаи В.А. Никонов, «мубориза бо коррупсияро метавон ҳамчун фаъолияти мақомоти давлатӣ, мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ, институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, ташкилотҳо ва шахсони воқеӣ дар доираи ваколатҳои худ муайян кард: а) пешгирии коррупсия, аз ҷумла ошкор ва рафъи минбаъдаи сабабҳои коррупсия (пешгирии коррупсия); б) ошкор, пешгирӣ, рафъ ва тафтиши ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ (мубориза бар зидди коррупсия); в) то ҳадди имкон кам кардан ва (ё) рафъи оқибатҳои ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ» [44, с. 133]. Дар навбати худ, Д.В. Шадрин чунин мешуморад, ки «фаъолияти зиддикоррупсионӣ фаъолияти давлат, мақомоти он, шахсони мансабдор, ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, соҳибкорон, шахсони воқеӣ мебошад, ки ба паст кардани сатҳи коррупсия, рафъи (маҳаллӣ, безараргардонӣ,

бархамдихӣ ва ғайра) омилҳои коррупсионӣ ва мубориза бо рафтори коррупсионӣ нигаронида шудааст» [136, с. 433-436]. Дар андешаҳои зикргардида баъзе субъектони фаъоляити зиддикоррупсиониро мушоҳида кардан мумкин аст.

Ба субъектҳои мубориза бо коррупсия мақоми ваколатдор оид ба мубориза бар зидди коррупсия, инчунин мақомоти давлатӣ, субъектҳои бахши иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, инчунин дигар шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дохил мешаванд. Дар соҳаи мубориза бар зидди ҷиноятҳои коррупсионӣ Палатаи ҳисоб, ки фаъолияти он ба ошкор намудани истифодаи нодурусти маблағҳои буҷетӣ нигаронида шудааст, аҳаммияти хоса дорад. Натиҷаҳои фаъолияте, ки аз ҷониби Палатаи ҳисоб амалӣ карда мешавад, аксар вақт барои санҷишҳои маъмурӣ ва ҷиноятӣ асос мешаванд. Мурочиатҳо ва маводҳое, ки аз Палатаи ҳисоб ба Прокуратураи генералӣ ворид мешаванд, бояд фавран тафтиш шуда, қарори қонунӣ қабул карда шавад [68, с. 105].

Фаъолият оид ба мубориза бар зидди ҷиноятҳои коррупсионӣ дар низоми маориф аз ҷониби мақомоти гуногуни ваколатдор, ки дорои салоҳиятҳои гуногун мебошанд, вобаста ба хусусиятҳои соҳаи муайян амалӣ мегардад. Қонуни ҶТ «Дар бораи муқовимат ба коррупсия» дар м. 7 муқаррар менамояд, ки «субъектҳои муқовимат ба коррупсия аз субъектҳои бевосита ба коррупсия муқовиматкунанда ва субъектҳое, ки дар муқовимат ба коррупсия иштирок менамоянд, иборат мебошанд» [3]. Мутобиқи м. 8 Қонуни мазкур «субъектҳои бевосита ба коррупсия муқовиматкунанда инҳоянд: Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи ҶТ; Прокуратураи генералии ҶТ; Вазорати корҳои дохилии ҶТ; Вазорати мудофиаи ҶТ; Кумитаи давлатии амнияти миллии ҶТ; Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти ҶТ; Гвардияи миллии ҶТ; Хадамоти гумруки назди Ҳукумати ҶТ; судҳои ҶТ» [3].

Мақомоти зиддикоррупсионӣ воҳиди оперативӣ-тафтишотии мақоми ваколатдор оид ба мубориза бо коррупсия мебошад, ки ба пешгири, ошкор, рафъ, ошкор ва тафтиши ҷиноятҳои коррупсионӣ нигаронида шудааст. Дар ҶТ ваколати мазкур ба зиммаи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон гузошта шудааст.

Нақши олимону муҳаққиқон низ дар фаъолияти зиддикоррупсионӣ назаррас мебошад. Онҳо метавонанд бо нашри мақолаҳои тарбияviву омӯзишӣ дар соҳаи муқовимат ба коррупсия дар рӯзномаву маҷаллаҳо саҳми сазовори худро расонанд. Ҳамин тавр, доираи субъектони фаъолияти зиддикоррупсионӣ хеле васеъ буда, танҳо дар якҷоягӣ метавонанд бо ин падидаи номатлуби ҷомеа муқовимат нишон диҳанд.

Дар натиҷаи таҳлилу баррасии масъалаи мафҳум, хусусиятҳо ва субъектони муқовимат ба коррупсия ба хулосаҳои зерин омадан мумкин аст:

1. Дар назарияи ҳуқуқшиносӣ то кунун мафҳуми ягонаю умумиэътирофшуда оид ба коррупсия ба назар намерасад. Аммо ин маънои онро надорад, ки коррупсия мафҳумбандӣ карда нашудааст. Сухан сари он меравад, ки дар таҳқиқотҳои худ аксари таҳқиқотчиён аз ягон мафҳуми мушаххаси коррупсия ҷонибдорӣ накардаанд. Дар ин миён танҳо ду мафҳум ба назар мерасад: яке мафҳуми дар қонунгузорӣ муқарраршуда ва дигаре мафҳуми таҳтуллафзии коррупсия.

2. Мафҳуми коррупсия мураккаб буда, онро ба як мазмуни умумӣ баҳо додан душвор аст. Аз ин рӯ, онро ба фаҳмиши васеъ ва маҳдуд ҷудо кардаанд. Новобаста аз ин, таҳлили адабиётҳо нишон медиҳад, ки дар аксари мавқеҳо мафҳуми анъанавии коррупсия ҳамчун фаҳмиши таҳтуллафзии он дар чунин шакл пешбинӣ мешавад: коррупсия аз калимаи лотинии «corruption» гирифта шуда, маънои «ришва»-ро ифода мекунад ва он ҳамчун амали ҷиноятӣ муайян карда мешавад, ки аз истифодаи мақоми мансабӣ аз ҷониби шахсони мансабдор барои

қонеъсозии шахсӣ иборат аст. Чунин фаҳмиши коррупсия то андозае дар замони муосир шакли худро иваз кардааст, зеро имрӯзҳо бо ташаккули муносибатҳои иқтисодию бозоргонӣ шаклҳои нави содиршавии амалҳои коррупсионӣ ба вуҷуд омадаанд ва олимонро ба баҳсҳои доманадор ҷалб сохтаанд.

3. Дар мавриди «...таърифи якхелаи коррупсия, ки ҳамаро қонеъ мекунад», бояд изҳор намуд, ки чунин таърифе вуҷуд надорад ва буда ҳам наметавонад. Коррупсия падидаи аз ҷиҳати иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ хеле мураккаб аст, ки таърифу тафсирҳои илмии он «... якранг ва барои ҳама қонеъкунанда» нест. Модоме ки коррупсия аз нуқтаи назари илмҳои гуногун омӯхта шуда, шарҳу тафсир карда мешавад, пас, табиист, ки доир ба он фаҳмишҳо мухталиф хоҳанд буд. Маълум аст, ки коррупсияро илми ҷомеашиносӣ ҳамчун проблемаи умумии ҷомеа ҳисобида, онро на ҳамчун ҷиноят ва ё падидаи ҳуқуқӣ, балки ҳамчун як мушкилоти ҷомеа баррасӣ менамояд. Аз ин бармеояд, ки фаҳмиши коррупсия дар илмҳои ҷомеашиносӣ, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқшиносӣ аз ҳамдигар фарқ мекунад.

4. Вобаста ба мафҳумҳои таҳлилшуда бояд қайд намуд, ки аввалан, онҳо мафҳуми ягона ва умумиэътирофшудаи коррупсия ба ҳисоб намераванд. Як қатор нуқсонҳо дар мафҳумҳои мазкур мушоҳида мегарданд. Ба назари мо, сараввал, аз чунин таърифи коррупсия аломати «фурухташавандагӣ»-ро ҳамчун номарбуте хориҷ кардан лозим аст. Фурӯхташавандагӣ як хислати шахсият аст, на ҷиноят. Чунин хислати шахсият, албатта, метавонад ба содир шудани ҷиноятҳои дахлдор мусоидат кунад, вале боиси он нагардад. Одам метавонад «фурӯхташаванда» бошад, аммо дар тамоми фаъолияти худ ягон ҷинояти расмӣ содир намекунад. Дар баробари ин, шахс метавонад ришвахӯр набошад, аммо дар шароити муайян ришва мегирад. Аз нуқтаи назари давлатӣ-ҳуқуқӣ (барои бандубасти ҷиноят) танҳо кирдор муҳим аст. На хислати ҷинояткор ва на ҳолатҳое, ки ӯро ба содир кардани ҷиноят водор кардаанд, аҳаммият надоранд (ҳарчанд ҳамаи ин барои тафтиши

ҷиноят муҳим аст). Дар баробари ин, порагирӣ ва ришвагирӣ кирдорҳои ҷиноятӣ буда, барои муайян намудани моҳияти криминологии коррупсия аҳаммияти калон дошта метавонанд. Бо ин назардошт, коррупсия танҳо муродифи вожаҳои «пора» ва «порагирӣ» мегардад.

5. Мафҳуми маҳдуди коррупсия дар доираи назарияи давлат ва ҳуқуқ, ба назари мо, ғайриқаноатбахш менамояд. Ба андешаи мо, равиши васеъ, ки вақтҳои охир, аз ҷумла дар байни олимони хориҷӣ торафт бештар маъмул гаштааст, қаноатбахштар ба назар мерасад. Аз нигоҳи давлатӣ-ҳуқуқӣ шарти ҳатмии коррупсия хусусияти ғайриқонунӣ ва ҷиноятии он мебошад. Бе вайрон кардани қонунҳо ва дигар меъёрҳои ҳуқуқӣ (дастурҳои кор ва ғайра) ягон амали ҷамъиятиро ҳамчун ҷиноят ё коррупсионӣ тасниф кардан мумкин нест, гарчанде шахси мансабдоре, ки онро содир кардааст, аз он ягон манфиати шахсии худро гирифта ё ба шахсони сеюм роҳ дода бошад. Масалан, қарор дар бораи ғолиби конкурс ё тендер барои дархости давлатӣ, бешубҳа, ба нафъи баъзе иштирокчиёни тендер ва зарари дигарон мегардад. Аммо агар чунин қарор бо риояи тамоми тартиботи муқарраршуда қабул карда шавад, он гоҳ наметавонад ба мафҳуми амали коррупсионӣ дохил шавад. Аз ин лиҳоз, ба мафҳуми коррупсия дохил кардани аломати ғаразпарастии рафтори ҷинояткор ба назари мо номуносиб ва ғайриқонунӣ ба назар мерасад.

6. Таҳқиқи масъалаи мафҳум ва моҳияти коррупсия нишон медиҳад, ки атрофи мафҳуми он дар адабиётҳо андешаҳои мухталиф ҷой дошта, мафҳуми умумиэътирофшудаи он вуҷуд надорад. Як гурӯҳи олимон онро ба фаҳмиши умумӣ таъриф дода, гурӯҳи дигар онро ба фаҳмиши васеъ ва маҳдуд тафсир кардаанд. Коррупсия на танҳо аз нуқтаи назари илмҳои ҳуқуқшиносӣ, балки сиёсатшиносию ҷомеашиносӣ низ мафҳумбандӣ гардидааст. Таҳқиқот нишон медиҳад, ки коррупсия дорои хусусиятҳо ва аломатҳои ба худ хос буда, онро аз дигар падидаҳои ҳуқуқӣ фарқ мекунонад. Мо фаҳмиши коррупсияро ба мазмуни васеъ ва

маҳдуд бо чунин асосҳо қабул дорем: коррупсия дар мазмуни маҳдуд ҳамчун ришваситонии шахсони мансабдори давлатӣ, ки қонунгузории ҷиноятӣ бо таҳдиди татбиқи ҷазо ҷиноят муқаррар кардааст, фаҳмида мешавад. Дар мазмуни васеъ бошад, мафҳуми коррупсия на танҳо ришваситонӣ, балки дигар амалҳои монанд ба ришваситонӣ (азхудкунӣ, пора, тамаъҷӯӣ ва ғ.), инчунин доираи васеътари субъектонро фаро мегирад. Бояд гуфт, ки омӯзиши равишҳои дарки моҳияти коррупсия ва сохтори он метавонад ба таҳияи тадбирҳои муассири мубориза бо коррупсия ва дар ниҳояти кор таҳкими волоияти қонун ва интизом дар идораи давлатӣ мусоидат намояд.

# БОБИ 2. ТАШАККУЛ ВА ИНКИШОФИ ТАЪРИХИИ АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ-ҲУҚУҚИИ МУҚОВИМАТ БА КОРРУПСИЯ ДАР ТОҶИКИСТОНИ ТАЪРИХӢ ВА МУОСИР

## 2.1. Таҷрибаи муқовимат ба падидаҳои коррупсионӣ дар Тоҷикистони таърихӣ

Анҷом додани таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқии коррупсия барои такмили қонунгузории кишвар аҳаммияти баланди илмию амалӣ дорад. Тавре У.А. Азиззода қайд менамояд, «такмил додани сиёсати ҳуқуқии мубориза бо ҷиноятҳо (қонунгузории ҷиноятӣ, мубориза бо коррупсия, мубориза бо маводи мухаддир ва ғ.) ва низоми ҷазои ҷиноятӣ бе таҳқиқоти ҳамаҷонибаи таърихию назариявӣ ғайриимкон аст» [144, с. 10]. Ҷиноятҳои дорои хусусияти коррупсионӣ – дидаву дониста қабули қарорҳои нодуруст аз ҷониби шахсони мансабдор, тамаъҷӯӣ ва ришвахӯрӣ, дидаву дониста кашол додани ҳалли баҳсҳо аз ҷониби шахсони мансабдор, ҳанӯз дар замонҳои қадим маълум буданд [53, с. 53]. Мавриди зикр аст, ки ҷиноятҳои коррупсионӣ аз давраҳои қадим, дар замоне, ки моликияти хусусӣ ва тақсимоти ҷамъиятии меҳнат ба амал омадааст, пайдо шуда, то замони муосир дар шаклу навъҳои гуногун низомҳои таърихӣ-ҳуқуқии зардуштӣ, мусулмонӣ ва шуравиро тай карда, ба низоми муосири ҳуқуқ гузариш кардааст.

Дар ибтидо коррупсия аз ҷониби ҷомеа ҳамчун сӯиистифода аз нигоҳи меъёрҳои ахлоқию маънавӣ қабул шуда, бо таъсиси ҷомеаи ҳуқуқӣ ва аз нигоҳи он баҳо дода мешавад. Ҷанбаи иҷтимоии коррупсия аз рӯйи ин консепсия парокандагии ҳокимиятро дар асоси ангезаҳои худхоҳона дар назар дорад. Ҳукуматҳои аксарияти кишварҳо чораҳои зиддикоррупсиониро амалӣ мекунанд, ки ба онҳо меъёрҳои гуногун ва назорати иҷрои онҳо, инчунин тарғиби рафтори зидди коррупсия дохил мешаванд. Бо ин роҳ давлат шаҳрвандонро ба риояи қонунгузории зиддикоррупсионӣ ҳавасманд мекунад. Коррупсия яке аз зуҳуроти

мураккабу манфии ҷамъиятӣ маҳсуб мегардад, ки дар замонҳои қадим пайдо шуда, то имрӯз қариб дар ҳамаи давлатҳои ҷаҳон вуҷуд дорад. Мувофиқи тадқиқоти олимон ҳанӯз дар асри XX то мелод амалдорони Бобулистон ба ин амал даст мезаданд.

Яке аз марҳилаҳои ташаккули мубориза бо коррупсия давраи амали ҳуқуқи зардуштӣ ба ҳисоб меравад. Ҳанӯз дар низоми ҳуқуқии зардуштӣ чораҳои муқовимат бо коррупсия роҳандозӣ гардида, як қатор ҳуҷҷатҳои ҳуқуқию одатӣ ва динӣ коррупсияро маҳкум мекарданд. Ба андешаи У.А. Азиззода, «замони амали фарҳанги зардуштӣ давраи поягузорию бавуҷудоии давлатдории тоҷикон ва ҳамзамон ташаккули меъёрҳо ва институтҳои ҳуқуқӣ дониста мешавад, ки фарогири танзими васеи муносибатҳои ҷамъиятӣ буданд» [58, с. 236], «ин давраи ташаккули ҳуқуқ ҳанӯз аз шаклгирии пурраи институтҳо ва меъёрҳои ҳуқуқӣ, ки фарогири соҳаҳои комили ҳуқуқ мебошанд, хеле дур буд, вале меъёрҳои парешони ҳуқуқӣ дар омезиш бо дигар меъёрҳои иҷтимоии танзимкунандаи кулли муносибатҳои ҷамъиятӣ дар сатҳи мувофиқ ба ҳамон замон мавриди амал қарор гирифта буданд» [8, с. 19-20]. Лозим ба тазаккур аст, ки дар қаламрави Тоҷикистони таърихӣ сулолаҳои гуногун ҳукмронӣ кардаанд, ки дар онҳо низоми ҳуқуқии зардуштӣ муносибатҳои ҳуқуқию ҷамъиятиро ба танзим медароварданд. Ф.М. Расулов «амали ҳуқуқи зардуштиро дар давраи мазкур, бешак, марҳалаи рушду камоли давлатдории халқҳои ориёӣ дар давраи то Ислом шуморидааст. Тавре номбурда изҳор медорад, пас аз забткориҳои арабҳо таҷрибаи давлатдории ин сулолаҳо садсолаҳо аз ҷониби арабҳову давлатҳои баъдӣ ҳамчун намунаи ибрат мавриди омӯзишу баҳрабардорӣ қарор гирифтааст» [116, с. 40]. Бо назардошти андешаҳои мазкур, чунин хулоса кардан мумкин аст, ки то давраи паҳншавии Ислом дар сарзамини тоҷикнишин давлтаҳои номдори ориёӣ, ба монанди Ҳахоманишиҳо ва Сосониён ҳукумронӣ кардаанд, ки дар фаъолияти онҳо низоми ҳуқуқии зардуштӣ татбиқ мегардид.

Маврид ба зикр аст, ки паҳлуҳои гуногуни институтҳои ҳуқуқӣ, аз ҷумла, маҳкумияти амалҳои коррупсиониро дар таҳқиқотҳои як қатор олимони ватанӣ, ба монанди У.А. Азиззода, Э.Б. Буризода, А.М. Диноршоҳ [150], Ф.Т. Тоҳиров, А.Ғ. Холиқзода [55], Р.Ш. Шарофзода ва Ф.А. Бобохонов мушоҳида кардан мумкин аст. Аз ҷумла, У.А. Азиззода қайд менамояд, ки «низоми ҳуқуқии мазкур дар қаламрави давлатҳои таърихии форсу тоҷик амал карда, муносибатҳои васеи ҷамъиятӣ, ҳуқуқӣ, динӣ, одатӣ ва давлатдорию идоракуниро танзим менамуд» [9, с. 44]. Ба андешаи Ф.А. Бобохонов, бисёре аз меъёрҳо ва институтҳои ҳуқуқи зардуштӣ таърихан ва мувофиқ ба талаботи меросият аз як низоми давлатдорию ҳуқуқӣ ба дигараш гузашта, қисме аз онҳо то кунун дар ҳаёти воқеӣ ва одату анъанаҳои ҳаррӯзаи тоҷикон амал менамоянд [146, с. 30]. Масалан, меъёрҳо оид ба мамнуъ будани амалҳои коррупсионӣ.

Оид ба масъалаи муқовимат ба амалҳои коррупсионӣ дар давраи амали ҳуқуқи зардуштӣ андешаҳо ва меъёрҳои ҳуқуқӣ нисбатан маҳдуд ба назар мерасанд. Ба ақидаи мо, ин аз он сабаб аст, ки муносибатҳои пулию молиявӣ дар он замон он қадар рушд накарда буд. Новобаста аз ин, баъзе сарчашмаҳо атрофи масъалаи коррупсия дар замони амали ҳуқуқи зардуштӣ ишора мекунанд. Яке аз муҳаққиқони ватанӣ Ф.М. Расулов ба масъалаи мазкур таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуда, дар ин хусус иброз доштааст, ки «дар марҳилаи ориёиву зардуштии давлатдории тоҷикон кирдорҳои коррупсионие чун суиистифода аз мансаб, гирифтани пора (греҳма, порак), тамаъҷӯӣ (озварӣ), барзиёд ситонидани андоз, нодуруст чен кардани заминҳо бо мақсади зиёдтар ситонидани онҳо бо меъёрҳои ҳуқуқию динӣ маҳкум гардида, ҷазои дунёвию ухравӣ нисбаташон пешбинӣ гардида буд. Агар дар асрҳои аввали салтанати Ҳахоманишиёну Сосониён ташкили низоми мураттаби давлатдориву девонсолорӣ, ҷалби донишмандон дар корҳои давлатӣ, дастгирии илму фарҳанг, ҳамкории мутақобилаи муваффақонаи дину давлат, рушду такомули манбаъҳои ҳуқуқи зартуштӣ, раиятпарварию ободкорӣ,

ислоҳотҳои гуногуни идориву ҳарбиву молиявӣ, аз ҷумла, муқовимат бо фасоди идорӣ (кирдорҳои коррупсионӣ) сабабгори таҳкими давлат, ташаккулу тақвияти ниҳодҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангӣ шуда бошанд, дар охири давлатдориашон баробари ҷангҳои дурударoз бо давлатҳои ҳамсоя, низоъҳои дохилӣ, кашмакашиҳои дарборӣ ва фасоди идорӣ яке аз сабабҳои асосии таназзулу шикасти ин давлатҳо гардидааст» [116, с. 39]. Дар замони муосир низ коррупсия яке аз мушкилоти ҷиддии иҷтимоӣ, сиёсӣ ва иқтисодӣ ба шумор меравад. Маврид ба тазаккур аст, ки гарчанде он бештар аз зовияи ҳуқуқию иқтисодӣ баррасӣ мешавад, аммо реша ва паёмадҳои он амиқтар аз он аст, ки танҳо бо қонун танзим ва ё ҳал шавад. Аз ин рӯ, таҳлили коррупсия имкон медиҳад, ки ин падидаи манфиро дар сатҳи арзишҳо, маънавиёт ва табиати инсон беҳтар дарк намоем.

Бояд гуфт, ки амалҳои коррупсионӣ боиси поймол гардидани ҳуқуқу озодиҳои дигарон гардида, дар натиҷа ба шахс зарари маънавӣ мерасонанд. Дар ин хусус дар адабиёт қайд мегардад, ки ҳар амале, ки ба инсон ва ҳуқуқу манфиатҳои вай зарари моддӣ ва маънавӣ мерасонад, дар низоми ҳуқуқи зардуштӣ маҳкум мегардид ва ҷавобгарии муайяне низ нисбат ба шахсони содиркардаи он татбиқ мекарда мешуд [116, с. 33]. Ғайр аз ин, Эъломияи умумии ҳуқуқи башари Куруши Кабир ҳуқуқ ба моликиятро дар банди 3 муқаррар мекард ва ин чунин маъно дошт, ки дар ҳуқуқи зардуштӣ ҳар кас ба моликияти худ ҳуқуқ дошта, ҳеҷ кас ба моликияти дигарон даxолат карда наметавонист.

Сарфи назар аз андешаҳои мазкур, баъзе ақидаҳое мавҷуданд, ки ошкоро аз амалҳои коррупсионӣ дар аҳди зардуштӣ ишора менамоянд. Аз ҷумла, «аз замони давлатдории Ҳахоманишиҳо якчанд нақлу ривоёт вобаста ба амалҳои коррупсионӣ ва муҷозот барои он то замони мо расидааст. Дар ин давра шоҳаншоҳ ба сифати мақоми асосии додгустарӣ бар кори додрасон (судҳо) низ назорат мебурд. Агар ҳукми ноҳақе аз онҳо содир мешуд, ба тариқи саҳеҳ рафъи зулм мекард» [116, с. 34].

Ҳамин тавр, таҳлили андешаҳо нишон медиҳад, ки мавҷудияти амалҳои коррупсионӣ, таъини ҷазо барои онҳо ва бахшиши баъзе кирдорҳои коррупсионӣ дар давраи амали ҳуқуқи зардуштӣ тасдиқи худро ёфтаанд. Ба андешаи мо, меъёре, ки дар қ. 1, эзоҳи м. 320 КҶ ҶТ оварда шудааст, заминаи худро маҳз аз низоми ҳуқуқи зардуштӣ мегирад. Аз мазмуни меъёри мазкур бармеояд, ки агар тамаъҷӯии пора ихтиёран ба мақоме, ки ба оғози парвандаи ҷиноятӣ ҳуқуқ дорад, хабар дода шавад, ӯ аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда мешавад. Чунин ҳолат ҳам дар низоми ҳуқуқи зардуштӣ, мусулмонӣ ва ҳам шуравӣ ба назар мерасад. Пас, метавон гуфт, ки меъёри мазкур аз низоми ҳуқуқи зардуштӣ ба мусулмонӣ, баъдан ба ҳуқуқи шуравӣ ва сониян ба низоми муосири ҳуқуқ гузариш намудааст.

Ф.М. Расулов дар давраи зардуштӣ сабаби коҳиш ёфтани амалҳои коррупсиониро дар чунин омилҳо донистааст: «1) баргузории ислоҳоти идорию ҳарбӣ, молиявию пулӣ; 2) ҷорӣ намудани низоми дақиқи ҳисобу китоб; 3) пардохти мунтазами музди меҳнат ба кормандону мансабдорону лашкариён; 4) назорати давлатӣ, аз ҷумла, назорати давлатии молиявӣ дар сохтори давлатии шоҳаншоҳии Ҳахоманишиҳо» [116, с. 34]. Мавриди зикр аст, ки тамоми чораҳои мазкур дар замони муосир низ аз ҷониби тамоми кишварҳо амалӣ шуда истодаанд, вале самаранокии он нисбатан маҳдуд мебошад. Ба ақидаи мо, ин аз он сабаб аст, ки ин воситаҳо ба шароит, фарҳангу тафаккури аҳолии муосир мувофиқат намекунанд. Бинобар ин, усулҳои боз ҳам самараноктарро андешидан лозим аст, ки ба афкору фарҳанги мардуми ин замон мувофиқ бошанд.

Дар давраи ҳукмронии давлати Сосониён, ки аслан низоми ҳуқуқи зардуштӣ дар он амал мекард, андешаҳо оид ба кирдорҳои коррупсионӣ ва муқовимат ба он мушоҳида мегарданд. Тавре дар адабиёти ҳуқуқӣ қайд мегардад, асосан, низоми ҳуқуқи зартуштӣ бартарӣ дошт ва маркази рушду тавсеаи оини зартуштӣ давлати Сосониён ба ҳисоб

мерафт [116, с. 37]. Баъзе андешаҳо мавҷуданд, ки мазмунан пешгирии амалҳои коррупсиониро дар давлати Сосониён ифода мекунанд. Аз ҷумла, асосгузори давлат ба тиҷорат машғул шудани худро муҷиби беадолатӣ донистa, таъкид менамояд, ки ҳамчун шоҳ тиҷорат нахоҳам кард [115, с. 57]. Ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул шудани шахсони мансабдор дар Конститутсияи ҶТ низ манъ карда шудааст, ки ин нишонаи меросбарии меъёрҳо ва таҷрибаи ҳуқуқии ниёгони тоҷик ба ҳисоб меравад.

Сарчашмаи муҳимтарини низоми ҳуқуқи зардуштӣ Авесто ба ҳисоб меравад, аммо меъёрҳо оид ба кирдорҳои коррупсионӣ дар он ба назар намерасад. Сарфи назар аз ин, дигар сарчашмаҳои низоми мазкур дар ин хусус ишораҳо менамоянд. Аз ин бармеояд, ки дар ҳуқуқи зардуштӣ кирдорҳои коррупсионӣ бо меъёрҳои динӣ бештар мавриди маҳкумсозӣ қарор гирифта, оқибатҳои хавфноки онро низ тавассути ҷазоҳои ондунёӣ ифода гардидааст.

Хулоса кардан мумкин аст, ки ибораҳои марбут ба кирдорҳои дорои хусусияти коррупсионӣ, ба монанди тамаъҷӯӣ ва фасоду порситонӣ маҳз дар давраи амали ҳуқуқи зардуштӣ пайдо шуда, дар давраи амали ҳуқуқи мусулмонӣ ва шуравӣ ташаккул ёфта, шаклу номҳои дигарро касб намудаанд. Яъне истилоҳи коррупсия падидаи асри нав буда, дар низомҳои таърихӣ-ҳуқуқии Тоҷикистон мафҳумҳои пора, тамаъ ва фасод бештар истифода гардидаанд.

Марҳилаи дигари ташаккули чораҳои муқовимат бо амалҳои коррупсионӣ давраи амали ҳуқуқи мусулмонӣ маҳсуб меёбад. Дар давраи мусулмонӣ коррупсия тавассути сарчашмаҳои дорои хусусияти ҳуқуқию динӣ сахт маҳкум карда шудааст. Ҳамин тавр, коррупсия ҳамчун падидаи таърихию иҷтимоӣ дар Шарқ то имрӯз боқӣ монда, шаклҳои торафт мукаммалро касб кардааст. Кишварҳои гуногун барои рафъи ин падидаи манфии иҷтимоӣ роҳҳои гуногун интихоб мекунанд: аз чораҳои сахти муҷозотӣ то тарбияи фарҳанги ҳуқуқии шаҳрвандон тавассути

таълиму маърифат. Саволе, ки кадом роҳ самараноктар аст, боз ҳам боқӣ мемонад. Ҷавоб ба он аз рӯйи вижагиҳои тамаддун, давлат ё миллати алоҳида муайян карда мешавад. Бинобар ин, омӯзиши таҷрибаи гузаштаи ниёгони тоҷик дар масъалаи муқовимат ба коррупсия дорои аҳаммияти баланди назарию амалӣ мебошад.

Бояд қайд намуд, ки яке аз мушкилоте, ки инсониятро аз замонҳои қадим ба ташвиш овардааст, ришвахӯрӣ мебошад, ки имрӯзҳо беш аз пеш паҳн шуда истодааст. Ин беморӣ ҳамеша яке аз бузургтарин монеаҳо дар роҳи ба амал баровардани адолати иҷтимоӣ буд ва боқӣ мемонад. Порахӯрӣ асосҳои ҳаёти ҷамъиятиро вайрон мекунад. Дар чунин шароит зӯроварӣ, нобаробарӣ, ноадолатӣ ва табъиз ҳар як қишри ҷомеаро фаро гирифта, танҳо номи қонуну адолат боқӣ мемонад. Маҳз аз ҳамин сабаб аст, ки дини ислом фасоди ришвахӯриро нишон дода, онро шадидан маҳкум намуда, аз ҷумлаи сангинтарин гуноҳон бар хилофи меъёрҳои ахлоқи динӣ медонад [134, с. 24]. Бояд эътироф кард, ки коррупсия дар Шарқ дар тамоми даврахои таърихӣ падидаи бартарафнашаванда боқӣ мондааст. Ин ба андозаи зиёд ба кишварҳои ҷаҳони ислом дахл дорад ва таълимоти исломӣ ҳама гуна зуҳури шарри иҷтимоии мавриди назарро шадидан маҳкум мекунад. Тибқи Қуръон, ҳар гуна тасарруфи моли касе, инчунин ришваситонӣ ба мансабдорон гуноҳ аст. Аммо бояд иқрор шуд, ки «шарри иҷтимоии коррупсия дар ҷаҳони ислом падидаи доимӣ буда, дар баъзе кишварҳо ва дар даврахои муайяни таърихӣ хусусияти фарогир касб карда буд ва ҳамчунин боқӣ мемонад. Омӯзиши масъалаҳои марбут ба чунин падидаи иҷтимоӣ, аз қабили ришвахӯрӣ дар китобҳои муқаддас ва осори уламои исломӣ, иқтисоддонҳо ва ҳуқуқшиносон аз бисёр ҷиҳат ба мо имкон медиҳад, ки имрӯз натиҷаҳои таҳқиқоти онҳоро бо мақсади ташаккул ва рушди сохтори нави иқтисодӣ дар кишвар аз нав дида бароем» [104, с. 128-129]. Ба ҳамин тариқ, ришвахӯрии густурда, ки тамоми доираи муносибатҳои ҷамъиятиро фаро гирифтааст, ба захми ҳақиқии иҷтимоии давлатҳои Форс дар

асрҳои миёна ва замони нав табдил ёфт. Ҷамъоварии андозҳо ва намудҳои гуногуни боҷҳо ва боҷҳои гумрукӣ дар ҳама ҷо ба роҳ монда мешуд.

Қуръон ҳамчун сарчашмаи аввалиндараҷаи ҳуқуқи мусулмонӣ ба ҳисоб рафта, на танҳо ҷиҳати маънавии инсонро инкишоф медиҳад, балки қоидаҳои асосиро дар бораи зиндагӣ, аз ҷумла фаъолияти иқтисодиро дарбар мегирад. Қуръон ришваро, ки аслан аз ишқи инсон ба мол аст, нодида намегирад ва дар хусуси он баъзе оятҳои равшан оварда шудааст. Бинобар ин, тааҷҷубовар нест, ки чунин падида дар он даврони қадим вуҷуд дошт, зеро инсон ҳамеша барои бой шудан талош мекунад. Ислом дар ҳоле ки хоҳиши ба молу сарвати инсонро манъ накардааст, танҳо ба ҳар васила хоҳиши онро маҳкум мекунад: «Молҳои хешро дар миёни якдигар ба ноҳақ нахӯред ва ба қозиён ришва надиҳед, то бахше аз моли мардумро бихӯред ва дидаву дониста гуноҳ кардаед» [34, с. 2:88]. Илова бар ин, Қуръон мардумро ба парҳез аз бадӣ водор мекунад ва дар забони арабӣ бо ҳамон вожаи коррупсия «фасод» ифода шудааст: «Ин сарои охиратро аз они касоне сохтаем, ки дар ин ҷаҳон на хоҳони бартариҷӯӣ ҳастанд ва на хоҳони фасод. Ва саранҷоми нек аз они парҳезгорон аст» [34, с. 28:83]. Аз меъёрҳои мазкур бармеояд, ки дар Қуръон мафҳуми коррупсия дақиқ пешбинӣ нашуда, мазмунан масъалаи муқовимат ба коррупсия ҳамчун чораи пешгирикунанда муқаррар шудааст. Ҳамзамон, дар муқоиса ба ҳуқуқи зардуштӣ дар ҳуқуқи мусулмонӣ бештар мафҳумҳои фасод ва ришва истифода гардидаанд.

Агар шахс маҷбур аст, ки ришва диҳад ва роҳи дигаре барои исбот кардани ҳақ будани ӯ ё гирифтани он чизе, ки ба ӯ тааллуқ дорад, вуҷуд надошта бошад, пас, танҳо шахсе, ки ба чунин амали ғайриқонунӣ маҷбур мекунад, гунаҳкор хоҳад буд ва имкони гирифтани пораро боқӣ намегузорад [42, с. 222-223]. Қуръони карим пора ва муомилоти беинсофонаро бечунучаро маҳкум мекунад. Дар сураи «Бақара» Худованди мутаол чунин мефармояд: «Моли якдигарро ба ноҳақ исроф

макунед ва онро ба ҳокимон [ба сифати ришва] нафиристед, то бахше аз моли мардумро [ба исроф] дар гуноҳ сарф кунед, ҳарчанд медонед, ки [ҳаром аст]» (Бақара, 188). Дар ин оят на танҳо далели гирифтани ришва таъкид шудааст, балки касеро, ки ришва медиҳад, маҳкум мекунад. Ин маънои масъулияти тарафайнро дорад, вақте ки ҳарду ҷониб дар гуноҳи ришва даст доранд. Ҳамзамон дар Қуръон дахнопазирии моликият кафолат дода шудааст, ки  бе иҷозаи соҳиби он онро истифода бурдан манъ шудааст: «Эй касоне, ки имон овардаед, моли якдигарро ба ноҳақ махӯред, магар аз молҳои тиҷоратӣ, ки ҳарду тараф ба он ризоят дода бошед...» [34, с. 4:29]. Ин гуфтаҳо шаҳодат аз онанд, ки моли мардумро ба зӯрӣ, фиреб, ришва ва ё бо роҳи дигар ба даст овардан барои муъмин ҷоиз нест.

Суннат низ масъалаи фасодро нодида намегирад ва дар асл бо он мубориза мебарад. Ривоят мешавад, ки Паёмбар (с) марде аз қабилаи Бани Асадро бо номи Ибни Латабия ба ситоди закот таъин кард ва боре аз як қабила баргашт, ин мард гуфт: Ин закотест, ки ман ҷамъ кардам ва ин аст тухфае, ки ба ман тақдим карда шуд». Паёмбар (с) бо шунидани ин суханон ба минбар баромад ва ба мардум хитоб кард ва гуфт: «Ин чист, ман одамеро ба сифати нозир мефиристам ва ӯ бармегардад ва мегӯяд: «Ин барои шумост ва ин ҳадяест, ки ба ман дода шудааст». Чаро дар хонаи падар ё модараш наменишинад ва мунтазири тухфае шавад...» [70, с. 245-247]. Дар ҳуқуқи мусулмонӣ ришва ҳама гуна молу мулке фаҳмида мешавад, ки бо мақсади гирифтани чизе, ки аз ҳаққи ӯ нест, ё худдорӣ кардан аз иҷрои чизе, ки уҳдадориаш аст, дода мешавад [71, с. 67]. Аз ин бармеояд, ҳуқуқи ҷиноятии мусулмонӣ ҷинояти коррупсияро дар шакли ҳаракат (додани мол) ва беҳаракатӣ (худдорӣ аз иҷрои уҳдадории худ) муқаррар кардааст, ки ба қонунгузории ҷиноятии айни замон амалкунандаи кишвар мувофиқат менамояд.

Дар ҳадиси дигар мафҳуми ришва истифода шуда, қатъиян маҳкум карда шудааст. Аз ҷумла, Пайғамбари ислом Муҳаммад (с)

ришвадиҳанда, ришвагиранда ва миёнарави байни онҳоро лаънат кардааст [7, с. 396]. Донишмандоне, ки ҳадисҳоро гирд оварда ва ба мавзуҳо тақсим кардаанд, дар маҷмуаи ҳадисҳои худ ин ҳадисро дар мавзуи қазоват ва мурофиаи судӣ гузоштаанд. Меъёри мазкур ба м.м. 319 ва 320 КҶ ҶТ мувофиқ мебошад. Яъне додани пора, гирифтани пора ва миёнарави онҳоро муқаррар намуда, барои ҳар се ҷавобгарии ҷиноятӣ муқаррар кардааст.

Бояд гуфт, ки ин падидаи нафратовар аксар вақт бо далелҳои бардурӯғ ва суханони зебо пӯшонида мешавад. Порадиҳандагон ва порагирон аксаран вожаҳоеро ба мисли ҳадя, хайрия, нӯшокӣ, подош, ҷуброн ва амсоли инҳо истифода мебаранд. Аммо комилан равшан аст, ки ин гуна иваз кардани номҳо ба ҳеҷ ваҷҳ моҳияти ришваро тағйир намедиҳад ва пуле, ки бо ин роҳ дода ва гирифта мешавад, бешак, ҳаром аст [134, с. 24]. Ислом пораро, новобаста аз он ки дар кадом шакл пешкаш мешавад, манъ кардааст. Гуфта мешавад, ки боре паёмбар Муҳаммад (с) яке аз саҳобаҳояшро барои ҷамъоварии андози замин ба Хайбар фиристод. Мардум андозро месупориданд, вале шахсан ба андозгир туҳфаи гаронбаҳо тақдим намуда, пешниҳод карданд, ки маблағи андозро кам кунад. Саҳоба ба дархости онҳо посух дод: «Он чи пешниҳод кардед, ришва аст, ҳаром аст ва мо онро қабул намекунем» [23, с. 421]. Дар ҳаёти Паёмбар (с) як ривоят ҳаст: рӯзе ба ӯ (с) хабар доданд, ки яке аз ҳокимони маҳаллӣ бо баҳонаи туҳфа ришва гирифтааст. Паёмбар (с) бо ғазаб пурсид: Чаро чизеро мегирӣ, ки ҳақ надорӣ? Ҳоким худро сафед карда гуфт, ки ин танҳо ҳадя аст. Сипас Паёмбар (с) боз як саволи дигар дод: «Агар туро волӣ намегузоштам ва дар хона мемондӣ, оё мардум ба ту ҳадя меоварданд?». Паёмбар (с) волии ришвагирро аз вазифааш барканор кард ва фармуд, ки ҳадяе, ки гирифта буд, ба хазинаи ҷамоат интиқол дода шавад. Барои ҷилавгирӣ аз он, ки қозиён дар он ҷое, ки як шакли пинҳонии ришвахӯрӣ имконпазир аст, Ислом ҳатто тавсия додааст, ки додрасҳо худ ба харид нараванд. Тахфифе, ки

қозӣ ҳангоми харид ба даст овардааст, метавонад боиси он шавад, ки ҳангоми баррасии парванда беихтиёр ба фоидаи шахсе, ки молро ба ӯ бо нархи арзон фурухтааст, қарор қабул мекунад. Дидани он ки мусулмонон аз китоби муқаддаси худ илҳом гирифта, ба хотири ришва аз қурбонӣ кардани ҳар чизи муқаддаси худ саркашӣ мекунанд, дилнишин аст. Аз таҳлилҳо бармеояд, ки ҳуқуқи мусулмонӣ гирифтани тухфаро барои шахсони мансабдор маҳкум карда, ҳатто шахсан барои харид рафтани онҳоро манъ кардааст, зеро фурӯшанда наметавонад ба таври муқаррарӣ ба шахси мансабдор моли худро фурӯшад.

Зарари коррупсия, ки ба иқтисоди давлат таъсири харобиовар мерасонад, ҳанӯз дар ибтидои асрҳои миёна аз ҷониби иқтисоддонҳои исломӣ арзёбӣ шуда буд. Ҳамин тариқ, Абуюсуф, ки дар замони Ҳорунар Рашид қозии олӣ буд, дар китоби «Ал-Хараҷ», ки ба андозҳои гуногуни давлатӣ бахшида шудааст, аз чунин падидае ба мисли интиқоли ҳуқуқи ситонидани хироҷ (андози замине, ки аз ҷазираи Ҳорун аз ғайримусулмонон ба ивази додани замин барои кишт ситонида мешуд) зикр кардааст, ки ба ашхоси алоҳида ба маблағи муайяне, ки ба хазина месупоранд ва онро баъзе ҳокимон ба ҷо меоварданд. Абуюсуф ба Ҳорунар Рашид, сарвари давлат хитоб мекунад ва мегӯяд: «Ман бовар дорам, ки ҳуқуқи ҷамъоварии хироҷ набояд на дар қаламрави Ироқ (ас-Савад) ва на дар дигар қаламравҳо интиқол дода шавад..., зеро ҳар касе, ки ин ҳакро мегирад, парвои тобеи давлатро надорад ва танҳо манфиати худро дар назар дорад». Ва ба қавли Абуюсуф, натиҷааш чунин аст: «Ҳалокати давлат ва марги шаҳрвандон» [6, с. 185]. Вай бо баҳси мавқеи худ идома медиҳад: «Ва ман зидди интиқоли чунин ҳуқуқ ҳастам, зеро итминон нест, ки мардум барои чизе, ки набояд пардохт кунанд, андоз ситонида намешаванд... ва ин боиси коҳиши ҷамъоварии хироҷ мешавад» [6, с. 185]. Аз андешаи мазкур бармеояд, ки дар ҳуқуқи мусулмонӣ дар асрҳои миёна масъалаи ришвадиҳӣ ва ришвагирӣ бештар дар муносибатҳои ҳуқуқии андоз ба вуҷуд меоянд. Шахсони мансабдоре,

ки ба ҷамъоварии андоз машғул буданд, ба кирдорҳои коррупсионӣ даст мезаданд, ки чунин ҳолатро ошкор намуда, барои пешгирии он ривояту ҳадисҳо мавҷуд мебошанд.

Аксари олимон танҳо ришваро дар ҳолатҳое, ки шахс худро дар ҳолати ногувор мебинад ва маҷбур мешавад, ки худро аз беадолатӣ ҳифз намояд ва ё ҳуқуқҳои аз даст рафтаро барқарор намояд, гунаҳкор намеҳисобанд. Онҳо «ақидаи худро бо амали саҳобаи паёмбар Абдуллоҳ ибни Масъуд, ки пас аз [беадолатона] асир шудан [ва зиндонӣ шудан] дар Эфиопия [42, с. 222] барои озод шуданаш ба сифати ришва ду динори тилло додааст, асоснок мекунанд. Инчунин аз рӯйи қоидаи динӣ: «Ҳар чизе, ки гирифтан манъ аст, додан низ манъ аст, ба истиснои ҳолатҳое, ки барои ҳифзи ҳуқуқи худ пора аст»» [11, с. 150]. Бояд гуфт, ки андешаи мазкур қобили қабул буда наметавонад, зеро ҳама вақт пора баҳри ба даст овардани манфиати муайян нигаронида шудааст. Масалан, шахс барои оғози фаъолияти муайяни соҳибкорӣ ба иҷозатнома ниёз дорад. Ӯ мехоҳад фаъолияташро зудтар оғоз намояд. Бинобар ин, ҷиҳати ҳар чи зудтар ва пеш аз муҳлат ба даст овардани иҷозатномаи зарурӣ пора медиҳад. Дар ин сурат, албатта, ӯ ҳуқуқи худро ҷиҳати дархост намудани иҷозатнома амалӣ кардааст. Шахси мансабдор низ аз доираи қонун набаромада, муҳлати баррасии ҳуҷҷатҳо, аксаран 1 моҳро ташкил медиҳад, дар муддати 5 ва ё 10 рӯз иҷозатномаи муайянро медиҳад. Аммо дар рафтори онҳо пешниҳоди маблағи муайян ва ё дигар чизи моддӣ ҳамчун пора баҳо дода мешавад. Бинобар ин, дар чи сурате набошад ва дар кадом ҳолате иҷро нагардад пора аз нигоҳи меъёрҳои ҳуқуқи исломӣ ҳаром дониста мешуд ва тибқи қонунгузории имрӯза низ ҳамчун кирдори зидиҳҳуқуқӣ дониста мешавад.

Ҳазрати Муҳаммад (с) фармудаанд: «Агар касе, ки кореро ба ӯ вогузор кардаем ва маошашро муайян кардаем, аз ин зиёдтар чизе бигирад, [ин амал] азхудкунии мол ба ҳисоб меравад» [7, с. 333]. Аз рӯйи виҷдони худ амал карда, шумо мефаҳмед, ки чӣ ошкоро мамнуъ аст ва

чиро ба ҳаром тасниф кардан душвор аст. Агар, масалан, ба як мансабдоре ришва диҳед, ки ӯ ба шумо чизеро «қонунӣ» диҳад, ки аз они шумо нест, балки ба давлат ё шахси дигар тааллуқ дорад, ин дар Ислом (ҳаром) аст. Аммо агар шахсе, ки вазифаи хидматии худро иҷро мекунад ва шарти онро нагузоштааст, ки барои кораш ин қадар музд дода шавад, ба унвони подош бо чизе дар шакли ҳадя ё садақа ташаккур карда шавад, метавонад бипазирад ва инро ба таври канонӣ пора ҳисоб кардан мумкин нест.

Ҳадис ва таълимоти Паёмбари Худо Муҳаммад (с) дар ҳама корҳо, аз ҷумла, дар муомилоти молӣ ростқавлӣ ва ахлоқро таъкид кардаанд. Вай дар ҳадисҳои худ оқибати пора додан ва гирифтани пораро равшан баён кардааст. Расули Худо (с) дар ҳадиси дигаре мефармояд: «Ё ки ҳар қавм ва миллате амали рибохорӣ интишор ёбад, онҳо ба хушксолӣ ва қаҳтӣ гирифтор мегарданд ва дар миёни ҳар қавме ришвахорӣ ривоҷ ёбад, онҳо ба тарсу ваҳшат гирифтор мегарданд». (Муснади Имом Аҳмад, 17367, ҷ. 5, с. 233) [5, с. 347]. Одоби роҳбарӣ ва идоракунии Ислом ба адолат дар идораи ҷомеа даъват мекунад. Як мисоли таърихиро метавон аз замони халифаи солеҳ Умар ибни Хаттоб (р) овард, ки дар мубориза бо ришва ислоҳот анҷом дод. Маълум аст, ки «Роҳбар хизматгори халқ аст». Дар замони ҳукмронии Умар (р) масъулиятшиносии сахт буд ва маълум буд, ки ӯ дар кӯчаҳои Мадина гаштугузор карда, аз аҳволи мардумаш пурсон мешуд ва ба ин васила аз зуҳури коррупсия пешгирӣ мекард.

Умар ибни Хаттоб барои пешгирӣ ва мубориза бо коррупсия дар байни хизматчиёни давлатӣ як қатор корҳоро анҷом додааст. Ин амалҳо пешакӣ ҳамчун амали пешгирикунанда ва баъд аз он низ амалӣ карда мешуданд. Амалҳои пешакӣ иборатанд аз:

– бақайдгирии амволи ба шахс таъиншуда. Ҳадаф аз ин сабт назорати афзоиши эҳтимолии моликият ва муайян кардани манобеи ин афзоиш буд;

– манъи машғул шудан ба фаъолияти тиҷоратӣ. Умар ибни Хаттоб иддао кардааст, ки ин мамнуият ба он асос ёфтааст, ки машғул шудан ба тиҷорат ба корманд имкон намедиҳад, ки вазифаҳои худро иҷро кунад ва хидмат низ имкони дарёфти имтиёзҳоеро фароҳам меорад, ки тоҷири одӣ онро гирифта наметавонад.

Амалҳои минбаъда иборатанд аз:

– муайян кардани пайдоиши молу мулки нав ба даст овардашуда. Мақоле, ки дар олами ислом машҳур шудааст: «Инро аз куҷо гирифтӣ?» ба Умар ибни Хаттоб тааллуқ дорад. Вай дар ин бора ба ҳокимони вилоятҳо муроҷиат карда, дар давраи хизмат баланд шудани дараҷаи некуаҳволии онҳоро дидан мекард;

– мусодираи як қисми молу мулк ба фоидаи хазина. Яке аз ҳолатҳои машҳуре, ки Умар ибни Хаттоб пулро мусодира кардааст, қазияи Абуҳурайра аст, ки Умар ӯро ба унвони ҳокими Баҳрайн таъин кард. Ҳазрати Умар даҳ ҳазор динори иловагиеро дид, ки ҳангоми ба хидмат таъин шуданаш набуд, шарҳҳои Абуҳурайраро напазируфт ва ин пулро ба фоидаи хазина мусодира кард;

– боздидҳои эълоннашудаи кормандон. Умар (р) ба аёдати ходимони таъйинкардааш бе огоҳии пешакӣ одат кард, то дараҷаи некӯаҳволии онҳоро арзёбӣ кунад;

– дастур ба хидматчиён оид ба танҳо дар давоми рӯз вориди Мадина шудан. Ин фармонро Умар (р) барои он содир карда буд, ки кормандон шабона аз имкони пинҳон кардани як қисми амволе, ки бо он ба шаҳр омада буданд, дар ҳоле, ки торикӣ намегузошт, ҳар чизеро, ки кормандон бо он омада буданд, бубинанд [196, с. 586]. Чораҳои мазкур барои стратегияи муқовимат ба коррупсия дар замони муосир таҷрибаи хубе ба ҳисоб меравад, зеро онро чораҳои зиддикоррупсиониро пеш аз содиршавӣ ва пас аз содиршавии амалҳои коррупсионӣ фаро мегиранд.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ қайд мегардад, ки намунаи равшани пешгирии коррупсия дар асоси мисоли шахсӣ рафтори ҳокими Умавиён

Умар ибни Абдулазиз мебошад, ки дар китоби «Таърихи шаҳри Димишқ»-и муаррих Ибни Асокир зикр шудааст. Дар он гуфта мешавад, ки Умар ибни Абдулазиз, ки сарвари давлат буд, ҳангоми навиштани фармонҳои марбут ба корҳои давлатӣ аз коғази расмӣ ва шамъ истифода мекард ва ҳангоми навиштани номаҳои шахсӣ шамъҳои бо пули худ харидашударо даргиронда, дар коғази худаш менавишт [716, с. 69]. Ибни Ҳалдун, ки ба таври ҳаққонӣ асосгузори илми иқтисодии исломӣ номида мешавад, мавзуи коррупсияро нодида нагирифт. Дар китоби «Муқаддима» яке аз бобҳоро чунин номгузорӣ кардааст: «Боби чиҳил: ширкати ҳоким дар тиҷорат ба тобеон зиён мерасонад ва ҷамъоварии андозро кам мекунад». Дар ин боб Ибни Ҳалдун ду далел овардааст, ки иштироки давлат дар савдо ба иқтисодиёт ва дар натиҷа ситонидани андоз ба фоидаи давлат таъсири манфӣ мерасонад. Далели аввал ин аст, ки давлат дорои захираҳои пулии бештар аз тоҷиронест, ки дар имкониятҳо баробаранд. Давлат бо доштани захираи калон онҳоро аз бозор маҷбур мекунад ва ба ин васила андозсупорандагонро аз даст медиҳад. Далели дуюм ба амалҳои эҳтимолии коррупсионӣ нигаронида шудааст, ки ҳангоми доштани салоҳият ва захираҳои маъмурӣ хизматчиёни давлатӣ метавонистанд молро аз нархи бозор арзонтар харидорӣ намуда, бо нархи болотар аз бозор бифурӯшанд ва инчунин, метавонистанд молро аз фурӯшандагон ба маблағи як доллар мусодира кунанд. Ҳамаи ин, ба ақидаи Ибни Ҳалдун, боиси аз савдо рафтани қисми аҳолӣ мегардад ва чун дар мавриди аввал боиси кам шудани ситонидани андоз мешавад [22, с. 264].

Бояд тазаккур дод, ки ҳуқуқи мусулмонӣ дар қаламрави тоҷикнишин ва ҳукмронии тоҷикон, аз ҷумла, дар давлати Сомониён мавриди амал қарор мегирифт. Бинобар ин, дар ин давра масъалаҳои ҷинояту ҷазо, бахусус, кирдорҳои коррупсионӣ тавассути меъёрҳои одатию динӣ танзим карда мешуданд. Бисёре аз олимони ватанӣ дар ин хусус андешаронӣ кардаанд. Аз ҷумла, ба андешаи И.Б. Буриев, ҳуқуқи

мусулмонӣ дар давраи ҳукмронии Сомониён (892-1005) паҳн гардидааст [15, с. 39].

Н.Н. Неъматов бар ин назар аст, ки «азбаски дар замони давлати Сомониён низоми асосии ҳуқуқ ҳуқуқи мусулмонӣ буд, аз ин рӯ, меъёрҳои ҳуқуқие, ки дар хилофат муқаррар гардида буданд, дар қаламрави давлати Сомониён, махсусан меъёрҳои ҳуқуқӣ оид ба қонуни ҷиноятӣ ва ҳуқуқи оилавӣ дар маҳалҳо низ амал мекарданд» [43, с. 155]. И.Д. Сафаров ин мавқеъро дастгирӣ намуда, қайд мекунад, ки дар давлати Сомониён меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ аз қонунгузории хилофат гирифта мешуданд, зеро дар давлати Сомониён қонуни ҷиноятии мусулмонӣ низ амал мекард. Муаллиф дар идома қайд мекунад, ки ҳама ҷинояту ҷазо дар ин давлат ба меъёрҳои қонуни ҷиноятии мусулмонӣ ва амалияи ҷиноятӣ-ҳуқуқии хилофати араб шабоҳат доштанд [50, с. 161]. Аз андешаҳои мазкур бармеояд, ки, воқеан, ҳуқуқи мусулмонӣ дар сарзамини Тоҷикистони таърихӣ амал намуда, муносибатҳои ҷамъиятию ҳуқуқиро танзим намудааст, аз ҷумла, масъалаи муқовимат ба коррупсияро. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар ҳуқуқи мусулмонӣ чораҳои муқовимат ба коррупсия бештар хусусияти пешгирикунанда доранд, зеро бо таҳдиди ҷазоҳои дунёию ғайридунёӣ шахсро аз даст задан ба амалҳои коррупсионӣ манъ мекарданд.

Бояд тазаккур дод, ки амали ҳуқуқи мусулмонӣ то Инқилоби Октябр (1917) дар қаламрави Тоҷикистони таърихӣ идома ёфтааст. Ҳарчанд дар ин муддат ҳудуди Осиёи Миёна, бахусус, сарзамини тоҷикнишин аз тарафи муғулҳо ва русҳо забт карда мешаванд, вале амали меъёрҳои ҳуқуқи мусулмонӣ пурра маҳдуд карда намешавад. Ба андешаи А.Қ. Назаров, таъсири меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятии мусулмонӣ дар шакли бетағйир дар замони ҳукмронии Шайбониён ва Аштархониён дар хониҳои Бухоро ва Қӯқанд хеле назаррас буд [151, с. 86]. А.Р. Абдулозода иброз доштааст, ки дар Аморати Бухоро сарчашмаҳои ҳуқуқ ҳуқуқи мусулмонӣ, ҳуқуқи урфу одатҳои мардуми кӯчманчӣ, меъёру

қоидаҳои инфиродие, ки намояндагони табақаҳои савдогар кор карда баромада буданд, инчунин, меъёрҳои шартномаҳои байни Бухоро ва дигар мақомоти давлатӣ, аз ҷумла, русҳо ба ҳисоб мерафтанд [56, с. 72]. Дар ин хусус А.Қ. Назаров қайд менамояд, ки дар Тоҷикистони пешазинқилобӣ баъзе ҷиноятҳое, ки ҷазои моддӣ доштанд, ҷиноятҳои категорияи тазир ҳисоб мешуданд [151, с. 78-79]. Ришваситонӣ низ ба ҷиноятҳои моддӣ дохил шуда, барои он ҷазоҳои амволӣ татбиқ карда мешуданд. Ҳамин тавр, маълум мегардад, ки меъёрҳои ҳуқуқи мусулмонӣ дар сулолаҳои баъд аз Сомониён ба сари ҳокимият омада, аз қабили Қарахониён, Салчуқиён, Хоразмшоҳиён, Ғазнавиён, Ғуриён, Темуриён, Шайбониён, Ҷониён, Манғитиҳо ва ҳамзамон дар замони зери тобеи Империяи Русия қарор гирифтани Осиёи Миёна амал карда, муносибатҳои ҷиноятӯ ҷазоро оид ба кирдорҳои коррупсионӣ танзим намудаанд.

Дар марҳилаи пешазинқилобӣ дар сарзамини Тоҷикистони таърихӣ яке аз шахсони мансабдор, ки адолатро татбиқ мекард, қозӣ ба ҳисоб мерафт. Қозӣ мансабдори муҳим дар идораи маҳаллӣ маҳсуб мегардид. Ӯ характери динӣ дошта, ба он намояндагони руҳониён сарварӣ мекарданд ва ба дастгоҳи давлатӣ дохил мешуданд. Бо вуҷуди он ки вазифаи қозӣ вазифаи давлатӣ буд, қозиҳо барои корашон маоши мушаххас намегирифтанд, ба манфиати онҳо аз аҳолӣ андози махсус ситонида мешуд. Муфтиҳо, инчунин, дар кори ба амал баровардани адолати судӣ, тайёр кардани ривоятҳо – маълумот оид ба корҳои мушаххас, иштирок мекарданд. Мурофиаи судӣ дар асоси меъёрҳои шариат ва одат сурат мегирифт [145, с. 48]. Дар асари «Таърихи инқилоби Бухоро» [10] устод С. Айнӣ аз вазъияти манфии Бухоро, рафторҳои коррупсионии шахсони мансабдор, бахусус, қозиён борҳо ишораҳо кардааст.

Профессор Ф.Т. Тоҳиров проблемаҳои амали ҳуқуқи империалистиро дар қаламрави Точикистони пешазинқилобӣ ва умуман Осиёи Миёна таҳлил намуда, тамоми амали қонунгузории он замонро ба

ду гурӯҳ таксим мекунад. Ба гурӯҳи якум қонунҳои умумии императорӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқие дохил мешаванд, ки ба тамоми император дахл доранд ва инчунин ба ҳудуди генерал-губернатории Туркистон баъзе истисноҳо дахл доранд. Аксарияти ин қонунҳо доир ба шароити мустамликавии минтақаи Туркистон меъёрҳои муайянеро дар бар мегирифтанд, ки ба таъмини манфиатҳои империя ва баъдтар манфиатҳои ҳамаи дигарон нигаронида шудаанд. Ин муқарраротро дар ҳама гуна санади қонунгузорӣ ё фармони ҳукумати подшоҳӣ, ки масъалаҳои тобеияти судҳои императорӣ ё маҳаллиро танзим менамояд, мушоҳида кардан мумкин аст [52, с. 26]. А.Қ. Назаров дар ин хусус изҳор доштааст, ки татбиқи қонуни ҷиноятии мусулмонӣ дар қаламрави генерал-губернатории Туркистон, яъне дар ҳудуди ноҳияи Хуҷанд маҳдуд буд. Дар вилояти Туркистон баъд аз бекор кардани ҷазоҳои вайронкунанда мафҳумҳои нави ҷиноят ва ҷазо пайдо шуданд [151, с. 87]. Ҳарчанд дар давраи мазкур дар сарзамини тоҷикнишин на танҳо меъёрҳои ҳуқуқи мусулмонӣ, балки санадҳои ҳуқуқии империявӣ низ амал мекарданд, вале новобаста аз ин, чораҳои муқовимат ба коррупсия аз меъёрҳои динӣ ба меъёрҳои ҳуқуқӣ табдил ёфта, хусусияти расмӣ ва ҳатмӣ пайдо намуданд.

Ҳамин тавр, марҳила ба марҳила ҷойи меъёрҳои ҳуқуқи мусулмониро меъёрҳои империявӣ ишғол намуданд. Мувофиқи шартномаи сулҳи байни аморати Бухоро ва Русия, ки дар эътибори қонуниаш комилан таслим шудани аморати Бухороро дошт, принсипи қаламравӣ муқаррар карда шуда буд. Дар он гуфта мешуд, ки агар шаҳрванди рус дар хоки аморати Бухоро ҷиноят содир кунад, мувофиқи қонунҳои Русия ҷазо дода мешавад. Аз соли 1889 сар карда, таъсири қонунгузории империяи Русия пурзӯр гардид ва ин меъёрҳои ҳуқуқи мусулмониро маҳдуд кард. Фаъолияти ҳукумат, пеш аз ҳама, ба маҳдуд кардани доираи татбиқи ҳуқуқи мусулмонӣ ва ҳуқуқи анъанавӣ нигаронида шуда буд; дар бораи назорат бар интихоби қозиҳо, назорати

ришвахӯрӣ ва фасод, кам кардани салоҳият ва нақши онҳо дар натиҷаи парванда, ки дар навбати худ мебоист боиси паст шудани нуфузи онҳо мегардид. Сарфи назар аз ин, бояд гуфт, ки дар минтақаҳои ҷанубии Аморати Бухуро ҳануз меъёрҳои ҳуқуқи мусулмонӣ пурра маҳдуд нашуда буданд. Балки чунин маҳдудият бештар хоси қисмати шимолӣ, минтақаҳои Хуҷанд буд. Дар ин хусус А.Қ. Назаров дуруст қайд намудааст, ки дар ҳудуди қисми ҷанубии Аморати Бухоро меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятии мусулмонӣ, махсусан, аз ҷиҳати ҷазо то Инқилоби Октябр амал мекарданд [151, с. 88].

Лозим ба таъкид аст, ки марҳилаи минбаъдаи тоинқилобии инкишофи қонунгузорӣ оид ба муқовимат ба коррупсия ба давраи тобеияти Осиёи Миёна, бахусус, Аморати Бухуро ба Империяи Русия рост меояд. Дар ин марҳила то давраи инқилобию пасазинқилобӣ дар сарзамини тоҷикнишин меъёрҳо ва қонунгузории Русия татбиқ карда мешуданд, ки масъалаи муқовимат ба коррупсияро фаро мегирифтанд. Маҳз дар ҳамин марҳилаҳо пора расман ҳамчун кирдори ҷиноятӣ баҳо дода шуда, барои он ҷазои ҷиноятӣ муқаррар гардидааст. Дар адабиёти ҳуқуқӣ қайд мегардад, ки бояд ба хулосае омад, ки сарфи назар аз он ки меъёрҳои қонунгузории ҷиноятии Русия дар асри XIII барои порахурон ҷазои сахт, аз ҷумла ҷазои қатл пешбинӣ карда буданд, чун қоида, он нисбат ба оммаи васеи мансабдорон татбиқ нашуда, танҳо дар рӯйи коғаз мемонд. Дар натиҷа, кормандони ҳифзи ҳуқуқ маҷбур шуданд, ки роҳи сабук кардани ҷазои ҷиноятиро нисбат ба намояндагони табақаҳои болоии ҷамъият сарфи назар аз тасарруф, ришвахӯрӣ ва дигар ҷиноятҳои содиркардаашон пеш гиранд [72, с. 27].

Қадами муҳим дар мубориза бо коррупсия замони Империяи Русия дар нимаи аввали асри XIX (соли 1832) таҳияи санади меъёрии принсипан нав – Кодекси қонунҳои Империяи Русия, ба ҳисоб мерафт [72, с. 29]. Аҳаммияти ин санад аз он иборат буд, ки бар хилофи маҷмуи қонунҳои қаблан қабулшуда субъекти махсуси ҷиноятҳои коррупсионӣ –

«шахси дар хизмат қарордошта» ё шахси мансабдорро муқаррар кардааст. Дар баробари ин, мафҳуми «мансабдор» ҳануз дар қонунгузорӣ зикр нашудааст. Олимони ватанӣ дар ин хусус қайд мекунанд, ки дар Кодекси қонунҳои соли 1832, ки таҳти роҳбарии Николаи I нашр шудааст, қисмҳои V ва XV «Дар бораи ҷиноятҳои мансабдорон ҳангоми иҷрои вазифа» ном доранд, он дар 60 модда пешбинӣ шудааст, вале бидуни фарқияти байни ҷиноятҳои мансабӣ ва ҳуқуқвайронкунии интизомӣ. Ҷиноятҳои хизматӣ: ғаразнокӣ ҳангоми таъин шудан ба мансаб (м. 263), сӯиистифода аз ваколат ва беамалии ваколат (м.м. 278-280), сохтакорӣ (м. 284), беадолатӣ (м.м. 286-289), ғайриқонунӣ истифода бурдани амволи давлатӣ (м. 292), исрофкорӣ (м. 295), тамаъҷӯӣ (м. 310), рибо (м.м. 308-316) [134, с. 25] мебошнд. Тавре аз меъёрҳои мазкур бармеояд, намудҳои ҷиноятҳои коррупсионӣ на танҳо хоси ҳуқуқи империявӣ, балки дар омезиш ба ҳуқуқи мусулмонӣ таҳия шудаанд. Аз ҷумла, сӯиистифода аз ваколат, ғайриқонунӣ истифода бурдани амволи давлатӣ, исрофкорӣ ва рибо хоси меъёрҳои ҳуқуқи мусулмонӣ буданд.

Кодекси қонунҳои империяи Русия аз соли 1832 як қатор кирдорҳои ҷиноятиро муайян кардааст, ки онҳоро ҳамчун коррупсия тавсиф кардан мумкин аст. Қонунгузор чунин кирдорҳоро номбар кардааст: сӯиистифода аз ваколат аз ҷониби шахси хизматкунанда, беамалӣ, ғайриқонунӣ эълон накардани дастуру фармонҳо, навъҳои гуногуни қалбакӣ кардани ҳуҷҷатҳо, нобуд кардан ва пинҳон кардани онҳо, беадолатии қасдона, дуздӣ ва азхудкунии маблағҳои давлатӣ, молу мулк ва тамаъҷӯӣ. Дар Кодекси қонунҳои соли 1832 мафҳуми «тамаъҷӯӣ» муайян карда шудааст, ки он ҳамчун ситонидани ғайриқонунӣ дар зери ниқоби андозҳои давлатӣ, тамаъҷӯӣ аз ашё, пул ё лавозимот аз муроҷиаткунандагон дар парвандаҳои иҷроия ва судӣ фаҳмида мешуд [97, с. 20].

Марҳилаи муҳимми танзими қонунгузории мубориза бо коррупсия дар Империяи Русия соли 1845 қабули Кодекси ҷазоҳои ҷиноятӣ ва ислоҳӣ буд. Мафҳуми ришваситонӣ аз ҷониби шахси мансабдор дар ҷараёни иҷрои уҳдадориҳои бевоситаи хизматиаш бе вайронкунии ошкорои қонунгузории амалкунанда гирифтани ҳадя (пул, ашё) ё дигар манфиати моддӣ фаҳмида мешавад. Масалан, хизматчии давлатӣ пул ё туҳфаи қиматбаҳо қабул карда, ваъда додааст, ки ҳалли масъалаи муайянро метезонад. Субъекти ришваситонӣ метавонад шахси мансабдор ё шахси дигаре бошад, ки вазифаи давлати ё ҷамъиятиро ишғол мекунад [72, с. 30]. Аслан қонунгузор ду кирдори ҷиноятии дорои хусусияти коррупсиониро ҷудо кардааст: «пора» (м. 401) ва «тамаъҷӯӣ» (м. 402). Фасли V «Дар бораи ҷиноятҳо ва кирдорҳо дар хизмати давлатӣ ва ҷамъиятӣ» ва боби махсуси VI «Дар бораи порахӯрӣ ва тамаъҷӯӣ»-ро дар бар мегирад. Тамаъҷӯӣ ҳамчун гирифтани пора барои «коре кардан ё иҷозат додан ба коре бар хилофи вазифаҳои хизматӣ» фаҳмида мешуд.

Ҳамин тавр, дар натиҷаи таҳлилу баррасии масъалаи таҷрибаи муқовимат ба падидаҳои коррупсионӣ дар Тоҷикистони таърихӣ ба хулосаҳои зерин омадан мумкин аст:

1. Падидаи коррупсия нав буда, дар шаклу номҳои мухталиф ҳануз дар низоми ҳуқуқи зардуштӣ пайдо шуда, ташаккул ёфтааст. Ин падидаи манфӣ дар ҳуқуқи мусулмонӣ инкишоф ёфта, муқовимат ба он чораҳои муассиртар, вале хусусияти пешгирисозию динидоштаро касб намудааст. Ҷиноятҳои коррупсионӣ аз давраҳои қадим, дар замоне, ки моликияти хусусӣ ва тақсимоти ҷамиятии меҳнат ба амал омадааст, пайдо шуда, то замони муосир дар шаклу навъҳои гуногун низомҳои таърихӣ-ҳуқуқии зардуштӣ, мусулмонӣ ва шуравиро тай карда, ба низоми муосири ҳуқуқ гузариш кардааст.

2. Оид ба масъалаи муқовимат ба амалҳои коррупсионӣ дар давраи амали ҳуқуқи зардуштӣ андешаҳо ва меъёрҳои ҳуқуқӣ нисбатан маҳдуд ба назар мерасанд. Ба ақидаи мо, ин аз он сабаб аст, ки муносибатҳои

пулию молиявӣ дар он замон он қадар рушд накарда буданд. Новобаста аз ин, баъзе сарчашмаҳо атрофи масъалаи коррупсия дар замони амали ҳуқуқи зардуштӣ ишора мекунанд. Таҳлили андешаҳо нишон медиҳад, ки мавҷудияти амалҳои коррупсионӣ, таъини ҷазо барои онҳо ва бахшиши баъзе кирдорҳои коррупсионӣ дар давраи амали ҳуқуқи зардуштӣ тасдиқи худро ёфтаанд.

3. Мавриди зикр аст, ки тамоми чораҳои мазкур дар замони муосир низ аз ҷониби тамоми кишварҳо амалӣ шуда истодаанд, вале самаранокии онҳо нисбатан маҳдуд мебошад. Ба ақидаи мо, ин аз он сабаб аст, ки ин воситаҳо ба шароит, фарҳагу тафаккури аҳолии муосир мувофиқат намекунанд. Бинобар ин, усулҳои боз ҳам самараноктарро андешидан лозим аст, ки ба афкору фарҳанги мардуми ин замон мувофиқ бошанд.

4. Дар давраи мусулмонӣ коррупсия тавассути сарчашмаҳои дорои хусусияти ҳуқуқию динӣ сахт маҳкум карда шудааст. Он ҳамчун падидаи таърихию иҷтимоӣ дар Шарқ то имрӯз боқӣ монда, шаклҳои торафт мукаммалро касб кардааст. Кишварҳои гуногун барои рафъи ин падидаи манфии иҷтимоӣ роҳҳои гуногун интихоб мекунанд: аз чораҳои сахти муҷозотӣ то тарбияи фарҳанги ҳуқуқии шаҳрвандон тавассути таълиму маърифат. Саволе, ки кадом роҳ самараноктар аст, боз ҳам боқӣ мемонад. Ҷавоб ба он аз рӯйи вижагиҳои тамаддун, давлат ё миллати муайян муайян карда мешавад. Бинобар ин, омӯзиши таҷрибаи гузаштаи ниёгони тоҷик дар масъалаи муқовимат ба коррупсия дорои аҳаммияти баланди назарию амалӣ мебошад.

5. Ҳуқуқи ҷиноятии мусулмонӣ ҷинояти коррупсияро дар шакли ҳаракат (додани мол) ва беҳаракатӣ (худдорӣ аз иҷрои уҳдадории худ) муқаррар кардааст, ки ба қонунгузории ҷиноятии айни замон амалкунандаи кишвар мувофиқат менамояд. Аз андешаи мазкур хулоса кардан мумкин аст, ки дар ҳуқуқи мусулмонӣ асрҳои миёна масъалаи ришвадиҳӣ ва ришвагирӣ бештар дар муносибатҳои ҳуқуқии андоз ба

вуҷуд омадаанд. Шахсони мансабдоре, ки ба ҷамъоварии андоз машғул буданд, ба кирдорҳои коррупсионӣ даст мезаданд, ки чунин ҳолатро ошкор намуда, барои пешгирии он ривояту ҳадисҳо мавҷуд мебошанд.

6. Ҳуқуқи мусулмонӣ дар сарзамини Тоҷикистони таърихӣ амал намуда, муносибатҳои ҷамъиятию ҳуқуқиро танзим намудааст, аз ҷумла, масъалаи муқовимат ба коррупсияро. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар ҳуқуқи мусулмонӣ чораҳои муқовимат ба коррупсия бештар хусусияти пешгирисозӣ доранд, зеро онҳо бо таҳдиди ҷазоҳои дунёию ғайридунёӣ шахсро аз даст задан ба амалҳои коррупсионӣ манъ мекарданд.

7. Лозим ба зикр аст, ки марҳилаи минбаъдаи тоинқилобии инкишофи қонунгузорӣ оид ба муқовимат ба коррупсия ба давраи тобеияти Осиёи Миёна, бахусус, Аморати Бухуро ва Империяи Русия рост меояд. Дар ин марҳила то давраи инқилобию пасазинқилобӣ дар сарзамини тоҷикнишин меъёрҳо ва қонунгузории Русия татбиқ карда мешуданд, ки масъалаи муқовимат ба коррупсияро фаро мегирифтанд. Маҳз дар ҳамин марҳилаҳо пора расман ҳамчун кирдори ҷиноятӣ баҳо дода шуда, барои он ҷазои ҷиноятӣ муқаррар гардидааст.

8. Муҳимтарин санадҳои кодификатсионии пешазинқилобӣ, ки дар сарзамини тоҷикнишин (қаламрави Генерал губернатории Туркистон) муносибатҳои ҷинояту ҷазо, бахусус, кирдорҳои коррупсиониро танзим менамуданд, Кодекси қонунҳои империяи Русия аз соли 1832 ва Кодекси ҷазоҳои ҷиноятӣ ва ислоҳӣ аз соли 1845 ба ҳисоб мераванд. Аз меъёрҳои санадҳои мазкур бармеояд, ки намудҳои ҷиноятҳои коррупсионӣ на танҳо хоси ҳуқуқи империявӣ, балки дар омезиш ба ҳуқуқи мусулмонӣ таҳия шудаанд. Аз ҷумла, сӯиистифода аз ваколат, ғайриқонунӣ истифода бурдани амволи давлатӣ, исрофкорӣ ва рибо хоси меъёрҳои ҳуқуқи мусулмонӣ буданд.

## 2.2. Рушди таҷрибаи муқовимат ба коррупсия дар Тоҷикистони шуравӣ

Коррупсия яке аз падидаҳои манфии таърихӣ ба ҳисоб рафта, дар ҳама давру замонҳо ба он муқовимат нишон дода мешуд. Маҳз дар ҳамин раванд механизми мукаммали муқовимат ба коррупсия таҳия гарддааст. Тоҷикистони шуравӣ низ дар такмил ёфтани механизми муқовимат ба коррупсия нақши назаррас гузоштааст. Таҷрибаи бузурги давраи шуравӣ дар такмили қонунгузории муосир ва механизми муқовимат ба коррупсия заминаи боэътимод гузошта, самаранокии муқовиматро зиёд намудааст.

Бояд тазаккур дод, ки таърихан вуҷуд доштани коррупсияро касе рад карда наметавонад. Дар адабиёти ҳуқуқӣ атрофи масъалаи мазкур андешаҳо низ ҷой доранд. Аз ҷумла, олимони ватанӣ А.И. Сафарзода ва А.Х. Авзалов қайд намудаанд, ки коррупсия аз замонҳои қадим башариятро ҳамроҳӣ мекард. Мушкилоти мубориза бо коррупсия на танҳо барои Тоҷикистон, балки барои тамоми ҷомеаи ҷаҳонӣ хос аст [120, с. 175]. Дар ин хусус М.М. Холинова низ иброз доштааст, ки коррупсия таърихи қадим дошта, марҳила ба марҳила дар шаклҳои гуногун вусъат ёфтааст [133, с. 14]. Тавре бармеояд, коррупсия аз замонҳои қадим пайдо шуда, давра ба давра ташаккул ёфта, шаклҳои навро ба худ касб намудааст. Дар баробари ин, механизм ва чораҳои муқовимат ба он низ дар ин марҳилаҳои таърихӣ мукаммал гардида, ба таҷрибаи ғанӣ табдил ёфтаанд.

Давраи амали ҳуқуқи шуравӣ яке аз давраҳои муҳимми ташаккули чораҳои мубориза зидди коррупсия ба ҳисоб меравад. Маҳз дар ҳамин давра санадҳои дахлдор оид ба муқовимат ба амалҳои коррупсионӣ таҳия ва қабул гардида, барои намудҳои гуногуни ҷиноятҳои коррупсионӣ ҷавобгарии ҷиноятӣ муқаррар шудааст.

Дар давраи шуравӣ воситаҳои маъмурию ҳуқуқии пешгирӣ ва рафъи коррупсия низ инкишоф ёфтанд, хусусан, аз он замоне, ки

ҳокимияти шуравӣ аз ибтидои мавҷудияти худ бо проблемаҳои ҷиддии порахӯрӣ дар системаи хизмати давлатӣ дучор омад. Тағйирот дар низоми ҳукумат натавонист коррупсияро аз байн барад, аммо ба он имкон дод, ки ба муҳити нави маъмурӣ мутобиқ карда шавад [132, с. 141]. Зимнан, дар осори он солҳо таълифшуда оид ба коррупсия ҳамеша таъкид мегардид, ки ин падидаҳо осори нангини замони гузашта буда, дар оянда дастгоҳи давлатии шуравӣ аз падидаҳои манфии дахлдор озод хоҳад шуд. Ба андешаи М.М. Холинова, «Тоҷикистон низ аз оғози саддаи XX дар сайёра ҳамчун давлати мухтор ва баъдан кишвари мустақили шуравӣ дар ҳайати Иттиҳоди Шуравӣ эътироф гардида, аз оғози марҳалаҳои нахустини давлатдорӣ ба комёбиҳои бузург даст ёфт. Аммо бархе аз мушкилот низ дар идораи давлатӣ ва ҷамъиятӣ дида мешуд» [133, с. 14], ки коррупсия аз ҷумлаи онҳо ба ҳисоб мерафт.

Имрӯзҳо коррупсия аксар вақт бо пул алоқаманд аст, аммо бо вуҷуди он ки ҳукумати нави шуравӣ мушкилоти коррупсияро комилан ҳал карда буд, он ҳанӯз дар ҳайати ИҶШС вуҷуд дошт, вале шакли дигарро ба худ касб намуда буд. Дар Кодекси ҷиноятии ҶШСФР мафҳуми мушаххас вуҷуд надорад, вале ба таври умум эътироф шудааст, ки порахӯрӣ содир намудани кирдорест, ки барои гирифтан ва додани пора нигаронида шудааст [113, с. 212-215]. Маҳз таҷрибаи порахӯрӣ ва муқовимат ба он, ки дар ҳудуди ҶШСФР ва баъдан ИҶШС вуҷуд дошт, дар ҳудуди кишвари мо низ паҳн гардидааст. Аммо таҷрибаҳои муқовимат ба коррупсия дар сарзамини кишвари мо хусусиятҳои хоси худро дошт, зеро фарҳангу ахлоқ, таълимотҳо, аз ҷумла, маърифати ҳуқуқию динии шаҳрвандон дар ин раванд таъсир мерасонданд.

Ш.Х. Солиев қайд мекунад, ки «амалҳои коррупсионӣ дар Тоҷикистони муосир танҳо падидаи замони соҳибистиқлолӣ набуда, дар даврони шуравӣ он миёни хизматчиёни давлатӣ ва шаҳрвандон ба чашм мерасид. Порадиҳиву порагирӣ, ошнобозӣ ва непотизм, фаворитизм ва дигар навъҳои амалҳои коррупсионӣ ҳануз дар ин давра ҷой доштанд. Аз

ин хотир, метавон даврони шуравиро ҳамчун заминагузори зуҳури коррупсия дар давраи соҳибистиқлолӣ баҳогузорӣ намуд» [154, с. 25]. Албатта, андешаи мазкур ҷой дорад, вале набояд фаромуш сохт, ки амалҳои коррупсионӣ ҳануз аз давраи пайдоиши ҳокимияту давлатдорӣ, яъне то замони шуравӣ низ вуҷуд доштанд. Ҳарчанд дар давраи шуравӣ ин падидаи манфӣ авҷ гирифта, механизми муқовимат ба он низ пурзӯр гардида бошад ҳам, заминаи он дар давраҳои пештар гузошта шудааст.

Оид ба мавҷудияти амалҳои коррупсионӣ дар давраи амали ҳуқуқи шуравӣ андешаҳои мухталиф ба назар мерасанд. Чунин ақидае вуҷуд дорад, ки дар ИҶШС коррупсия набуд ва н назария тамоман нодуруст мебошад. Ин ба он далел аст, ки дар замони шӯравӣ тамоюли инкор кардани коррупсия вуҷуд дошт. Дар адабиёт қайд мегардад, ки «Ин дар мавҷуд набудани мафҳуми устувори «коррупсия» то охири солҳои 1980-ум ба ҷойи истилоҳҳои «ришвахӯрӣ», «сӯиистифода аз ваколатҳои мансабӣ» ва «ризоият» ифода ёфтааст» [63, с. 306]. Чунин андеша дар таҳқиқотҳои ватанӣ низ ба мушоҳида мерасад [120, с. 180]. Бояд гуфт, ки дар осори илмии шуравӣ мафҳуми «коррупсия», умуман, истифода нашуда буд, вале мафҳумҳое чун сӯистифодаи ваколатҳои мансабӣ, порахӯрӣ ва ғайра васеъ истифода мешуданд, танҳо дар солҳои 1980-ум истилоҳи «коррупсия» мавриди истифода қарор гирифт. Баъдан, масъалаи коррупсия дар сатҳи баланди ҳукумат баррасӣ шуд [131, с. 141]. Кӯшишҳо барои қабули қарорҳои муҳимми сиёсӣ оид ба масъалаҳои коррупсия, аз ҷумла, қонунҳои зиддикоррупсионӣ сурат гирифтанд. Аммо муқовимати Ҳукумати Шуравӣ ба коррупсия дар баробари пош хӯрдани он қатъ шуд ва натиҷаи дилхоҳ надод.

Бояд қайд намуд, ки дар натиҷаи тағйир ёфтани низоми сиёсӣ баъд аз октябри соли 1917 коррупсия ҳамчун зуҳурот барҳам нахӯрда, ба он муносибати риёкорона ташаккул ёфт. Ҳокимияти нав калимаи «коррупсия»-ро эътироф накард ва иҷозат дод, ки он танҳо дар охири солҳои 80-ум мавриди истифода қарор дода шавад. Ба ҷойи ин

мафҳумҳои «порагирӣ», «сӯиистифода аз мақоми хизматӣ», «хунукназарӣ» ва ғайра истифода мешуданд. Андешаи мазкур дар адабиёти ҳуқуқӣ тасдиқи худро ёфтааст. Аз ҷумла, дар адабиёти илмӣ қайд мегардад, ки тибқи маълумоти мавҷуда, ин истилоҳ танҳо дар миёнаҳои солҳои 80-ум мавриди истифода қарор гирифт. Онро мафҳумҳои «сӯиистифода аз мақоми хизматӣ», «ҷиноятҳои мансабӣ» ва ғайра иваз карда буданд [143, с. 73], яъне бе нишон додани азхудкунии молу мулки муайян. Аммо дар ҳуҷҷатҳои расмӣ мавҷуд набудани истилоҳи коррупсия маънои онро надошт, ки дар ҶШС Тоҷикистон ва ИҶШС коррупсия амалан вуҷуд надошт. Инчунин, ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки муборизаи зидди порахӯрӣ на танҳо характери ҳуқуқӣ, балки идеологӣ низ дошт.

Бо инкор кардани консепсия онҳо коррупсияро ҳамчун падидаи системавӣ рад карданд. Мубориза, гарчанде хеле ҳалкунанда бошад ҳам, ба муқобили боқимондаҳои субъектҳои алоҳидаи замони гузашта, ки онҳо синфҳои истисморкунанда буданд, бурда мешуд. Ин гуна инкор кардани мафҳум ва падидаҳо боис шуд, ки давлат худро қаблан ба шикаст хӯрдан дар мубориза ба зидди коррупсия омода намояд. Идеологияи шуравӣ ва шуури ҳуқуқӣ дар аксари мавридҳо дар шарҳи сабабҳои зуҳуроти коррупсионӣ ба таври тааҷҷубовар соддалавҳона ва бесамар буданд. Масалан, «дар Мактуби пӯшидаи Кумитаи маркази Ҳизби комунистии Иттифоқи Шуравӣ «Дар бораи пурзӯр намудани мубориза ба муқобили порахӯрӣ ва дуздидани моликияти халқ» аз 29 марти соли 1962 гуфта шудааст, ки порахӯрӣ «ҳодисаи ҷамъиятиест, ки дар шароити ҷамъияти истисморгар ба вуҷуд меояд» ва сабабҳои ба амал омадани порахӯрӣ чунин номбар карда шуданд: камбудиҳои кори мақомоти ҳизбӣ, касабавӣ ва давлатӣ, пеш аз ҳама, дар соҳаи маорифи меҳнаткашон; бюрократизм ва расмиятчигӣ ҳангоми дида баромадани дархостҳои қонунии шаҳрвандон; дар сатҳи зарурӣ дида набаромадани шикояту мактубҳои шаҳрвандон; дағалона вайрон кардани интизоми

давлатӣ, банақшагирии молиявӣ ва ғ.» [28, с. 174]. Олимони ватанӣ А.И. Сафарзода ва А.Х. Авзалов сабабҳои афзоиши коррупсияро дар замони шуравӣ чунин зикр намудаанд: эътибор надодан ба системаи хизмати давлатӣ, камбудиҳои калони кори кадрҳо, дахлнопазирии коркунони роҳбарикунандаи ҳизбӣ ва бюрократизм [120, с. 180]. Новобаста аз ин дар давраи амали ҳуқуқи шуравӣ низ амалҳои коррупсионӣ мушоҳида мешуданд. Сабабҳои афзоиши коррупсияро дар замони шуравӣ фаҳмидан муҳим аст. Ба инҳо эътибор надодан ба низоми хизмати давлатӣ, камбудиҳои калони кори кадрҳо, дахлнопазирии коркунони роҳбарикунандаи партиявӣ ва роҳбарикунанда ва бюрократизм дохил мешаванд. У.А. Азиззода дар ин хусус қайд менамояд, ки яке аз мушкилотҳои қонунгузории ин марҳилаи таърихӣ нокифоя будани меъёрҳои ҳуқуқӣ, ки ба муқовимат ва мубориза самараноки ҷиноятҳои коррупсионӣ, ҷиноятҳои дорои хусусияти террористию экстремистӣ, ҷиноятҳои зидди адолати судӣ ва ғайра мусоидат мекунанд, ба ҳисоб мерафт [144, с. 331].

Давлати Шуравӣ шумораи хизматчиёни давлатиро зиёд намуд, ки ин боиси афзудани ҷиноятҳои мансабӣ гардид. Доираи субъектҳои ҷиноятҳои мансабӣ чунон васеъ шуд, ки қариб ҳар як шахсе, ки дар содир намудани кирдори ҷиноятӣ гунаҳгор буд, метавонист шахси мансабдор эътироф карда шавад. Хизматчиёни давлатӣ аксар вақт аз ваколатҳои худ берун баромада, аз он фоидаи калон ба даст меоварданд [106, с. 26]. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки сабаби давом додани порахӯрӣ дар баробари боқимондаҳои замони гузашта дар камбудиҳои кори мақомоти ҳизбӣ, касабавӣ ва давлатӣ дар соҳаи тарбияи меҳнаткашон, дар камбудиҳои ҷиддӣ дар кори кадрҳо, бюрократизм ва ҳангоми дида баромадани дархостҳои қонунии шаҳрвандон, дағалона вайрон кардани интизоми давлатӣ, нақшавӣ ва молиявӣ ва ғайра дида мешуд.

Пас аз сар задани Инқилоби соли 1917 ҳокимияти нав ҷиҳати муқовимат ба коррупсия заминаи муҳимми меъёрии ҳуқуқиро таҳия

намуд, ки дар таҳия ва қабули қонунгузории минбаъда низ нақши муассир гузоштанд. Дар адабиёти ҳуқуқӣ қайд мегардад, ки «роҳбарияти мамлакати Шуравӣ ба оқибатҳои инқилоб ва ҷанги шаҳрвандӣ дучор гардид, ки ин боиси душвориҳои ба амал баровардани сиёсат оид ба кадрҳо, сӯиистеъмол кардани ҳокимият ва бадкирдориҳо гардид» [93, с. 184]. Барои муқовимат ба ин зуҳурот як қатор санадҳои қонунгузорӣ қабул шуда буданд, аз қабили Декрети соли 1917 «Дар бораи назорати коргарон», Декрети соли 1918 «Дар бораи порахӯрӣ», Декрети соли 1921 «Дар бораи мубориза бар зидди порахӯрӣ», инчунин Кодекси ҷиноятии ҶШСФР аз соли 1922, ки ба принсипҳои асосии ин декретҳо асос ёфта буд.

Дар ин самт «давлати Шуравӣ аз рӯзҳои аввали мавҷудияти худ тадбирҳои markaznavtashkildiҳии дастгоҳи маъмуриро дар пешгирӣ ва муқовимат бо коррупсия амалӣ намуд. Ҳамин тариқ, бо Фармони Шурои Комиссарони Халқии ҶШФСР аз 10-уми ноябри соли 1917 «Дар бораи нест кардани амвол ва рутбаҳои шаҳрвандӣ» ҳама амвол ва санадҳои ҳуқуқии амвол – рутбаҳо, унвонҳо ва рутбаҳои шаҳрвандии мавҷудбуда бекор карда шуданд. Минбаъд тамоми аҳолӣ шаҳрвандони шуравӣ  маҳсуб гардиданд. Бо фармони дигари ШКХ ҶШФСР аз 31-уми октябри соли 1918 «Низомнома дар бораи таъминоти иҷтимоии коргарон» хизматчии давлатиро аз ҷиҳати таъминоти иҷтимоӣ ба тамоми коргарони дигар баробар карда шуданд. Хизматчиёни давлатӣ ивазшаванда, назоратшаванда ва дар назди мақомоти ҳукуматӣ ва ҳизбӣ ҳисоботдиҳанда буданд, ҳамчун хизматгори мардум тавсиф карда мешуданд ва маоши коргари баландихтисосро мегирифтанд. Фаъолият бо принсипҳои қонуният, баробарӣ ва демократия муайян карда мешуд» [140, с. 103]. Тавре маълум мегардад, ҳокимияти шуравӣ бештар ба механизми меъёри муқовимат ба коррупсия таваҷҷуҳ намудааст, ки дар давраи мазкур чунин раванд нав ва зарурӣ ба ҳисоб мерафт. Яъне нахустин санадҳои меъёрии ҳуқуқии боэътимод ва таъсирбахш дар самти

муқовимат ба коррупсия маҳз дар давраи шуравӣ таҳия ва қабул гардидаанд.

Бо иштироки фаъолонаи раиси ҳукумат В.И. Ленин Декрети ШКХ ҶШФСР аз 8-уми майи соли 1918 «Дар бораи ришва» қабул карда шуд. Декрет ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳои коррупсионӣ дар намуди маҳрум сохтан аз ҳадди ақҗал 5 солро бо меҳнати маҷбурӣ ҷорӣ намуд. Масъулияти баробар на танҳо нисбат ба гирифтани пора аз ҷониби мансабдорон, кормандон, балки, инчунин, барои додани порадиҳандагон, иғвогарон, миёнаравон ва дигар ашхос мустаҳкам карда шуд. Миёни кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ришвахӯрӣ дар солҳои аввали мавҷудияти Ҳокимияти Шуравӣ бештар дар сӯйистифода аз мақоми мансабӣ, инчунин, порахӯрӣ зуҳур мешуд. Аз ин ҷост, ки яке аз аввалин ҳуҷҷатҳои Ҳокимияти Шуравӣ Декрети ШКХ аз 8 майи соли 1918 «Дар бораи порахӯрӣ» буд. Дар он меъёре мавҷуд буд, ки мувофиқи он на танҳо онҳое, ки пора медиҳанду пора мегиранд, балки шахсони ба ин мусоидаткунанда низ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешуданд (иғвогарон, шарикон ва ғ.) [110, с. 174]. Ба андешаи Ш.М. Шарифзода, «ҳангоми дар сари ҳокимият будан В.И. Ленин, ба Комиссари халқии адлияи ҶШФСР Д.И. Курский дар бораи зарурати таъҷилии омода намудани лоиҳаи қонун супориш дода буд, ки «... ҷазо барои пора бояд на камтар аз даҳ соли аз озоди маҳрум намудан ва илова бар ин, даҳ соли дигари кори маҷбурӣ таъин карда шавад»» [140, с. 103]. Ҳолате маълум аст, ки бо исрори В.И. Ленин дар соли 1918 кори коркунони комиссияи тафтишот, ки ба порахӯрӣ айбдор карда шуда, пештар ба муддати шаш моҳ ба ҳабс ҳукм карда шуда буданд, дида баромада шуд [131, с. 141]. Декрети ШКХ дар бораи порахӯрон дар соли 1918, ки бо ташаббуси Ленин ба миён гузошта шуда буд, аввалин санади меъёрие гардид, ки дар давраи шуравӣ ҷавобгарии ҷиноятиро барои порахӯрӣ дар шакли маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати на камтар аз 5 сол, якҷоя бо меҳнати маҷбурӣ ба ҳамин муҳлат пешбинӣ мегардид. Ғайр аз ин, Ленин дар

бораи аз партия хориҷ кардани судяҳое, ки пеш аз ин, аз рӯйи ин кор ҳукмҳои хеле сабук бароварда буданд, масъала гузошт. Ҳукми нав барои ширкаткунандагони мурофиа ба 10 соли маҳрум сохтан аз озодӣ расид. Ҷолиб он аст, ки ин фармон ҳам қасди гирифтан ё додани пораро ба ҷинояти содиршуда баробар кардааст. Муносибати синфӣ низ ба назар гирифта мешуд: агар порагир ба синфи коргару деҳқон мансуб набошад, пас ӯ «ба кори иҷбории сахттарин ва нохушоянд» маҳкум карда шуда, тамоми молу мулкаш мусодира карда мешуд.

Тавре қаблан зикр гардид, тағйироти шадид дар сохтори давлатӣ табиист, ки боиси афзоиши сатҳи ришвахӯрӣ мегардад. Ба ин муносибат ШКХ ҶШСФР санаи 05.08.1918 Декрет «Дар бораи порахӯрӣ»-ро қабул кард. Ҳамин тавр, аллакай баъд аз 7 моҳи инқилоб маълум гардид, ки ин проблема мавҷудияти худро нишон додааст. Мувофиқи Декрет ҳамаи иштироккунандагони муомилоти характери коррупсионӣ баробар ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешаванд. Ҷазо барои кирдорҳои дахлдор маҳрум кардан аз озодӣ ба муҳлати панҷ сол ва бо меҳнати маҷбурӣ ба ҳамин мухлат иборат буд [101, с. 38]. Мувофиқи банди 1 ҳамин Декрет ҷавобгарӣ вобаста ба субъекти ҷиноят фарқ намекард, онҳо на танҳо хизматчиёни давлатӣ, балки шахсони дар хизмати давлатӣ (аъзоёни комитетҳои хонагӣ, муассисаҳо ва ғайра) низ буда метавонанд. Ҷазо ба андозаи муайяне буд [110, с. 174]. Ғайр аз ин, муносибати синфӣ фаромӯш карда нашудааст: агар порахӯр ба табақаи соҳибмулк мансуб бошад ва барои нигоҳ доштани имтиёзҳои худ кӯшиш мекард, пас, вай «ба кори маҷбурии душвортарин ва нофорамтарин» ҳукм карда шуда, тамоми молу мулкаш мусодира карда мешуд [106, с. 26]. Умуман, агар «шахси дар додани пора ё гирифтани пора ба табақаи соҳибмулк мансуб бошад ва ришваро барои нигоҳ доштан ё ба даст овардани имтиёзҳои марбут ба ҳуқуқи моликият истифода барад, пас, ӯ ба меҳнати вазнинтарин, нохушоянд ва маҷбурӣ маҳкум карда мешуд ва тамоми молу мулкаш мусодира карда мешуд.

Ҳамин тавр, бояд гуфт, ки барои мубориза ба муқобили ҳодисаҳои манфӣ ҳануз моҳи майи соли 1918 ШКХ дар бораи порахӯрӣ декрет қабул кард, ки дар он барои додани пора ба муҳлати камаш панҷ сол аз озодӣ маҳрум кардан, инчунин, мусодираи молу мулк пешбинӣ шуда буд. Кӯшиши гирифтан ё додани пора ҷиноят ҳисобида мешуд. Агар порадиҳанда ба табақаи молумулкӣ мансуб бошад ва барои нигоҳ доштани имтиёзҳои худ кӯшиш кунад, пас, ӯ «ба кори маҷбурии душвортарин ва нохушоянд» маҳкум карда шуда, молу мулкаш мусодира карда мешуд. Дар Декрет, инчунин, аломатҳои бандубастшаванда ва аломатҳои махсуси бандубастшаванда муайян карда шудаанд. Дар ҳолати аввал инҳо ваколатҳои махсуси корманд, вайрон кардани вазифаҳои ӯ, тамаъҷӯии пора; дар ҳолати дуюм, шахси гунаҳкор ба табақаи молу мулк мансуб аст, агар вай пораро барои нигоҳ доштан ё ба даст овардани имтиёзҳое, ки бо ҳуқуқи моликият алоқаманданд, истифода барад. Дар ин меъёр ҷузъи идеологӣ мустақиман мушоҳида мешавад.

Бояд гуфт, ки Декрети ШКХ аз 8 майи соли 1918 «Дар бораи порахӯрӣ» аввалин ҳуҷҷати қонунгузорӣ буд, ки ба муборизаи дуру дароз ва суботкоронаи Ҳокимияти Шуравӣ ба муқобили коррупсия ва порахӯрӣ ибтидо гузошт. Дар он бори аввал ҷавобгарии ҷиноятӣ нисбат ба порахӯр ва ҳам шарики гирифтани пора пешбинӣ карда шудааст. Декрети аввалин санади ҳуқуқие буд, ки дар Тоҷикистони таърихӣ барои пора ҷавобгарии ҷиноятӣ (маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати на кам аз панҷ сол, якҷоя бо корҳои маҷбурӣ ба ҳамин муҳлат) пешбинӣ карда шудааст. Мутобиқи санади меъёрии зикршуда ба ғайр аз ашхоси дар гирифтани пора гунаҳгорон ва иғвогарон, шарикон ва ҳамаи кормандоне, ки дар додани пора иштирок доранд, низ ҷазо дода мешаванд. Декрети мазкур «дорои чунин хусусиятҳо буд:

1. Декрет доираи шахсон-субъектҳои порахӯриро хело васеътар намуда, ба он шахсонеро шомил намуд, ки «дар хизмати давлатӣ ё ҷамъиятӣ кор мекунанд»;

2. Барои шахсони гунаҳгори додани пора, таҳриккунанда ва ёрдамчиён ҷавобгарии ҷиноятӣ муқаррар намуд;

3. Он яке аз нахустин чораҳои ҳавасмандкунӣ дар ҳуқуқи ҷиноятии шуравиро дар бар мегирифт, яъне озодкунии порадиҳандагон аз ҷавобгарии ҷиноятӣ агар онҳо қабл аз баромадани декрет пора дода бошанд, ё ин ки дар давоми се моҳи пас аз нашри он ба мақомоти судӣ дар хусуси ин ҷиноят арз намуда бошанд» [140, с. 104].

Маврид ба тазаккур аст, ки баъзе меъёрҳои қонунгузории ҷиноятии айни замон амалкунанда заминаи худро маҳз аз қонунгузории давраи шуравӣ гирифтаанд. Масалан, соли 1921 дар Декрети ШКХ «Дар бораи муборизаи зидди порахӯрӣ» барои порахӯрон аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод кардан чунин муқаррар шуда буд: «Шахсе, ки пора додааст, дар сурати сари вақт оид ба тамаъ кардани пора муроҷиат намояд ё ба ҳалли ин масъала ёрӣ расонад, ҷазо дода намешавад» [106, с. 26]. Меъёри мазкур дар эзоҳи моддаи 320 КҶ ҶТ мушоҳида мегардад.

Номгӯйи ҳолатҳои гуногуни ба истилоҳ ришваситонии пинҳониро Комиссари халқии адлияи ҶШФСР Д.И. Курский дар рӯйхати (сиркуляр) 1922, №97 «Дар бораи ҳаҷми мафҳуми пора» пешниҳод кардааст [89, с. 22]. Аз ин рӯ, дар назди қонунгузории ҷиноятии шуравӣ он замон дар баробари дигар вазифаҳо, вазифаи таъқиби ҷинояткории мансабӣ, махсусан гирифтани пора аввалиндараҷа буд. М.М. Муллоев қайд мекунад, ки «бо ин мақсад як қатор қонунҳо қабул карда шуданд ва муҷозотро на танҳо барои онҳое, ки ришва гирифтанд, балки онҳое, ки низ ришва дода, таҳрик намудаанд ва дар содир кардани ин ҷиноят саҳм гузоштаанд, пешбинӣ гардидааст» [37, с. 70]. Дар ҳуҷҷатҳои мазкур ҷавобгарӣ барои порахӯрӣ ба таври зайл муқаррар гардида буд: гирифтани пора бо мусодираи молу мулк ва ё бидуни он аз озодӣ ба

муҳлати то панҷ сол ҷазо дода мешуд. Агар ин ҷиноят дар ҳолатҳои вазнинкунандае, ки дар декретҳои солҳои 1918 ва 1921 зикр шудааст, содир шуда бошад, ҷазо дар шакли маҳрум кардан аз озодӣ ба муҳлати на камтар аз се сол то ҷазои қатл бо мусодираи молу мулк пешбинӣ шуда буд.

Дар ибтидои моҳи сентябри соли 1922 дар назди Шурои меҳнат ва мудофиа комиссияи муборизаи зидди порахӯрӣ ташкил шуда, маҷмуи тадбирҳои муборизаи зидди порахӯрӣ тасдиқ карда шуд [106, с. 26].

Дар адабиёти ҳуқуқӣ қайд карда шудааст, ки «Дар мубориза бо ришваситонӣ фармони ШКХ ҶШФСР аз 16-уми августи соли 1921 «Дар бораи мубориза бо ришва» ва боби II Кодекси ҷиноятии ҶШФСР аз соли1922 нақши муҳим дошт, ки он амали ғайриқонунии мансабдорони коррупсионӣ: сӯиистифода аз қудрат, ки бо ниятҳои ғаразнок ва дигар ҳадафҳои шахсӣ содир шудаанд; аз ҷониби кормандон аз худ кардани пул ё дигар ашёи гаронбаҳо, ки бинобар мансаби хизматӣ дар салоҳияташ мебошанд; содир кардани сохтакорӣ сарфи назар аз ангеза; гирифтани пора аз ҷониби шахсе, ки дар иттиҳодияи давлатӣ ё хидмати ҷамъиятӣ қарор дошта; ҳукми ноодилонаи судӣ аз мақсадҳои ғаразнок ва дигар ангезаҳои шахсии ва ғ» [35, с. 243]. Ҷавобгарии ҷиноятӣ мутобиқи м. 114-а Кодекси ҷиноятии ҶШСФР додани пора, миёнаравӣ дар порахӯрӣ, шарикӣ дар порахӯрӣ ва надидани чораҳои зидди порахӯрӣ, яъне хунукназарӣ муқаррар шуда буд [93, с. 183].

Бо қабули декретҳои боло парвандаҳои порахӯрӣ ба ихтиёри трибуналҳои инқилобӣ дода шуданд, ки онҳо ҳуқуқ доштанд, ки мувофиқи Кодекси ҷиноятии соли 1922 барои содир кардани ин кирдори ғайриқонунӣ ҷазои вазнин – парронданро, таъин кунанд. Вобаста ба ин, дар адабиёти ҳуқуқӣ қайд мегардад, ки ҳукумати нав ба андешидани чораҳои фаъоли зиддикоррупсионӣ шуруъ кард, ки он аз таъйини маҳрумиятҳои ҷиддии шахсӣ нисбат ба шахсони гунаҳкор дар шакли ҳукм ба даҳҳо соли маҳрум сохтан аз озодӣ иборат буд. Ҳамин тариқ,

соли 1922 ҳукми қатл ба нахустин Кодекси ҷиноятии шуравӣ ҳамчун ҷазо барои ришвахӯрӣ ворид карда шуд [110, с. 174]. Барои решакан кардани пора мафҳуми «пора» васеъ карда шудааст. Мувофиқи санади Комиссариати халқии адлияи ҶШСФР аз 9 октябри соли 1922, №97 «Дар бораи доираи мафҳуми пора», зери мафҳуми он на танҳо «гирифтани пора аз ҷониби шахс» фаҳмида мешавад, балки мазмуни он васеъ буд. Аммо бояд таъкид кард, ки «амали Кодекси ҷиноятии ҶШФСР дар соли 1922 дар қаламрави Тоҷикистон 28-уми феврали соли 1924 ҷорӣ карда шуд ва ин яке аз рӯйдодҳои муҳим дар таърихи мардуми тоҷик дар самти мубориза ба зидди ҷинояткории ба ҳисоб мерафт» [140, с. 105]. Маврид ба зикр аст, ки Кодекси соли 1922 нахустин кодекси ҷиноятие ба ҳисоб меравад, ки ҷавобгарии ҷиноятиро барои порахӯрӣ чун қонунгузории ҷиноятии замони муосир муқаррар кардааст. Бинобар ин, гуфтан мумкин аст, ки санади мазкур аввалин ҳуҷҷати кодификатсионӣ дар самти муқовимат ба коррупсия ба маҳсуб меёбад.

Бо пайдоиши сиёсати нави иқтисодӣ ришвахӯрӣ авҷ гирифт. Дар солҳои 20-ум порахӯриро бо фаъолияти зидиинқилобӣ баробар карда буданд. Ҳукумати Шуравӣ бо усулҳои радикалӣ бо коррупсия мубориза мебурд, ки дар байни онҳо ҳукми қатл пешсаф буд ва чунин муҷозот дар як вақт ба даҳҳо нафар ҷорӣ шуда буд. Зери фишори чунин тадбирҳои радикалӣ сатҳи коррупсия тадриҷан поин рафтан гирифт. Аммо дар соли 1927 ҳукми қатл бекор карда шуд, далел шиоре буд, ки коррупсия осори истисноии буржуазист, ки дар ҷомеаи сотсиалистӣ ҷой надорад [110, с. 174]. 7 июли соли 1923 КИМУ ҶШСФР «Низомнома дар бораи судҳои интизомӣ» ва 20 марти соли 1932 КИМУ ва ШКХ ҶШСФР қарорро «Дар бораи ҷавобгарии интизомӣ аз рӯйи тартиби тобеият» қабул намуданд. Ҳамин тавр, дар миёнаҳои солҳои 20-ум сатҳи ришвахӯрӣ ба таври фаъол коҳиш ёфт, ки ин боиси он гардид, ки Декрети КИМУ ва ШКХ ИҶШС аз 31 октябри соли 1927 ҷазои қатлро ҳамчун ҷазои фавқулода барои порахӯрӣ бекор кард [101, с. 40].

Дар адабиёти ватанӣ иброз шудааст, ки «дар солҳои 20-30-юми асри XX роҳбарияти шуравӣ ба таҳкими интизоми дохилии хизматчиёни давлатӣ аҳаммияти ҷиддӣ зоҳир менамуд. Дар натиҷа, Қарори КИМУ аз 7-уми июли соли 1923 дар бораи «Низомнома дар бораи судҳои интизомӣ» ва қарорҳои КИМУ ва ШКХ ҶШФСР аз 20-уми марти 1932 «Оид ба масъулияти интизомӣ дар тартиби тобеият» [40, с. 124] қабул карда шуданд. Ҳуҷҷатҳои қабулшуда ба мубориза бо бюрократия, сӯиистифода аз мансаб, камбудиҳои расмӣ, бадрафторӣ ва амалҳои нодурусти кормандони дастгоҳи давлатии шуравӣ нигаронида шуда буданд» [41, с. 127].

Дар соли 1928 ҷорӣ шудани системаи картавии озуқаворӣ ва молҳои сермасраф дарҳол барои навъҳои гуногуни порахӯрии мансабдорон заминаи идеалӣ ба вуҷуд овард. Сиёсати дохилии давлати сотсиалистӣ, аз ҷумла, ба кам кардани зуҳуроти гуногуни коррупсия нигаронида шуда буд. Соли 1929 Пленуми Суди Олӣ чунин муқаррар карда буд: «Тамоми ҳодисаҳои гирифтани пешниҳодҳо аз ҷониби шахсони мансабдор, яъне ҳар гуна муомила дар ҳар шакле, ки бошад, ҳамчун порагирӣ бандубаст карда мешавад». Барои мубориза зидди ин зуҳуроти манфӣ бо фармони Комиссариати халқии корҳои дохилии ИҶШС, №0018 соли 1937 зерсохторҳои муборизаи зидди дуздии моликияти сотсиалистӣ ва спекулятсия ташкил шуданд. Коркунони Комиссариат ба муборизаи зидди дуздӣ фаъолона дохил шуданд, ки инро маълумотҳои омории он солҳо шаҳодат медиҳанд. Ҳамин тариқ, соли 1939 воҳидҳои навтаъсиси комиссариат 268 гурӯҳи муташаккили дуздии моликияти давлати шӯравиро ошкор намуда, 1886 ҷинояткорро ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашиданд, 538 гурӯҳро ошкор намуда, 3573 нафарро ба курсии судшаванда гузоштанд. Дар баробари ин шумораи порахӯрон кам буд, ки ин ҳам аз таъхири ин кирдорҳо ва ҳам ночиз будани ҳиссаи онҳо дар ҳаҷми умумии ҷиноятҳои коррупсионӣ дар давраи зикршуда гувоҳӣ медиҳад. Гурӯҳе аз муҳаққиқон қайд намудаанд,

ки «Дар охири солҳои 30-юм самараи мусбати тадбирҳои андешидаи Ҳукумати Шуравӣ аён гардид. Шумораи ҷиноятҳои марбут ба коррупсия дар фаҳмише, ки замони ташаккули давлати нав мавҷуд буданд, ба таври назаррас коҳиш ёфт. Миқёси ришвадиҳии классикӣ коҳиш ёфт, аммо дар бораи пирӯзӣ бар коррупсия ҳарф задан барвақт буд. Онҳо шаклҳои нави бештар дасисакорона ва номуайянро ба даст овrouted ки дар натиҷа соли 1937 дар назди Идораи милитсияи коргару деҳқонон зерсохтори махсус барои мубориза бо дуздии моликияти сотсиалистӣ ташкил карда шуд» [110, с. 175].

Бо фармони Президиуми КИМ ИҶШС аз 12-уми июни соли 1929 ҶМШС Тоҷикистон аз ҶШС Ӯзбекистон ҷудо карда шуда, ба ҶШС Тоҷикистон, ки ба ҳайати ИҶШС дохил буд, табдил дода шуд. Соли 1932 ИҶШС Қонун «Дар бораи ҳифзи моликияти корхонаҳои давлатӣ, колхозҳо ва кооператсия ва таҳкими моликияти ҷамъиятӣ (сотсиалистӣ)» ва Қарори ШКХ ИҶШС аз соли 1933 «Дар бораи тадбирҳои пурзӯр кардани мубориза бар зидди дуздӣ ва исрофкорӣ дар корхонаҳои давлатӣ ва кооперативӣ»-ро [38, с. 18] қабул намуд, ки «дар он чораҳои пурзӯр кардани баҳисобгирӣ ва ҳисоботи молҳо ва арзишҳои моддӣ дар ташкилотҳои савдо нишон дода шуданд. Ин санадҳои қонунгузорӣ дар мубориза бо сӯиистифода ва тасарруф бар зидди ҷиноятҳои иқтисодӣ дар ҶШС Тоҷикистон аҳаммияти калон доштанд» [140, с. 106]. Ҳамин тавр, дар марҳилаи то соли 1935 як қатор ҳуҷҷатҳои дахлдор ҷиҳати муқовимат ба коррупсия қабул карда шуданд, аммо сатҳи коррупсия чун ҳозира гоҳе баланд мегардид ва гоҳе коҳиш меёфт.

Аз соли 1935 марҳилаи нави муқовимат ба коррупсия оғоз гардида, дар ин давра санадҳои ҳуқуқии нави мукаммал қабул карда шуданд. Аз ҷумла, 20-уми августи соли 1935 бо Қарори иҷлосияи давлатии КИМ ҶШС Тоҷикистон Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон қабул гардид. Кодекси мазкур нахустин санади кодификатсионие ба ҳисоб меравад, ки ҷавобгариро барои порахӯрӣ дар ҶШС Тоҷикистон муқаррар менамуд.

Ин санад барои қабули қонунгузории минбаъда заминаи муҳимми ҳуқуқӣ гардидааст.

Соли 1937 дар ҳайати шуъбаи милитсияи коргару деҳқон барои мубориза ба муқобили дуздидани моликияти шуравӣ, спекулятсия ва порахӯрӣ шуъбаи махсус ташкил карда шуд. Солҳои 1940 ва 1950, махсусан, дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ бинобар вазъи ҳарбӣ дар ИҶШС пурзӯр намудани назорати давлатӣ ва ҷазо барои ҳама гуна ҷиноятҳо, ришвахӯрӣ амалан вуҷуд надошт [101, с. 40]. Ба андешаи мазкур розӣ шудан душвор аст, зеро маҳз дар чунин вазъиятҳои ҷангию ноороми сатҳи амалҳои коррупсионӣ баланд мегардад. Ба андешаи Ш.М. Шарифзода, «дар солҳои 1940-1950 порагирӣ ҳамчун мероси капитализм ҳисобида мешуд ва чунин ба ҳисоб мерафт, ки баробари сохтани сотсиализм он аз байн хоҳад рафт. Махфияти шадид, набудани таблиғ ва озодии сухан, инчунин мавҷудияти маълумоти оморӣ ин падидаро барои омма ноаён гардонида, чунин тасаввурот дод, ки он аз байн рафтааст. Аммо далелҳои зиёде мавҷуданд, коррупсия дар ҳама сатҳҳои низоми судии кишвар маъмул буд» [140, с. 106]. Дар ин хусус қайд мегардад, ки дар замони ҷанг коррупсия аз он сабаб афзоиш ёфт, ки барои ҳалли ин мушкилот кадрҳои соҳибихтисос ва захираҳои моддӣ кофӣ набуданд. Дар давраи баъд аз ҷанг (1948-1949) дар ИҶШС бо мақсади решакан кардани коррупсия дар кишвар роҳбарият аз рӯйи парвандаҳои марбут ба коррупсия дар Суди шаҳри Маскав ва як қатор парвандаҳои дигар, аз ҷумла, дар Суди Олии ИҶШС як қатор мурофиаҳои пӯшида гузаронид. Дар натиҷа, миқдори зиёди сӯистеъмолкунии хизматчиён ошкор карда шуда, маърузаи Прокурори ИҶШС Г. Сафронов пешниҳод гардид. Дар он гуфта мешавад, ки тамоми низоми судӣ бо порахӯрӣ пурра печидааст. Ба ғайр аз ин, мавҷи пурсарусадо дар вазорату корхонаҳо ва идораҳо тамоми мамлакатро фаро гирифта буд. Азбаски порахӯрӣ ва дуздидани моликияти халқро осори буржуазӣ ҳисоб мекарданд, дар ИҶШС одат шуда буд, ки

баробари барпо кардани сотсиализм ин ҳодисаҳо «дар давлати ҷавони мо» тадриҷан аз байн мераванд, аммо ин дуруст набуд. Ҷиноятҳои асосии порахӯрони шуравӣ ба ғайр аз порахӯрӣ аз инҳо иборат буданд: ҷудо кардани таҷҳизот ва масолеҳ; тасҳеҳ ва кам кардани ҳадафҳои пешбинишуда; таъин ба вазифаҳои масъул; пинҳон кардани қаллобӣ; бақайдгирии оммавӣ ва ғ. Чӣ дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва чӣ дар солҳои баъд аз ҷанг аз сабаби нарасидани молҳои зарурӣ ва озуқаворӣ ҷинояткории иқтисодӣ зиёд шуд. Мавҷи ҷиноятҳои коррупсионӣ афзоиш меёфт. Фактҳои бештари маъмули порахӯрӣ ҳамкории мақомотҳои давлатӣ ва шахсони мансабдор бо унсурҳои ҷиноятӣ мебошанд. Дар баробари ин, муҷозот барои ин амалҳо аз ҳад зиёд сабук буд.

Ба ақидаи Ю.А. Нисневич, «Дар шароите, ки бинобар камбуди молҳо ва хидматҳо пул нақши худро бозида наметавонист, низоми имтиёзҳо ва имкониятҳо истифода мешуд (манзилҳо дар ноҳияҳои элита, мошинҳо, дачаҳо, хонаҳои истироҳат ва санаторияҳо ва ғ.). Эътирозҳои оммавӣ алайҳи низомҳои шуравӣ дар охири солҳои 80 ва ибтидои солҳои 90-ум оғоз ёфт. Асри XX, асосан, бо даъватҳо оид ба барҳам додани ин шакли коррупсияи муайян равона гардида буд» [45, с. 11]. Дар замони Сталин, аз як тараф муҷозот барои сӯиистифода аз мақоми хидматӣ то дараҷаи ҳукми қатл сахттар шуд, аз тарафи дигар, хизматчиёни давлатӣ хеле зуд як навъ синф – дахлнопазир ва тобеи назоратро ташкил доданд. Намояндагони номенклатура амалан аз таъқиб эмин буданд ва аз ҷазо он қадар наметарсиданд. Дар баробари ин, «маводҳое мавҷуданд, ки дар бораи сатҳи баланди коррупсия дар ҳукумати давраи И.В. Сталин гувоҳӣ медиҳанд» [38, с. 18]. Дар замони ҳукмронии И.В. Сталин муносибат ба коррупсия дучанд афзуда буд. Аз як тараф, ҳукми қатл метавонист барои ҷиноятҳои коррупсионӣ татбиқ карда шавад, аз тарафи дигар, кормандони давлатӣ табақаи дахлнопазирро ташкил медоданд, ки таҳти назорат нестанд ва аз ин рӯ, аз доираи салоҳият берун буданд [130, с. 88-95]. Мубориза ба муқобили коррупсия характери намоишкорона дошт ва

натиҷаҳои воқеӣ набахшид [120, с. 180]. Сатҳи коррупсия пас аз марги И.В. Сталин дар соли 1953, бахусус, тамоюли афзояндаи ришвахӯрӣ дар замони «обшавии Хрушев» зоҳир шуд, зеро пояҳои низоми сталинӣ хароб ва бадном карда шуданд. П.А. Лимонов қайд кардааст, ки «Охирҳои солҳои 50-ум ҳатто роҳбарияти олии ҳизбии ИҶШС аз андозаи он нигарон буд. Дар қарори КМ ҲКИШ аз 2-юми августи соли 1958 «Дар бораи камбудиҳои ҷиддии баррасии мактубҳо, шикоятҳо ва аризаҳои меҳнаткашон» сӯистеъмолкуниҳои асосӣ расмиятчигӣ, бюрократизм, бепарвоёна амал намудан нисбат ба мактубу шикоятҳои меҳнаткашон қайд мегардиданд. Пешниҳод шуд, ки масъулони ин кор ба ҷавобгарии шадидтарин кашида шаванд» [101, с. 40]. Ҳамин тавр, марҳилаи дуюми ташаккули қонунгузорӣ дар самти муқовимат ба коррупсия дар Тоҷикистони шуравӣ то соли 1958 идома ёфт. Аммо дар ин марҳила санадҳои ҳуқуқии қабулшуда натавонистанд, ки садди роҳи афзоиши амалҳои коррупсиониро гиранд.

Марҳилаи сеюми ташаккули қонунгузорӣ дар самти муқовимат ба коррупсия аз соли 1958 оғоз меёбад. Дар ин марҳила муҳимтарин ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ қабул гардида, ба коррупсия муқовимати қавӣ нишон дода шудааст, зеро дар ин марҳила санадҳои байналмилалӣ низ таъсири худро расониданд. Санади минбаъдаи меъёрие, ки ҷавобгарии ҷиноятиро барои порахӯрӣ танзим мекунад, Укази Президиуми Шурои Олии ИҶШС аз 20 феврали соли 1962 «Дар бораи пурзӯр намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои порахӯрӣ» буд. Он асоси қонунгузории ҷиноятиро ташкил дод, ки ҷавобгариро барои порахӯрӣ танзим мекард. Дар ин хусус қайд мегардад, ки «пас аз қабули Асосҳои қонунгузории ҷиноятии ИҶШС дар соли 1958 санади меъёрии зидди коррупсия муҳимтарин Укази Президиуми Шурои Олии ИҶШС аз 20-уми феврали соли 1962 «Дар бораи пурзӯр кардани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ришва» ба ҳисоб мерафт, ки он ҷазои қатлро барои гирифтани пора дар ҳаҷми махсусан калон вазнин намуд. Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои гирифтан ё додани пора

шахсан ё тавассути миёнаравҳо, бо маслиҳати пешакии гурӯҳи ашхос баланд бардошта шуд. Чунин кирдор бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз панҷ то понздаҳ сол бо мусодираи молу мулк ҷазо дода мешуд. Тибқи он гирифтан ё додани пора бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати то даҳ сол бо мусодираи молу мулк ҷазо дода мешавад. Агар пора аз ҷониби як гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ ё такроран ё бо тамаъҷӯӣ алоқаманд содир шуда бошад, ба гунаҳкорон бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати аз панҷ то понздаҳ сол бо мусодираи молу мулк ҷазо дода мешавад» [140, с. 106]. Тавре маълум мегардад, маҳз дар ҳамин марҳила ҷиноятҳои коррупсионӣ дар қисмҳои гуногун вобаста ба дараҷаи хавфнокии ҷамъиятиашон муқаррар шудаанд. Мазмуни меъёри санади мазкур ба меъёрҳои қонунгузории имрӯзаи ҷиноятӣ, ки такриби ҷиноятро дар якчанд қисмҳо пешбинӣ мекунанд, шабеҳ мебошад. Бинобар ин, гуфтан мумкин аст, ки заминаи меъёрии ҳуқуқии КҶ ҶТ аз соли 1998 оид ба ҷиноятҳои коррупсионӣ аз Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон аз соли 1961 бармеояд.

Дар марҳилаҳои минбаъда як силсила ҳодисаҳо боиси афзоиши коррупсия гардидаанд. Дар давраи бозсозӣ коррупсияи элитаи ҳукмрон афзоиш ёфт, ки ин қисман бо қонунигардонии иқтисоди соябонӣ сурат гирифт. Бо вуҷуди ин, коррупсия дар ҳукумат ҳануз рад карда мешуд. Дар охири солҳои 80-ум боз як авҷи коррупсия бо пайдоиши иқтисоди бозорӣ, шаклҳои гуногуни моликият ба амал омад ва равандҳои хусусигардонӣ ва ташаккули табақаи моликон оғоз ёфт.

Дар давраи Брежнев солҳои 1960-1980 назорати номенклатуравӣ суст шуда, ходимони беназорат оҳиста-оҳиста системаро вайрон мекарданд. Коррупсия дар ҳама ҷо, дар ҳамаи зинаҳо, ҷумҳуриҳо ва вилоятҳои ИҶШС вусъат ёфт. Иқтисоди пинҳонӣ ҳамзамон бо коррупсия рушд кард. Муҳим на ҷамъоварии сарват, балки ҷойгоҳ дар система ва тавони ҳифзи ин макон аз ҳамлаҳои эҳтимолӣ ба ҳисоб мерафт [131, с. 141]. Дар ин хусус дар дигар адабиёти ҳуқуқӣ қайд мегардад, ки «дар

давраи ҳукмронии Брежнев, дар сурати набудани манбаи дигари қонунии даромад, мансабдорони баландпоя аксар вақт ба амалҳои ғайриқонунӣ даст мезаданд. Ҳамин тавр, мувофиқи маълумоти шуъбаи мақомоти маъмурии КМ ҲКИШ аз 21-уми май соли 1981 «...дар соли 1980-ум 6000 ҳодисаи порахӯрии расмӣ ошкор карда шуд, ки ин назар ба соли 1975 ду баробар зиёд аст»» [89, с. 22]. Олимони ватанӣ низ дар ин хусус изҳор доштаанд, ки дар бораи паҳн шудани коррупсия дар охири замони сотсиализм на танҳо аз маводҳои мурофиаҳои судӣ ва матбуоти солҳои 1970-1980, балки аз таҳқиқи ин проблема, ки яке аз онҳо дар соли 1900-ум дар як қатор ноҳияҳои собиқ ИҶШС гузаронида шуда буд, ишора менамоянд [134, с. 25]. Яке аз монеаҳо дар роҳи мубориза бо ришвахӯрӣ дар миёнаҳои солҳои 80-ум мукаммал нашудани қонунгузорӣ буд. Илова бар ин, як қисми заминаи меъёрӣ аллакай аз ҷиҳати маънавӣ кӯҳна шуда, ба шароити объективии он замон мувофиқат намекард.

Давраи «навсозӣ» бо афзоиши якбораи ришвахӯрӣ дар миёни элитаи ҳизбӣ хос буд, зеро номенклатураи собиқ барои таҳкими мавқеъҳои худ кӯшиш мекард ва элитаи ҳукмрон ба далели қонунигардонии иқтисоди сояафкан имкони бештаре пайдо кард, ки дар навъҳои гуногуни ришваситонӣ, аз ҷумла, сӯиистеъмол кардани вазифаи хизматӣ, бахусус, дар азхудкунии маблағҳо ифода ёфтааст. Ба ҳамаи ин проблемаҳои соҳаи назорат ва норавшан набудани баъзе масъалаҳои ташкили хадамот низ мусоидат карданд. Гузашта аз ин, номутобиқатӣ дар рафти сиёсӣ ва «терапияи шок» вазъи давлатро танҳо бадтар кард, ки дар натиҷа соҳаи иҷтимоӣ бухронро аз сар гузаронда, дараҷаи зиндагонии аҳолӣ хеле паст шуд. Нуфузи мақомот босуръат аз байн мерафт, низоми маъмурию фармонфармоӣ пош мехӯрд, ҷузъи идеологӣ низ барҳам мехӯрд. Вазифаҳои роҳбарони корхонаҳои давлатӣ интихобӣ шуданд, ҳаракатҳои кооперативӣ инкишоф ёфтанд, ки дар натиҷаи ин маблағҳои ғайринакдии буҷет аз ҳисоби корхонаҳои давлатӣ зери пардаи барпо намудани иқтисодиёти омехта ва пинҳонӣ ба пули нақдӣ гузаштан

ба муносибатҳои бозорӣ дохил мешуданд. Ҳамин тавр, ИҶШС обрӯи ҳокимиятро на танҳо дар доираи худ, балки дар арсаи байналхалқӣ ҳам аз даст дод.

Ба андешаи Ш.М. Шарифзода, «таҷрибаи таърихии андӯхташуда оид ба муқовимат алайҳи коррупсия барои қабули КҶ ҶТ соли 1998 заминаи хуб фароҳам овард. Кодекси қаблан амалкунанда дар масоили ҷавобгарӣ барои ҷиноятҳои коррупсионӣ, аз ҷумла, ҷинояти порахӯрӣ бартарии зиёд дошт» [140, с. 108]. Ҳарчанд андешаи мазкур дар хусуси заминаи муҳимми ҳуқуқӣ гузоштани қонунгузории ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон ҷой дошта бошад ҳам, вале наметавон гуфт, ки санадҳои давраи шуравӣ аз қонунгузории ҷиноятии амалкунанда бартарияти калон доранд. Баръакс, КҶ ҶТ аз соли 1998 нисбат ба қонунгузории ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон мукаммал буда, хеле инсондӯстона мебошад. Он ҷавобгарии ҷиноятиро барои ҳама намуди ҷиноятҳои коррупсионӣ муқаррар кардааст. Аммо ба андешаи мо, монандӣ танҳо дар як масъала, ҷой дорад. Мутаассифона, сатҳи самаранокии меъёрҳои қонунгузорӣ, чун қонунгузории давраи шуравӣ на он қадар қаноаткунанда мебошад, зеро қонунгузории ҷиноятии ҷорӣ низ чун давраи шуравӣ вазифаи худро оид ба пешгирии амалҳои коррупсионӣ самаранок иҷро карда натавониста истодааст. Бо ин назардошт, мо пешниҳод менамоем, ки аз санксияҳои ҷиноятҳои коррупсионӣ ҷазои ҷарима бардошта шавад, зеро пардохти ҷарима барои чунин субъектони ҷиноят на он қадар душвории ҷиддиро ба миён меорад. Ба ақидаи мо, ҷазоҳои ҷиноятӣ барои ҷиноятҳои коррупсионӣ бояд тағйир дода шаванд. Аз ҳама бештар ҷазои корҳои ҳатмӣ барои онҳо мувофиқи мақсад мебошад, махсусан агар корҳои фоиданоки ҷамъиятӣ дар назди омма бошад. Субъектони ҷиноятҳои коррупсионӣ бештар аз мақоми худ ифтихор карда, аз паст шудани мақоми худ дар назди ҷомеа ҳарос доранд. Бинобар ин, корҳои фоиданоки ҷамъиятӣ дар назди мардум ҷазои вазнинтар маҳсуб рафта,

на танҳо чунин ашхосро ислоҳ мекунанд, балки боиси пешгирии чунин ҷиноятҳо хоҳанд гардид.

Дар натиҷаи таҳқиқу баррасии масъалаи такмили таҷрибаи муқовимат ба коррупсия дар Тоҷикистони шӯравӣ хулосаҳои зеринро баровардан мумкин аст:

1. Дар асоси гуфтаҳои боло бояд эътироф кард, ки санадҳои ҳуқуқӣ ва институтҳои ҷамъиятии назорат ва мувозинат, ки дар Иттифоқи Шӯравӣ ба вуҷуд оварда шудаанд, имкон доданд, ки ба муқобили коррупсия бомуваффақият мубориза бурда шавад. Давраи шӯравӣ нисбат ба замони ҳозира аз ҷиҳати таҷрибаи қабули санадҳои ҳуқуқӣ ва татбиқи онҳо манфиати муайяни илмӣ ва амалӣ дорад.

2. Таҳлилу баррасии рушди қонунгузории шӯравӣ ба миён гузоштани чунин масъалаҳоро тақозо менамояд:

Аввалан, барои муборизаи муассир бо ришвахӯрӣ бояд роҳи сиёсат дақиқ муайян ва пайваста бошад. Роҳбарияти олии давлат бояд ба муқобилият ёрӣ расонад ва ба он халал нарасонад, чунонки дар давраи ҳукмронии Л. Брежнев ва М. Горбачёв чунин буд.

Сониян, шиддатнокӣ ва ногузирии ҷазо дар паст кардани сатҳи коррупсия нақши бениҳоят муҳим дорад. Чун қоида, на танҳо коррупсия, балки тарси ҷазо ба содир шудани ҳар гуна ҷиноят монеъ мешавад.

Сеюм, қонунгузорӣ оид ба мубориза бо коррупсия такмили пайвастаро тақозо мекунад, то ба воқеиятҳои объективӣ ва руҳияи замон мувофиқат кунад.

Чаҳорум, ҳарчанд ҷузъи идеологӣ омили боздоранда бошад ҳам, аз суистифодаи мансабдорон ҳифзи комилро таъмин намекунад.

Панҷум, тағйироти қатъии сохти давлатӣ боиси афзудани шумораи ҷиноятkорӣ, хусусан, коррупсия мегардад, ки инро таҷрибаи давлати шӯравӣ ва Германияи фашистӣ исбот намудааст.

Шашум, сатҳи муносиби маоши хизматчиёни давлатӣ низ ба коҳиши амалияи ришвахӯрӣ мусоидат мекунад.

3. Коррупсия дар кишварҳои пасошуравӣ аз Иттиҳоди Шуравӣ мерос омадааст. Вазифаи аз байн бурдани он ҳанӯз ҳам авлавиятнок ҳисобида мешавад, зеро он ба тамоми соҳаҳои ҳаёт, аз ҷумла, ба маориф, тандурустӣ ва идораи давлатӣ таъсир расонида, сатҳи баланди хатарро дар бар мегирад, ки ба ҳаёти шаҳрвандон ва амнияти онҳо таъсири бад мерасонад. Таҷрибаи бойи давлати шуравӣ барои кишвари мо арзиши бузург дорад, зеро ҷиноятҳои коррупсионӣ то имрӯз вуҷуд доранд. Бинобар ин, таҳлили дурусти амалияи муборизаи зидди он ва хулосаҳои дурусти он ба паст шудани сатҳи ин ҷиноятҳо дар замони мо кумак мекунад.

### 2.3. Сиёсати ҳуқуқии зиддикоррупсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Асоси фаъолияти ҳар як давлатро сиёсати давлатӣ ташкил медиҳад. Маҳз дар натиҷаи сиёсати давлатӣ соҳаҳои мухталифи давлатию ҷамъиятӣ муайян ва амалӣ карда мешаванд. Маҳз дар натиҷаи сиёсати зиддикоррупсионии пешгирифтаи давлат метавон бо ин падидаи манфии зиддиҳуқуқӣ мубориза бурд. Бо ин назардошт, таҳлилу баррасии масъалаи мазкур дорои аҳаммияти баланди илмию амалӣ мебошад.

Атрофи масъалаи муқовимат ба коррупсия ва сиёсати зиддикоррупсионӣ дар кишвар аз ҷониби олимону муҳаққиқон андешаронӣ гардидааст. Аз ҷумла, М.Р. Аҳмадзода қайд менамояд, ки айни замон мушкилоти мубориза бо коррупсия дар ҶТ хусусияти глобалӣ ва системавӣ касб намудааст. Ҳама гуна шаклҳои коррупсияи муташаккил имкон медиҳанд, ки ин падида на шахсӣ, балки институтсионалӣ ҳисобида шавад. Афзоиши хатари ҷамъиятии он хусусияти глобалӣ ва фаромиллии ин падидаро тасдиқ мекунад. Яке аз хусусиятҳои асосӣ ва хоси коррупсия хусусияти систематикии он мебошад. Ин хусусият ба коррупсия ҳамчун раванде хос аст, ки дар муҳити ҷамъиятӣ мураккабтар ва худтағйирёбанда мегардад [67, с. 36]. Дар ин хусус бояд қайд намуд, ки падидаи коррупсия аз таърих дар

тамоми кишварҳо ҷаҳонӣ вуҷуд дошт ва имрӯз ҳам ҷой дорад. Бинобар ин, мубориза ба он кори дастаҷамъонаи тамоми давлатҳои ҷаҳон ва созмонҳои байналмилалӣ ба ҳисоб меравад.

Ба андешаи С. Хурсандзода, «ҳарчанд кишвар дар ин индекс соли 2015 назар ба солҳои пешин мавқеи каме хубтарро ишғол карда буд, аммо соли 2016 дар Индекси дарки коррупсияи Созмони шаффофияти байналхалқӣ Тоҷикистон боз ба раддаи солҳои пешинаи худ баргашт, ки аз бад шудани ҳолати коррупсия дар мамлакат огаҳӣ медиҳад. Сару садоҳои охир дар Тоҷикистон дар мавриди гирифтории кормандони зинаҳои болоии мақомоти махсуси зиддикоррупсионии кишвар ба амалҳои коррупсионии калонмиқёс бори дигар баҳсро дар мавриди механизми самараноки мубориза алайҳи ин масъала ба миён овард. Аз ин рӯ, зарурат пеш омадааст, ки механизмҳои муассири муқовимат бо коррупсия андешида ва амалӣ карда шаванд» [157, с. 94]. Маврид ба зикр аст, ки сиёсати ҳуқуқии давлатӣ дар самти мубориза ба коррупсия бояд пурзӯр гардида, механизмҳои нави мувофиқ ба талаботи замон таҳия ва мавриди татбиқ қарор дода шаванд.

Бояд таъкид намуд, ки қонунгузорӣ ва самтҳои сиёсати зиддикоррупсионӣ пайваста тағйиру такмил ёфта, барои такмили ин соҳа мунтазам пешниҳодҳо манзур гардида, нақшаҳои нав қабул карда мешаванд. Аз ин рӯ, омӯзиши сиёсати зиддикоррупсионӣ ҳамеша муҳим ва мубрам ба ҳисоб меравад [84, с. 159]. Пеш аз муайян намудани сиёсати ҳуқуқии зиддикоррупсионӣ дар кишвар, механизм ва сохтори он зарур мешуморем, ки мафҳуми илмии сиёсати ҳуқуқии зиддикоррупсиониро дақиқу равшан созем. Бояд гуфт, ки дар адабиёти ҳуқуқӣ атрофи он баҳсу мунозираҳои илмӣ ҷой дошта, ягонафикрӣ дида намешавад. М.Р. Аҳмадзода қайд менамояд, ки «сиёсати зиддикоррупсионӣ – фаъолияти ҳамоҳангшудаи мақомоти давлатӣ ва сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, ки ба решакан кардани коррупсия дар ҷомеа, ташаккули шуури зиддикоррупсионӣ, таҳкими волоияти қонун, гузаронидани экспертизаи

зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои онҳо нигаронида шудааст» [67, с. 37]. Андешаи мазкур унсурҳои муҳимтарини сиёсати зиддикоррупсиониро ошкор намудааст.

Дар адабиёти ватанӣ қайд гардидааст, ки «мафҳуми сиёсати зиддикоррупсионӣ бо мафҳумҳои «коррупсия» ва «сиёсати давлат» робитаи ногусастанӣ дорад. Нахустин истилоҳ, ки дар даҳсолаҳои охир маъруфияти зиёд пайдо кардааст, ба падидаҳои хатарноки манфии иҷтимоӣ, ки боиси вайроншавии волоияти қонун мегарданд ва тамоми институтҳои давлатиро бидуни истисно заиф месозанд, мансуб аст. Коррупсия аз ибтидои пайдоиш ҳамеша ба манфиатҳои давлат ва ҷомеа зарар расонидааст ва мерасонад. Маҳз ихтилофи байни амалҳои шахси мансабдор ва манофеи давлатӣ аломатҳои хоси коррупсия маҳсуб мешаванд. Инчунин, омили зуҳури коррупсия имкони ба даст овардани фоидаи моддӣ ва дигар фоидаҳои вобаста ба истифодаи қудрат ва хатар – эҳтимолияти фош шудан ва ҷазо гирифтан мебошад. Истилоҳи дуюм, «сиёсати давлат» ё ба тариқи дигар «сиёсати давлатӣ» маҷмуи ҳадафҳо, вазифаҳо ва барномаҳои давлатӣ мебошад, ки аз ҷониби мақомоти давлатӣ бо ҷалби институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, ки барои ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ, ноил шудан ва амалисозии ҳадафҳои умумии рушди тамоми ҷомеа ё соҳаҳои алоҳидаи он тавассути методҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, маъмурӣ ва дигар усулҳои таъсиррасонӣ дар такя ба захираҳои мавҷуда равона шудаанд, таҳия ва татбиқ карда мешаванд» [157, с. 90]. Сиёсати давлатии мубориза бо коррупсияро метавон ҳамчун фаъолият оид ба таҳия ва татбиқи системаи чораҳо оид ба рафъи сабабҳо ва шароитҳои ба рушди муносибатҳои коррупсионӣ мусоидаткунанда; ошкор намудани шахсони воқеӣ ва ташкилотҳое, ки дар соҳаи коррупсия ҳуқуқвайронкунӣ содир мекунанд, инчунин рафъ намудани чунин рафторҳо, ба вуҷуд овардани фазои таҳаммулнопазирӣ нисбат ба сӯистифода аз мансаб дар ҷомеа муайян кард.

Ба ақидаи О.А. Артюхин, «сиёсати зиддикоррупсионӣ фаъолияти низомии мақомоти давлатӣ бо дастгирии шаҳрвандон ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ мебошад, ки ба ташкили низоми мубориза бо коррупсия нигаронида шудааст. Сиёсати мубориза бо коррупсия набояд маҷмуа, балки низоми тадбирҳое бошад, ки бо ҳам алоқаманд ва якдигарро пурракунанда бошанд. Ҳангоми татбиқи сиёсати зиддикоррупсионӣ воситаҳои тарбиявӣ, иттилоотӣ ва идеологӣ бояд фаъолона истифода шаванд, то таъсири мамнуъ ва уҳдадориҳои қонуниро тақвият бахшанд» [64, с. 140]. Қобили зикр аст, ки айни замон қонунгузорӣ дар доираи сиёсати зиддикоррупсионӣ пурзӯр карда мешавад. На танҳо тарбияи ҳуқуқии ҷомеа, балки бо истифода аз соҳаи иттилоотӣ таблиғи зидди коррупсия, аз ҷумла, зиёд намудани назорат бо ёрии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар бисёр соҳаҳои ҳаёти ҷамъият бо мақсади пешгирии коррупсия амалӣ карда мешавад. Қайд кардан зарур аст, ки «ояндабинӣ дар сиёсат бояд характери амалӣ ва стратегӣ дошта бошад. Яъне сиёсат ҳадафҳои дуру наздикро тақозо менамояд, ки ба назар гирифтани чунин самтҳо дар сиёсат ба комёбии ҷамъият ва ба рушду нумуи давлат боис мегардад. Сиёсати зиддикоррупсионӣ бояд тавассути истифодаи меъёрҳои ҳуқуқии соҳаҳои мухталиф амалӣ карда шавад» [67, с. 39]. Ғайр аз ин, он бояд ба татбиқи василаҳои гуногуни маъмурию ҳуқуқии пешгирӣ ва рафъи коррупсия дар системаи хизмати давлатии ҶТ, инчунин рафъи сабабҳои коррупсия равона карда шавад. Тавре гуфта шуд, сиёсати зиддикоррупсионӣ як самти сиёсати ҳуқуқӣ буда, дар доираи соҳаҳои гуногуни ҳуқуқӣ амалӣ карда мешавад. Ин андеша аз он бармеояд, ки коррупсия падидаи зиддиҳуқуқӣ буда, субъекти содиркунандаи он мавриди ҷавобгарии ҳуқуқӣ қарор мегирад. Бинобар ин, омӯзиши падидаи мазкурро дар соҳаҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ ва маъмурӣ ба таври васеъ мушоҳида кардан мумкин аст. Новобаста аз ин, коррупсияро аз нуқтаи назари сиёсатшиносӣ, сотсиология, иқтисодиёт ва психология низ мавриди омӯзиш қарор медиҳанд. Аз ин рӯ, сиёсати давлатии ҳуқуқӣ

бояд нуқтаи назари илмҳои мазкурро низ ба инобат гирифта, дар таҳияи чораҳои зиддикоррупсионӣ васеъ истифода намояд.

Ба андешаи Ш.Қ. Ҳасанов, «сиёсати зиддикоррупсионии ҶТ ифодакунандаи иродаи ҳокимият дар ҶТ ба ҳисоб рафта, бо мақсади паст намудани сатҳи амалҳои коррупсионӣ ва таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои қонунии шаҳрвандон, ҷомеа ва давлат аз таҳдидҳои бо коррупсия алоқамандбуда, бо роҳҳои таъмини амалигардонии самтҳои муайян равона карда мешавад» [158, с. 110]. Дар мафҳуми додашуда, ба назари мо, чунин ҷиҳатҳои сиёсати зиддикоррупсионии давлат нишон дода шудаанд: 1) сиёсати зиддикоррупсионӣ мавқеи давлатро дар муносибат ба коррупсия ба ҷомеаи ҷаҳонӣ муаррифӣ месозад; 2) сиёсати зиддикоррупсионӣ баҳри паст намудани сатҳи амалҳои коррупсионӣ нигаронида шудааст; 3) сиёсати зиддикоррупсионӣ баҳри таъмини ҳуқуқу озодиҳо ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон, ҷомеа ва давлат аз таҳдидҳои коррупсия равона шудааст; 4) сиёсати зиддикоррупсионӣ як ҷузъи сиёсати ҳуқуқӣ буда, дар навбати худ, аз самтҳои муайян иборат мебошад.

С. Хурсандзода атрофи сиёсати зиддикоррупсионӣ чунин иброз доштааст, ки «сиёсати зиддикоррупсионии давлат ба мубориза бар зидди коррупсия нигаронида шудааст. Мубориза ба коррупсия, дар навбати худ, аз унсурҳои зидди коррупсия ва пешгирии коррупсия иборат буда, ҷузъи ҷудонашавандаи сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҶТ маҳсуб меёбад, ки таҳия ва татбиқи он аз иродаи волои сиёсии роҳбарияти давлат ибтидо гирифта, самараи мубориза бо он ба иштироки фаъолонаи тамоми шохаҳои давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар ҷараёни татбиқи он вобаста аст. Фаъолияти давлат дар соҳаи пешгирӣ ва мубориза бар зидди коррупсия (сиёсати зиддикоррупсионии давлат) дар шароити ҳозира ба самти мустақили сиёсати давлат табдил меёбад» [157, с. 92]. Сиёсати зиддикорупсионӣ таҳия ва мунтазам амалисозии чорабиниҳои давлатӣ

оид ба решакан кардани сабабҳо ва шароитҳоест, ки ба паҳншавии коррупсия мусоидат мекунанд.

Сиёсати зиддикоррупсионӣ аз маҷмуи донишҳое иборат мебошад, ки «дар он моҳияти воқеии коррупсия ифода гардида, самтҳои сиёсати зиддикоррупсионӣ ва асосҳои ҳуқуқии муқовимат ба онро муайян месозад. Аз маҷмуи донишҳои ҳуқуқӣ иборат будани сиёсати зиддикоррупсионӣ ҳамчун фанни таълимии тахассусӣ маънои онро дорад, ки мавзуъҳои мавриди омӯзиш қароргирандаи он қисми таркибии фанҳои ҳуқуқи маъмурӣ, ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминалогия, назарияи давлат ва ҳуқуқ, ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи байналмилалӣ ва дигар фанҳо ба ҳисоб меравад» [158, с. 110]. Сиёсати зиддикоррупсионӣ дар кишвар системаи дар қонунгузорӣ муқарраргардида ва дар амал татбиқшаванда мебошад, ки се унсури ба ҳам алоқаманд ва ҳамзамон нисбатан мустақилро дар бар мегирад: пешгирии (профилактика) коррупсия; ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахсоне, ки ҷиноятҳои коррупсионӣ содир кардаанд (мубориза); кам кардан ва (ё) рафъи оқибатҳои кирдорҳои коррупсионӣ.

Баъзе муҳаққиқон қайд мекунанд, ки «Консепсияи сиёсати ҳуқуқии зидди коррупсияро ҳамчун ҷузъи таркибии сиёсати давлатӣ оид ба мубориза бо коррупсия баррасӣ кардан лозим аст. Одатан, дар адабиёт сиёсати ҳуқуқии зиддикоррупсионӣ ҳамчун маҷмуи тадбирҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ дар доираи асосҳои конститутсия фаҳмида мешавад, ки ба рафъи сабабҳое, ки ба пайдоиши коррупсия дар соҳаҳои гуногун мусоидат мекунанд, равона шудааст» [119, с. 80]. Ба андешаи А.В. Мазалова, «Самтҳои асосии сиёсати ҳуқуқии зиддикоррупсионӣ бояд аз ҷониби давлат бо назардошти муносибати илмӣ таҳия карда шаванд. Муайян кардани бахшҳои дардноктарини коррупсия ва муайян кардани ангезаҳои коррупсия мавзуи олимони соҳаҳои гуногун мебошад» [103, с. 156]. Аҳаммияти муайян кардани ин соҳаҳо барои тамоми давлатҳо, аз

ҷумла, дар давлатҳое, ки миқёси коррупсия ва таҳдиди он ба ҷомеа ва давлат баланд нест, возеҳу равшан мебошад.

С.В. Козлов ба чунин назар аст, ки «Барои таҳияи чораҳои муассири ҳуқуқӣ оид ба мубориза бо коррупсия бояд муайян карда шавад, ки кадом унсурҳо ба сиёсати ҳуқуқии зиддикоррупсионӣ дохил мешаванд. Муҳим аст меъёрҳое ба ҷудо кардани ин унсурҳо мувофиқи меъёрҳои гуногун кумак расонанд. Сиёсати ҳуқуқии зиддикоррупсионӣ вобаста ба давомнокии чораҳои зиддикоррупсионӣ ба тадбирҳои якдафъаина чораҳои доимӣ ва дарозмуддат тақсим мешавад» [92, с. 96]. Ба андешаи Ш.Қ. Ҳасанов, «муқовимат ба коррупсия аз унсурҳои мубориза бар зидди коррупсия ва пешгирии коррупсия иборат буда, қисми таркибии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҶТ маҳсуб ёфта, таҳия ва амалишавии он аз иродаи сиёсии роҳбарияти олии давлат оғоз гардида, самаранокии муқовимат бо он аз иштироки фаъоли тамоми шохаҳои ҳокимияти давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ вобастагии зич дорад» [158, с. 110]. Ба андешаи мазкур розӣ шуда, иброз медорем, ки ҳар як қишри ҷомеа дар муқовимат ба коррупсия саҳми худро метавонад гузорад, вале саҳми ҷомеаи шаҳрвандӣ, махсусан аҳолӣ, нисбатан баланд мебошад, зеро амалҳои коррупсионӣ аксаран аз шаҳрвандон сарчашма мегиранд. Агар маърифати шаҳрвандию ҳуқуқии онҳо баланд бардошта шавад, тарбия ва ахлоқи шахсию ҷамъиятии онҳо такмил дода шавад, он гоҳ сатҳи коррупсия паст хоҳад шуд. Бинобар ин, дар муқовимат ба коррупсия субъектони табақаҳои поёниро низ ҷалб намудан зарур аст.

Тадбирҳои якдафъаина дар давлатҳо ва ҷомеаҳои гуногун фарқ мекунанд. Онҳо аз сатҳ ва мазмуни низоми сиёсии дар як давлати муайян мавҷудбуда, аз дараҷаи коррупсия дар кори қонунгузорӣ, самаранокии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва ҳифзи ҳуқуқ вобастаанд. Ба ақидаи С. Хурсандзода, «муқовимат ба коррупсия, мазмуни ин ҷараён, асосан, аз унсурҳои мубориза бар зидди коррупсия ва пешгирии коррупсия иборат буда, қисми таркибии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҶТ маҳсуб ёфта, таҳия

ва амалишавии он аз иродаи олии сиёсии роҳбарияти давлат оғоз гардида, самаранокии муқовимат ба он аз иштироки фаъоли тамоми шохаҳои ҳокимияти давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар раванди амалигардии он вобастагии зич дорад» [157, с. 93]. О.А. Артюхин оид ба ин масъала изҳор медорад, ки «Фаҳмидани он муҳим аст, ки тадбирҳои якдафъаина хусусияти инфиродӣ доранд ва аз хусусиятҳои давлати мушаххас вобастаанд. Бо вуҷуди ин, муҳим аст, ки омӯзиши то чӣ андоза ин тадбирҳо ба мундариҷаи чораҳои доимӣ, таҳияи чораҳои нав ва яквақта таъсир мерасонанд, барои афзун намудани таҷрибаи татбиқи сиёсати ҳуқуқии зиддикоррупсионӣ зарур аст» [65, с. 256]. Дар маҷмуъ, сиёсати зиддикоррупсионӣ фаъолияти аз ҷиҳати илмӣ асоснок, пайваста ва мунтазами ниҳодҳои давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ оид ба мубориза бо коррупсия мебошад.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ оид ба самтҳои сиёсати зиддикоррупсионӣ дигар андешаҳо низ ҷой доранд. Аз ҷумла, С. Хурсандзода қайд намудааст, ки «таҳияи сиёсати зиддикоррупсионӣ аз муайян кардани самтҳои он бармеояд ва амалҳои зеринро дар бар мегирад: таҳияи барномаҳои зиддикоррупсионӣ; банақшагирии чорабиниҳои зиддикоррупсионӣ; пешбинӣ ва таҳлили ҳолатҳои коррупсионӣ ва тамоюлҳои рушди он; таҳияи лоиҳаҳои санадҳои махсуси зиддикоррупсионӣ; мониторинг ва татбиқи сиёсати зиддикоррупсионӣ; ҳисоботи мақомоти давлатӣ бо мақсади муайян кардани самаранокии фаъолияти зиддикоррупсионии онҳо» [157, с. 94-95]. Самтҳои зикршудаи сиёсати зиддикоррупсиониро ҷамъбаст намуда, онҳоро ба шакли зер гурӯҳбандӣ кардан мумкин аст: такмили қонунгузорӣ; таҳкими принсипи тақсимоти ҳокимият; танзими сохтор ва вазифаҳои мақомоти ҳокимияти иҷроия; таҳкими ҳокимияти судӣ; такмили системаи ҳифзи ҳуқуқ; ҳамоҳангсозии фаъолиятҳои зиддикоррупсионӣ.

Барои баланд бардоштани самаранокии сиёсати зиддикоррупсионӣ танҳо таъсиси заминаи меъёрӣ кофӣ нест. Соҳаҳои ахлоқӣ, равонӣ,

иқтисодӣ ва маънавии ҷомеаро ба низом даровардан лозим аст, зеро танҳо бо кумаки чораҳои ҳуқуқӣ ва дигар тадбирҳо метавон ба ҳадди ақали кам кардани коррупсия умед баст. М.С. Левченко қайд менамояд, ки «зарурати гузаронидани корҳои пешгирисозӣ дар соҳаи ҳаёти хоҷагӣ, ташкилӣ ва иҷтимоию мадании ҷамъият аз он иборат аст, ки ба андозаи зиёд маҳз дар ҳамин соҳаҳо коррупсия ба амал меояд. Ҳамин тариқ, барои рафъи сабабҳои ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ бояд фазои ягонаи идеологӣ таъсис дода шавад» [36, с. 170]. Баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқӣ, фароҳам овардани заминаи зарурӣ барои ташаккули масъулияти маънавии шаҳрвандон, истифодаи воситаҳои иқтисодӣ ва имкониятҳои идеологӣ яке аз усулҳои муҳимтарини расидан ба мақсад – рафъи ҳолатҳои имконпазири пайдоиши омилҳои коррупсионӣ, мебошад. Бояд қайд намуд, ки тадбирҳои зикршуда хусусияти пешгирикунанда доранд. Дар хотима бояд гуфт, ки самтҳо ва мундариҷаи сиёсати ҳуқуқии зиддикоррупсионӣ бояд дар ҳолати зарурӣ бо назардошти мониторинги доимии коррупсия дар заминаҳои гуногун: соҳавӣ, функсионалӣ ва минтақавӣ ислоҳ карда шаванд. Илова бар ин, бояд дар назар дошт, ки дар бораи моҳият ва мазмуни коррупсия донишҳои нав пайдо мешаванд.

Ҳамин тавр, сиёсати ҳуқуқии зиддикоррупсионӣ маҷмуи донишҳои ҳуқуқи соҳавӣ, фаъолияти ҳамоҳангшудаи мақомоти давлатию сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва маҷмуи чораҳои ҳуқуқие мебошад, ки дорои самтҳои алоҳида буда, баҳри баланд бардоштани фарҳанги зиддикоррупсионии шаҳрвандон, такмили қонунгузори кишвар, дар умум, мубориза ба коррупсия ва коҳиш додани сатҳи ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ равона гардидааст. Сиёсати зиддикоррупсионӣ фаъолияти мақсаднок буда, аз нуқтаи назари муайян системаи тадбирҳое мебошад, ки ба ноил шудан ба ҳадафи мушаххас тобеъанд. Мақсад муҳимтарин хусусияти сиёсати зиддикоррупсионӣ мебошад.

Дар кишвар ҷиҳати таҳияи сиёсати зиддикоррупсионӣ санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор таҳия ва қабул карда шудаанд. Дар низоми чораҳои зиддикоррупсионӣ мавқеи қонунгузорӣ назаррас мебошад. Дар ин хусус Ш.М. Шарифзода изҳор медорад, ки «яке аз ҷузъи муҳимми низоми пешгирии коррупсия, пеш аз ҳама, қонунгузории зиддикоррупсионӣ мебошад, ки аз ҳолати рушди он самаранокии ин фаъолият вобастагии зиёд дорад. Маврид ба тазаккур аст, ки дар кишвар заминаи меъёрӣ-ҳуқуқии муқовимат ба коррупсияро як қатор санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ташкил медиҳанд, ҳамаи ин санадҳо ба пешгирӣ ва муқовимат ба амалҳои коррупсионӣ нигаронида шудаанд» [139, с. 189]. Ба андешаи Б.К. Иброҳимов, дар Тоҷикистон қонунгузории миллӣ, ки мубориза бо коррупсияро танзим мекунад, ба ду гурӯҳ тақсим мешавад [87]. Ба гурӯҳи якум муқаррароти мустақим, ки ба мубориза бо коррупсияи мустақим нигаронида шудаанд, дохил мешаванд. Аз ҷумла, қонуну стратегияҳои давлатӣ, ки бевосита масъалаи коррупсияро муқаррар ва танзим мекунанд. Ба гурӯҳи дуюм санадҳои меъёрии ҳуқуқии амали ғайримустақим дохиланд, ки масъалаҳои муборизаи зидди коррупсияро дар бар мегиранд, вале дар навбати аввал муносибатҳои ҷамъиятиеро, ки ба коррупсия алоқаманд нестанд, танзим мекунанд.

Низоми қонунгузории миллиро оид ба муқовимат ба коррупсия, ки ҷузъи таркибии сиёсати зиддикоррупсиониро ташкил медиҳад, аз рӯйи танзими мустақим ва ғайримустақим чунин зикр намудан мумкин аст:

1) Қонуни ҶТ «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» (дар таҳрири Қонуни аз 14.03.2014, №1073);

2) Стратегияи мубориза бар зидди коррупсия дар ҶТ барои солҳои 2013-2020 (тағйирот ба Фармони Президенти ҶТ аз 13 июни соли 2016, № 703);

3) Нақшаи амалиёти Истамбули Шабакаи зиддикоррупсионӣ барои Аврупои Шарқӣ ва Осиёи Марказӣ;

4) Қарорҳои Шурои миллии мубориза бо коррупсияи ҶТ;

5) Қонуни ҶТ «Дар бораи экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» аз 28 декабри соли 2012, № 925;

6) Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии ҶТ (таҳрири қонуни 14 ноябри соли 2016, № 1361);

7) Кодекси ҷиноятии ҶТ (дар таҳрири аз 14 ноябри соли 2016, № 1359);

8) Фармони Президенти ҶТ аз 10 январи соли 2007, №143 дар бораи таъсиси Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи ҶТ;

9) Қонуни ҶТ «Дар бораи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи ҶТ» аз 20 марти соли 2008, № 374;

10) Фармони Президенти ҶТ аз 14 декабри соли 2010, № 968 дар бораи таъсиси Шурои миллии мубориза бо коррупсияи ҶТ;

11) Қонунҳои конститутсионӣ, аз ҷумла, дар бораи судҳо ва прокуратура.

12) Қонуни ҶТ аз 5 марти соли 2007, № 233 «Дар бораи хизмати давлатӣ» (бо тағйироту иловаҳо аз 08.03.2018);

13) Қонуни ҶТ «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» (таҳрири аз 11 марти соли 2010, № 597, 28 июни соли 2011, № 730);

14) Қонуни ҶТ «Дар бораи хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ» (Таҳрири аз 16 апрели соли 2012, № 815);

15) Қонуни ҶТ «Дар бораи Палатаи ҳисоби ҶТ» аз 28 июни соли 2011, № 749.

Бояд зикр намуд, ки бо ин ҳама санадҳои меъёрии ҳуқуқии марбут ба коррупсия ба итмом намерасанд. Дар миёни онҳо нақши Конститутсияи ҶТ низ назаррас мебошад. Дар Конститутсия баъзе муқаррароте ба мушоҳида мерасанд, ки ба меъёрҳои сарчашмаҳои таърихӣ шабоҳат дошта, мазмунан пешгирии амалҳои коррупсиониро

ифода мекунанд. Аз ҷумла, меъёри қ. 3, м. 50, қ. 4, м. 73, м. 90, м. 97 машғул шудани шахсони мансабдорро ба фаъолиятҳои дигар, ба монанди соҳибкорӣ, аъзои ҳизб ва ғайра манъ менамояд [1]. Ғайр аз ин, дар Конститутсия савганд ёд кардани шахсони мансабдор муқаррар карда шудааст, ки яке аз чораҳои пешгирии амалҳои коррупсионӣ маҳсуб меёбад.

Ҳамчунин, дигар санадҳои ҳуқуқии зерқонунӣ, стратегия, консепсия ва барномаҳои давлатӣ мавҷуданд, ки масъалаи муқовимат ба коррупсияро фаро мегиранд. Ш.М. Шарифзода қайд намудааст, ки «воситаи асосии давлат дар мубориза бо коррупсия заминаи дурусти меъёрӣ-ҳуқуқӣ дар самти мубориза бо коррупсия мебошад. Дар раванди ташаккули чунин заминаи ҳуқуқӣ бояд меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ пурра ба назар гирифта шаванд» [139, с. 198]. Дар ин хусус мо иброз медорем, ки воситаҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ягона воситаи асосӣ дар муқовимат ба коррупсия ба ҳисоб намераванд. Бахусус, дар замони муосир дар тамоми кишварҳо чораҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ба монанди таҳия ва қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқии зиёд, афзудани ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва амсоли инҳо наметавонанд чораҳои таъсирбахш дар муқовимат ба коррупсия бошанд, зеро бо назардошти санадҳои ҳуқуқии амалкунанда нишондодҳои оморӣ оид ба содиршавиии амалҳои коррупсионӣ ташвишовар мебошанд. Аз ҷумла, «тибқи нишондодҳои оморӣ дар солҳои 2013-2019 танҳо аз тарафи мақомоти Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи ҶТ 12488 ҷиноят ба қайд гирифта шудааст, ки 9083 адади онро ҷиноятҳои коррупсионӣ, иқтисодии хусусияти коррупсионидошта ва ҷиноятҳои ба андоз алоқаманд ташкил медиҳанд» [4, с. 6]. Мувофиқи сарчашмаҳо «агар дар соли 2013 ҷиноятҳои коррупсионӣ ва иқтисодии хусусияти коррупсионидошта 1101 ададро ташкил диҳад, пас ин нишондиҳанда дар соли 2014 ба 1179 ҷиноят, соли 2015 – 1306 ҷиноят, соли 2016 – 1326 ҷиноят, соли 2017 – 1445 ҷиноят, соли 2018 – 1364 ҷиноят ва соли 2019 ба 1362 ҷиноят расидааст, ки ин

нишондодҳо нигаронкунанда мебошанд. Дар 3 соли охир вазъи содиршавии ҷиноятҳои коррупсионӣ ва иқтисодии ба коррупсия алоқаманд дар баъзе вазорату идораҳо сол то сол рӯ ба афзоиш дорад. Аз ҷумла: дар соли 2021 – 1756; 2022 – 1863; 2023 – 1826 ҳолати коррупсионӣ ба қайд гирфита шудааст» [160, с. 13]. Нишондодҳои мазкур аз каму зиёдшавии ҳолатҳои коррупсионӣ дар кишвар дарак дода, нигаронкунанда мебошанд. Бинобар ин, танҳо ба чораҳои ҳуқуқӣ маҳдуд нашуда, дигар чораҳои зиддикоррупсиониро роҳандозӣ намудан лозим аст. Дар ин замина, чораҳои ғайримеъёриро зиёд намудан лозим аст. Ба монанди чораҳои тарбиявӣ, баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ, шуури ҳуқуқӣ, фарҳанги ҳуқуқии аҳолӣ ва ғ.

Яке аз ҳуҷҷатҳои аввалин Фармони Президенти ҶТ «Дар бораи тадбирҳои пурзӯр намудани мубориза бар зидди ҷинояткорӣ дар соҳаи иқтисод ва коррупсия (ришвахӯрӣ)» аз 21 июли соли 1999, №1262 мебошад, ин «бо мақсади баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва дигар сохторҳои давлатӣ оид ба мубориза бар зидди ҷинояткорӣ дар соҳаи иқтисод ва коррупсия (ришвахӯрӣ), пурзӯр намудани масъулияти онҳо дар таъмини амнияти иқтисодии кишвар таҳия гардида буд. Баъдан аз 30 апрели соли 2010, №864 Фармони дигари Президенти ҶТ «Дар бораи тадбирҳои иловагии тақвияти муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба табъ расид, ки барои шиддат бахшидани раванди решакан кардани коррупсия ва таъмини самаранокии фаъолияти мақомоти муқовиматкунандаи коррупсия равона гардида буд. Мутобиқи ин санад, тадбирҳои иловагии тақвияти муқовимат ба коррупсия дар ҶТ, пеш аз ҳама, ба ошкор ва бартараф намудани шароитҳои пайдоиши коррупсия, пешгирии кӯшишҳои фароҳамоварии шароитҳое, ки метавонанд боиси ҳолатҳои коррупсионӣ гарданд, равона карда мешавад» [138, с. 223].

Бо мақсади ташкили мубориза бар зидди коррупсия ва андешидани чораҳои зарурӣ дар сатҳи миллӣ маҷмӯи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул

гардида, доктринаи миллии ҳуқуқӣ дар ин соҳа ташаккул дода шуд. Масалан, Фармони Президенти ҶТ аз 21 июли соли 1999, №1262 «Дар бораи тадбирҳои иловагии пурзур намудани мубориза бар зидди ҷинояткорӣ дар соҳаи иқтисод ва коррупсия (ришвахӯрӣ)», Қонуни ҶТ «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» аз 10 декабри соли 1999 қабул гардид ва баъдан 25 июли соли 2005 қонуни мазкур бо назардошти уҳдадориҳои байналмилаӣ дар таҳрири нав қабул карда шуд. Бояд гуфт, ки санадҳои мазкур дар таҳия ва қабули қонунҳои минбаъда заминаи муҳим гузоштаанд.

Бо мақсади пешгирӣ ва бартараф намудани коррупсия дар ҶТ дар радифи санадҳои меъёрии ҳуқуқии болозикр қонунҳо дар давраҳои муайян таҳия ва қабул гардидаанд. Дар даврони Истиқлоли давлатӣ чунин қонунҳо марбут ба муқовимат бо коррупсия қабул гардидаанд: Қонуни ҶТ «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» аз 10 декабри соли 1999, №875; Қонуни ҶТ «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» аз 25 июли соли 2005, №100; Қонуни ҶТ «Дар бораи муқовимат ба коррупсия» аз 7 августи соли 2020, №1714.

Қонуни охирин мазкур аз 7 бобу 36 модда иборат буда, дар низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ нақши назаррас дошта, ҷанбаҳои муҳими сиёсати зиддикоррупсиониро муайян ва муқаррар намудааст. Дар ин санад мафҳумҳои муҳимми ҳуқуқӣ дода шудаанд, аммо мафҳуми сиёсати зиддикоррупсионӣ муқаррар нагардидаанд. Бинобар ин, мо пешниҳод менамоем, ки мафҳуми мазкур дар қонун дар баробари дигар мафҳумҳои асосӣ илова карда шавад.

Ҳамин тавр, имрӯз қариб дар тамоми самтҳои асосии стратегияи зиддикоррупсионии ҶТ барои мубориза бо коррупсия дар сатҳи олии ҳуқуқӣ заминаҳои ҳуқуқӣ фароҳам оварда шудаанд. Қайд мекунем, ки фаъолияти ҳукумати Тоҷикистон аз оғози марҳилаи фаъоли мубориза бо коррупсия хусусияти хоси сиёсӣ дошт. Ин далели мавҷудияти стратегияи махсуси миллии мубориза бо коррупсия дар низоми ҳуқуқии Тоҷикистон

мебошад. Бо мақсади ташкили мубориза бо коррупсия дар сатҳи ҷумҳурӣ маҷмуи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул гардида, доктринаи ҳуқуқии миллӣ ташаккул ёфтааст. Барои татбиқи сиёсати зиддикоррупсионӣ дар ҶТ ҳукумати кишвар ду стратегияро барои солҳои 2008-2012 ва 2013-2020 қабул кард.

Стратегияҳои мазкур баҳри амалисозии қонунгузорӣ дар соҳаи муқовимат ба коррупсия равона шуда, дорои аҳаммияти баланди амалӣ мебошанд. Дар ин хусус С. Хурсандзода қайд мекунад, ки «мазмун ва мақсади асосии стратегияи Тоҷикистони муосир инкишоф додани тамоми соҳаҳои ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ мебошад. Дар маҷмуъ, омӯзиш ва таҳлили таҷрибаи сиёсии ҶТ нишон медиҳад, ки дар кишвар ба масоили ташаккул ва устуворгардии самти стратегӣ диққати ҷиддӣ дода мешавад. Назорат аз ҷараёни амалисозии барномаи умумидавлатӣ ба зиммаи мақомоти умумидавлатии зиддикоррупсионӣ вогузошта мешавад. Ҳамчунин, ҷорӣ намудани амалияи ҳисоботдиҳии мақомоти давлатӣ бо мақсади арзёбии самаранокии фаъолияти зиддикоррупсионии онҳо мувофиқи мақсад аст» [157, с. 99].

Дар ҶТ аз 26 январи соли 2008, №34 «Стратегияи мубориза бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008-2012» эътибор пайдо кард, ки дар доираи Стратегияи ҳалли масъалаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ тасдиқ шудааст. Стратегияи мазкур дар сатҳи зарурӣ ҷиҳати муқовимат ба коррупсия нақши назарраси худро гузошт, вале бо ин ҳама сатҳи коррупсия дар кишвар паст нагардид. Қабули Фармони Президенти ҶТ аз 30-юми апрели соли 2010, № 864 «Дар бораи тадбирҳои иловагии тақвияти муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва Қарори Ҳукумати ҶТ аз 2-юми сентябри соли 2010, №431 «Дар бораи тасдиқи Нақшаи чорабиниҳо оид ба таъмини иҷрои Тадбирҳои иловагии тақвияти муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2012» ҳамчун ҳуҷҷатҳои кӯтоҳмуддати давлатӣ дар радифи Стратегия ва идомаи мантиқии

муқаррароти асосии он ба мукаммалгардонии сиёсати зиддикоррупсионӣ такони ҷиддӣ бахшиданд.

Бо итмоми муҳлати стратегияи мазкур дар кишвар стратегияи нав таҳия гардид. Мутобиқи банди 63 Консепсияи пешгӯии рушди қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Фармони Президенти ҶТ аз 19 феврали соли 2011, №1021 тасдиқ шудааст, бо назардошти анҷоми татбиқи Стратегияи мазкур ва зарурати воқеии идомаи фаъолият дар ин самт, инчунин таҳкими амалҳои пайваста дар ин самт «Стратегияи мубориза бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020» таҳия шуд. Ҳамин тавр, бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19-уми феврали соли 2011, №1021 Стратегияи муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020 қабул гардид, ки ҳамчун санади барномавии дурнамои миёнамуҳлати сиёсати ҶТ дар самти муқовимат ба коррупсия, баҳри паст кардани шиддат ва сатҳи коррупсия дар кишвар равона гардида буд.

Дар хусуси стратегияи мазкур М.Р. Аҳмадзода қайд менамояд, ки «Стратегияи мубориза бо коррупсия дар ҶТ барои солҳои 2013-2020 ҳамчун санадиояндадор оид ба сиёсати миёнамуҳлати ҶТ дар соҳаи мубориза бо коррупсия, ки ба паст кардани шиддат ва сатҳи коррупсия дар кишвар нигаронида шудааст, пешбинӣ мегардад. Мақсад ва ҳадафи ин «Стратегия» ба паст кардани сатҳи коррупсия дар ҶТ, мунтазам бартараф намудани монеаҳо, фароҳам овардани шароит барои рушди иқтисодӣ, рушди арзишҳои демократӣ ва баланд бардоштани некуаҳволии мардум нигаронида шудааст» [67, с. 39].

Бо мақсади «ташкил ва амалӣ намудани тадбирҳои комплексии пешгирӣ ва мубориза бо коррупсия дар ҶТ, рафъи сабабу шароитҳои ба коррупсия мусоидаткунанда ва ба таври васеъ ҷалб намудани ҷомеаи шаҳрвандӣ ба мубориза бар зидди коррупсия аз ҷониби Президенти ҶТ 14 декабри соли 2010 Шурои миллии мубориза бо коррупсия ҳамчун мақоми умумимиллии машваратӣ оид ба ҳамоҳангсозии фаъолияти

мақомоти давлатӣ ва ҷалби ҷомеаи шаҳрвандӣ ба татбиқи чораҳои пешгирӣ ва мубориза бо коррупсия таъсис дода шуд» [657, с. 38]. Бо мақсади иҷрои уҳдадориҳои байналмилалӣ бо Фармони Президенти ҶТ Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи ҶТ таъсис ёфт. 20-уми марти соли 2008 Қонуни ҶТ «Дар бораи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи ҶТ» ва бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 7-уми сентябри соли 2007, №414 «Дастурамали баҳисобгирии омории ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта ва феҳристи чунин ҷиноятҳо» қабул гардид. Дар ин хусус С. Хурсандзода иброз доштааст, ки «тимсоли кишварҳои ғарбӣ зарурати таъсиси мақомоти махсуси зиддикоррупсиониро ба миён овард. Ҳамин тавр, дар соли 2007 дар ҶТ як мақоми махсуси мубориза бо коррупсия – Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, таъсис дода шуд. Танҳо ин тадбир қодир нест, ки коррупсияро пурра решакан кунад, вале имкон дорад, ки сатҳи коррупсия то он дараҷае коҳиш дода шавад, ки ба пешрафти иҷтимоӣ ва иқтисодӣ таҳдид накунад» [157, с. 107]. Ҳамин тавр, дар кишвар ҷиҳати муқовимат ба коррупсия чораҳои зиёди ҳуқуқӣ андешида шудаанд, ки ҳамаи онҳо баҳри пурзӯр намудани муқовимат ва паст гардонидани сатҳи ҷиноятҳои коррупсионӣ равона шудаанд.

Дар сатҳи байналмилалӣ яке аз ҳуҷҷатҳои асосӣ ва муҳимми ҳуқуқӣ, ки аз ҷониби ҶТ аз 25 сентябри соли 2006 ба имзо расидааст, Конвенсияи СММ ба зидди коррупсия мебошад. Ғайр аз қонунҳои зикргардида, мутобиқи стратегия барои Тоҷикистон стандартҳои байналмилалии зиддикоррупсионӣ, пеш аз ҳама, талаботи Конвенсияи СММ зидди коррупсия, тавсияҳои Нақшаи амалиёти Истамбулии Шабакаи зиддикоррупсионии кишварҳои Аврупои Шарқӣ ва Осиёи Марказӣ (иқдоми минтақавии СҲИР), созишномаҳо ва иқдомҳои минтақавии ИДМ, Ташкилоти Гурӯҳи татбиқи чораҳои молиявии муқовимат ба шустани пул, Созмони ҳамкории иқтисодӣ пешбинишуда

дар мадди аввал бояд баррасӣ гарданд [139, с. 190]. Бояд тазаккур дод, ки дар асноди мубориза бо коррупсия (чӣ универсал ва чӣ минтақавӣ), ҳиссаи мушкилоти марбут ба ҳуқуқи анъанавии ҷиноятӣ хеле зиёд аст. Масъалаҳо, аз қабили коррупсия, ҳамкориҳои байналмилалӣ ва коррупсия, аз қабили саҳми асосии Конвенсияи СММ оид ба мубориза бо коррупсия дар соли 2003, бахусус, аввалин созишномаи умумибашарӣ дахолати бештари ҳукумат ва сиёсати дохилиро тақозо мекунанд. Чунин равиш боиси иддаои зиёд дар хусуси иштироки созмонҳои байналмилалӣ дар дахолати воқеӣ ё омехта ба корҳои дохилии кишварҳои узв мегардад. Бо вуҷуди ин, Конвенсияи СММ дар бораи мақоми қонунҳои байналмиллалии зидди коррупсия дар соли 2003 ҳамчун санади шартномавӣ ҷузъи аз ҷиҳати ҳуқуқӣ ҳатмӣ будани ҳаракати байналмиллалии мубориза бо коррупсия мебошад, зеро он на танҳо санади ягонаест, ки аксарияти ҷаҳони муосир ба имзо расонидаанд, балки аз рӯйи тамоми соҳаҳои асосии ҳуқуқ ҳамчун қисми муҳимми масъалаҳои рӯзмарра ба ҳисоб меравад.

Бояд гуфт, ки рӯз то рӯз дар кишвар низоми чораҳои муқовимат ба коррупсия пурзур гардида истодааст. Баъд аз ба анҷом расидани мухлати Стратегияи солҳои 2013-2020 бо фармони Президенти ҶТ аз 3 августи соли 2021, №222 Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар ҶТ барои давраи то соли 2030 таҳия ва қабул карда шуд [4]. Стратегияи мазкур нисбат ба стратегияҳои қаблӣ мукаммал буда, масъалаҳои ҳуқуқии назариявию амалӣ, ҳолати кунунии сатҳи содиршавии ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ ва дурнамои рушди қонунгузорӣ ва чораҳои муқовимат ба онро фаро мегирад. Бо фармони Президенти ҶТ аз 3 августи соли 2021, №222 ҷиҳати амалисозии бандҳои стратегияи мазкур Нақшаи чорабиниҳои амалисозии Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар ҶТ барои давраи то соли 2030 барои марҳилаи якум (солҳои 2021-2025) таҳия ва тасдиқ карда шудааст, ки айни ҳол мавриди иҷроиш қарор дорад. Ҳамин тавр, дар кишвар чораҳои

мухталифи ҳуқуқӣ ҷиҳати пурзӯр намудани муқовимат ба коррупсия андешида шудаанд, ки дар ин замин, сиёсати мукаммали ҳуқуқии зиддикоррупсионӣ роҳандозӣ гардидааст.

Дар натиҷаи таҳлилу баррасии масъалаи сиёсати ҳуқуқии зиддикоррупсионӣ дар Ҷумҳури Тоҷикистон ба хулосаҳои зерин омадан мумкин аст:

1. Асоси фаъолияти ҳар як давлатро сиёсати давлатӣ ташкил медиҳад. Маҳз дар натиҷаи сиёсати давлатӣ соҳаҳои мухталифи давлатию ҷамъиятӣ муайян ва амалӣ карда мешаванд. Маҳз дар натиҷаи сиёсати зиддикоррупсионии пешгирифтаи давлат метавон бо ин падидаи манфии зиддиҳуқуқӣ мубориза бурд. Бо ин назардошт, таҳлилу баррасии масъалаи мазкур дорои аҳаммияти баланди илмию амалӣ мебошад.

2. Сиёсати зиддикоррупсионӣ фаъолияти аз ҷиҳати илмӣ асоснок, пайваста ва мунтазами ниҳодҳои давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ оид ба мубориза бо коррупсия мебошад. Сиёсати зиддикоррупсионӣ як самти сиёсати ҳуқуқӣ буда, дар доираи соҳаҳои гуногуни ҳуқуқӣ амалӣ карда мешавад. Ин андеша аз он бармеояд, ки коррупсия падидаи зиддиҳуқуқӣ буда, субъекти содиркунандаи он мавриди ҷавобгарии ҳуқуқӣ қарор мегирад. Бинобар ин, омӯзиши падидаи мазкурро дар соҳаҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ ва маъмурӣ ба таври васеъ мушоҳида кардан мумкин аст. Новобаста аз ин, коррупсияро аз нуқтаи назари сиёсатшиносӣ, сотсиология, иқтисодиёт ва психология низ мавриди омӯзиш қарор медиҳанд. Бинобар ин, сиёсати давлатии ҳуқуқӣ бояд нуқтаи назари илмҳои мазкурро низ ба инобат гирифта, дар таҳияи чораҳои зиддикоррупсионӣ васеъ истифода намояд.

5. Сиёсати ҳуқуқии зиддикоррупсионӣ маҷмуи донишҳои ҳуқуқи соҳавӣ, фаъолияти ҳамоҳангшудаи мақомоти давлатию сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва маҷмуи чораҳои ҳуқуқие мебошад, ки дорои самтҳои алоҳида буда, баҳри баланд бардоштани фарҳанги зиддикоррупсионии шаҳрвандон, такмили

қонунгузори кишвар, дар умум, мубориза ба коррупсия ва коҳиш додани сатҳи ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ равона гардидааст. Сиёсати зиддикоррупсионӣ фаъолияти мақсаднок буда, аз нуқтаи назари муайян системаи тадбирҳое мебошад, ки ба ноил шудан ба ҳадафи мушаххас тобеъанд. Мақсад муҳимтарин хусусияти сиёсати зиддикоррупсионӣ мебошад.

6. Имрӯз қариб дар тамоми самтҳои асосии стратегияи зиддикоррупсионии ҶТ барои мубориза бо коррупсия дар сатҳи олии ҳуқуқӣ заминаҳои ҳуқуқӣ фароҳам оварда шудаанд. Боиси таъкид аст, ки фаъолияти ҳукумати Тоҷикистон аз оғози марҳилаи фаъоли мубориза бо коррупсия хусусияти хоси сиёсӣ дошт. Ин далели мавҷудияти стратегияи махсуси миллии мубориза бо коррупсия дар низоми ҳуқуқии Тоҷикистон мебошад. Бо мақсади ташкили мубориза бо коррупсия дар сатҳи ҷумҳурӣ маҷмуи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул гардида, доктринаи ҳуқуқии миллӣ ташаккул ёфтааст. Барои татбиқи сиёсати зиддикоррупсионӣ дар ҶТ ҳукумати кишвар ду стратегияро барои солҳои 2008-2012 ва 2013-2020 қабул кард.

7. Дар Қонуни ҶТ «Дар бораи муқовимат ба коррупсия» аз 7 августи соли 2020, №1714 мафҳумҳои муҳимми ҳуқуқӣ дода шудаанд, аммо мафҳуми сиёсати зиддикоррупсионӣ муқаррар нагардидааст. Бинобар ин, мо пешниҳод менамоем, ки мафҳуми мазкур баробари дигар мафҳумҳои асосӣ дар қонун илова карда шавад.

## 2.4. Шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқӣ ҳамчун унсурҳои марказии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дар муқовимат ба коррупсия механизм, роҳу воситаҳо ва институтҳои гуногун мусоидат мекунанд. Аз ҷумла, нақши шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқӣ дар муқовимат ба амалҳои коррупсионӣ хеле калон арзёбӣ мегардад. Бинобар ин, таҳқиқу баррасии масъалаи мазкур мубрам ба ҳисоб меравад. Аҳаммияти тадқиқоти мазкур дар зарурати таҳия ва

татбиқи механизмҳо ва воситаҳои муассир мебошад, ки ба ташаккули фарҳанги зиддикоррупсионӣ дар ташкилотҳо мусоидат мекунанд. Дар шароити муосир мубориза устувори зидди коррупсия бидуни ҷалби тамоми қишрҳои ҷамъиятӣ, бахусус, дар сатҳи созмонҳое, ки хавфи коррупсионӣ бештар ба назар мерасад, ғайриимкон аст. Дар ин росто, дарки моҳияти фарҳанги зиддикоррупсионӣ, вазифаҳо ва воситаҳои ташаккули он аҳаммияти хоса дорад.

Бояд тазаккур дод, ки коррупсия аз нигоҳи психологӣ низ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст. Коррупсия пеш аз ҳама баҳри қонеъ намудани талаботҳои шахсӣ равона гардидааст. Бисёре аз ҷанбаҳои он, аз қабили, омилҳои пайдоиш, оқибатҳо ва роҳҳои пешгирӣ намудани ин зуҳуроти номатлуб ба қонуниятҳои психологӣ робитаи зич дорад. Пеш аз ҳама, саволе посухи худро мехоҳад, ки «дар тамоми ҷомеаи ҷаҳонӣ, кишварҳои алоҳида, дар сатҳи байналмилалию минтақавӣ санадҳои мухталифи ҳуқуқӣ оид ба коррупсия қабул шудааст. Пас, барои чӣ то кунун сатҳи коррупсия паст намешавад ва ё барои чӣ коррупсия аз шумули мавзуҳои доғи рӯз хориҷ намегардад?». Масъалаи мазкур аз асосҳои психологии самаранокии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ вобаста мебошад.

Коррупсия яке аз падидаҳои номатлуби ҷомеа ба ҳисоб рафта, атрофи он дар сарчашмаҳои илмӣ андешаҳои гуногун вуҷуд дорад. Пеш аз ҳама, ҳаминро бояд дар хотир дошт, ки «амалҳои коррупсионӣ шояд аз ҷониби шахсони зиёд содир карда нашаванд, вале паёмадҳо ва оқибатҳои манфии ӯ ба аксарияти аҳолӣ ва самтҳои гуногуни давлату ҷомеа таъсири худро мерасонад» [162]. Аз ин ҷост, ки Пешвои муазами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронии худ изҳор намудаанд, ки «Коррупсия яке аз хатарҳои асосии ҷомеа буда, ба пешрафти соҳаҳои мухталифи ҳаёти давлату ҷамъият халали ҷиддӣ ворид месозад» [161]. Бинобар ин, масъалаи омӯзиши падидаи мазкур дорои аҳаммияти баланди илмию амалӣ мебошад.

Мушкилоти мубориза бо коррупсия дар тӯли чанд даҳсолаҳо аҳаммияти худро гум накардааст. Ба ин мавзуъ «на танҳо олимону мутахассисони соҳаи ҳуқуқ, балки олимони соҳаҳои сотсиология, психология, фалсафа ва ғ. таваҷҷуҳ зоҳир намудаанд, ки ба назари мо, кофӣ нест. Масъалаҳои мубориза бо коррупсия тавассути ташаккули шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқии аҳолӣ самаранок мебошад» [129, с. 38]. Дар ин хусус муҳаққиқи дигар қайд мекунад, ки «яке аз механизмҳои самараноки мубориза бо коррупсия ташаккули фарҳанги зиддикоррупсионӣ мебошад, ки маҷмуи арзишҳо, меъёрҳо ва стандартҳои рафторест, ки ба пешгирии коррупсия ҳам дар сатҳи фардӣ ва ҳам дар сатҳи институтсионалӣ нигаронида шудааст» [83, с. 207] Маълум аст, ки бе баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқӣ, тарбияи ҳар як шаҳрванд дар рӯҳияи эҳтироми қонун ва бе ташаккули маҳорати фаъолона истифода бурдани меъёрҳои қонун дар ҳаёти ҳаррӯза проблемаҳои иқтисодию сиёсӣ ва иҷтимоиро самаранок ҳал кардан мумкин нест.

Фарҳанги ҳуқуқӣ барои решакан намудани падидаи номатлуби коррупсия танҳо бо истифода аз ҷазоро тавсия намедиҳад. Балки пешниҳод менамояд, ки таълиму тарбияи фард дар рӯҳияи масъулият, адолат ва садоқат метавонад заминаи мубориза бо коррупсияро муҳайё созад. Агар инсон худро ҳамчун як узви комили ҷомеа эҳсос намояд ва бидонад, ки ҳар амали ӯ ба дигар аъзои ҷомеа таъсир мерасонад, пас эҳтимоли даст задан ба амалҳои ғайриахлоқӣ, махсусан, коррупсия камтар мешавад. Дар фарҳангҳои суннатӣ хизмат ва фидокорӣ ба дигарон арзиши олӣ ҳисобида мешавад. Агар чунин арзишҳо эҳё шаванд, коррупсия ҳамчун амали беарзиш ва пастсифат эътироф мегардад. Дар ҷомеае, ки дар он шахсони масъул омодаанд ба амали худ ҷавоб диҳанд, қонун болотар аз мансаб қарор дорад, чунин ҷомеа муқобили коррупсия мебошад. Ба ақидаи М.К. Жусупбекова, «баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқии аҳолӣ ва ташаккули шуури ҳуқуқӣ ҷузъҳои муҳимми бунёди

давлати соҳибистиқлол, демократӣ ва ҳуқуқбунёд дар ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ, ки ба ҳама гуна зуҳуроти коррупсия тоқатнопазир аст, маҳсуб меёбад» [85, с. 354]. Аз ин ва дигар андешаҳо бармеояд, ки фарҳанги ҳуқуқӣ ва шуури ҳуқуқӣ ду институти муҳим дар баланд бардоштани маърифати зиддикоррупсионӣ ба ҳисоб рафта, самаранокии муқовимат ба коррупсияро меафзоянд.

Бояд гуфт, ки бо қабули санадҳои дахлдори ҳуқуқӣ коррупсия то кунун танҳо дар қонун ва ё аниқтараш дар маълумотҳо ва сарчашмаҳо ҳамчун падидаи манфӣ эътироф шудааст. Аммо, дар тафакккури мардум ин падида ҳанӯз дар шакли «мусбӣ» боқӣ буда, решаҳои амиқ дорад. Бинобар ин, ҷиҳати самаранокии иҷроиш ва татбиқи қонунгузорӣ бояд, тафаккури аҳолӣ ба он мувофиқ кунонида шаванд. Барои ин, роҳандозӣ намудани чораҳои маънавии фарҳангӣ-тарбиявӣ, ба монанди таҳияи филмҳо, саҳнаҳои ҳаҷвию тарбиявӣ, нақшҳои театрӣ, намоиши саҳнаҳо дар ҷойҳои сераҳолӣ ва амсоли инҳо, аз ҷумлаи чораҳои самарабахш ба ҳисоб мераванд. Он сухан, рафтор ва ё саҳнае, ки ба эҳсосоту эмотсияи аҳолӣ таъсири амиқ мерасонад, ба тафаккури онҳо низ бе таъсир намемонад. Масалан, дар навори видеоӣ чунин саҳнаҳо нишон додан мумкн аст: «шахсе пайваста ба гирифтани пора даст мезад. Ба тафаккури худ, ҳаёташ хуб пеш рафта истодааст, зеро аз ҷониби мақомот дастгир намешавад. Чанд муддат пас, яке аз фарзандонаш дучори садамаи нақлиётӣ шуда, фалаҷ гардид. Дар ҳаёти ӯ ташвишу изтироб зиёд шуд. Дар ҳамин маврид, ӯ хатоҳои худро дарк намуда, ба мақомот рафта, аз гуноҳи худ иқрор мешавад». Яъне, дар навор шахс сазои кирдори коррупсионии худро дарк намуда, оқибати онро мебинад. Равшантар гӯем, то кунун дар ҳар суханронӣ аз оқибатҳои манфии коррупсия гуфта мешавад, вале вақти он омадааст, ки он оқибатҳои ҳуқуқӣ, психологӣ, иқтисодӣ, маънавӣ ва дигар оқибатҳои хавфноки коррупсия тавассути наворҳо ба мардум нишон дода шаванд. Дар ин ҳолат, ба суръати баланд афкори аҳолӣ ба таври мусбӣ иваз хоҳад шуд.

Шуури ҳуқуқӣ дар баланд бардоштани маърифати зиддикоррупсионӣ нақши бағоят бузург дошта, маҳз тавассути он ба фарҳанги ҳуқуқӣ таъсир расонида мешавад. Бинобар ин, ба миён гузоштани баъзе андешаҳо ва таҳлилҳоро дар ин масъала зарур меҳисобем. Муҳаққиқи ватанӣ Т.Қ. Қодирзода қайд мекунад, ки «шуури ҳуқуқӣ ниҳоди мураккаб ва гуногунҷабҳаест, ки дар чорроҳаи психология ва назарияи ҳуқуқ ба вуҷуд омадааст. Он на танҳо бо воқеиятҳои ҳуқуқие, ки дар ҷараёни қонунгузории мақомоти дахлдори давлатӣ ташаккул меёбанд, балки бо аксуламали гурӯҳҳои шахсоне, ки ҳангоми убури манфиатҳои онҳо бо меъёрҳои ҳуқуқ ба амал меоянд, алоқаманд аст» [99, с. 39]. Аз мазмуни андешаи мазкур бармеояд, ки шуури ҳуқуқӣ бо психология робитаи зич дорад, зро психология ҷузъи муҳимми шуури ҳуқуқиро ташкил медиҳад. Шуур худ падидаи омӯзиши психология ба ҳисоб меравад.

Таҳлили коррупсия нишон медиҳад, ки ин падида на танҳо як мушкили иқтисодиву ҳуқуқист, балки реша дар низоми арзишҳо, маънавиёт ва ҷаҳонбинии инсон дорад. Барои мубориза самаранок на танҳо қонунгузорӣ, балки бозсозии фарҳанг, тарбия ва ҷаҳонбинии маънавӣ зарур аст. Зеро низоми дуруст на танҳо бо қонун, балки бо эҳтироми инсон ва арзишҳои универсалӣ низ барпо мегардад. Ҷомеае, ки ба виҷдон, адолат ва масъулият бовар дорад, метавонад коррупсияро мағлуб намояд. Яъне коррупсия танҳо як мушкили моддӣ нест, балки он як бӯҳрони ахлоқӣ, маънавӣ ва фалсафист. Барои мубориза бо он, бояд на танҳо бо қонун, балки бо фалсафа, фарҳанг ва тарбияи маънавии инсон низ рӯ овард. Танҳо дар сурате, ки мо арзишҳои адолат, масъулият ва некии умумиро эҳё кунем, метавонем коррупсияро ҳамчун як падидаи номатлуб ва ғайриқабул дар ҷомеа коҳиш диҳем ва ё пурра аз байн барем.

Ҳангоми тафсири мафҳуми «шуури ҳуқуқӣ» маълум мегардад, ки он дорои чунин ҷузъҳо, ба монанди донишҳои ҳуқуқӣ, арзишҳои ҳуқуқӣ ва

муносибатҳо мебошад. Дар робита ба мушкилоти пешгирии коррупсия на шуури ҳуқуқӣ, балки ҷузъи он, яъне шуури ҳуқуқии зидди коррупсияро баррасӣ кардан лозим аст [125, с. 68]. Р.С. Байниёзов мегӯяд, ки «шуури ҳуқуқӣ, ки дар ҷомеа мақоми фарҳангии худро дорад, омили воқеии тағйир додани воқеияти ҳуқуқӣ мебошад. Таъсири мусбат ё манфии онро ба соҳаи ҳуқуқи ҷомеа ва аҳаммияти бунёдии он дар низоми ҳуқуқии кишвар наметавон кам кард» [148, с. 3]. Маҳз тавассути шуури ҳуқуқӣ таъсири рафтори субъект ба муносибатҳои ҷамъиятӣ муайян карда мешавад. Тавассути шуури ҳуқуқӣ шахс дарк мекунад, ки рафтори зиддикоррупсионӣ амалӣ манфӣ буда, оқибатҳои номусоидро ба вуҷуд меоварад. Бинобар ин, ҷиҳати дарки он, ки шахс ба амали мазкур даст мезанад ва ё аз он худдорӣ мекунад, маҳз шуури ҳуқуқӣ ёрӣ мерасонад.

Т.Қ. Қодирзода иброз доштааст, ки «Ҳангоми ташаккули шуури баланди ҳуқуқии шаҳрвандон дар шароити рушди ҷомеаи иттилоотӣ, инчунин ба равони шахс ҳамчун шахсе, ки дараҷаи эҳтиёҷоти худро дар ҳаёт дорад, диққат додан муҳим аст. Аксар вақт бояд эътироф намуд, ки шахс омода аст ба қоидаҳои муайяни ҳаёт (аз ҷумла меъёрҳои қонунгузорӣ) мутобиқ шавад, агар барои рушди он шароити муайяни зарурӣ фароҳам оварда шавад» [99, с. 30-31].

Дар ин хусус Р.М. Раҷабзода зикр намудааст, ки «шуури ҳуқуқӣ яке аз унсурҳои таркибии фарҳанги ҳуқуқӣ мебошад, ки он дар илми назариявии ҳуқуқӣ бо ҷанбаҳои мазмун ва арзёбӣ қабул мегардад» [114, с. 75]. Бо назардошти андешаҳои боло мазмун ва моҳияти шуури ҳуқуқӣ дақиқу равшан мегардад, ки он рафтори шахсро дар муносибатҳои ҷамъиятӣ ифода мекунад. Аммо, шуури ҳуқуқиро дар робита бо шуури зиддикоррупсионӣ бояд таҳлил намуд. Дар ин хусус андешаи М.В. Шедӣ қобили қабул мебошад, ки «шуури ҳуқуқии зиддикоррупсиониро ҳамчун ҷузъи шуури ҳуқуқӣ меҳисобад ва ба он вазифаҳои мушаххас, аз ҷумла, муқовимат ба содир намудани кирдорҳои коррупсионӣ, дарк ва арзёбии рафтори коррупсионӣ, иштирок дар ташаккули сиёсати

зиддикоррупсионии давлатро хос медонад» [142, с. 286-290]. Ҳамин тавр, мафҳуми шуури ҳуқуқии зиддикоррупсиониро чунин қайд кардан мумкин аст: шуури ҳуқуқии зиддикоррупсионӣ як ҷузъи шуури ҳуқуқӣ буда, бахри дарк ва баҳогузорӣ намудан ба амалҳои коррупсионӣ равона шуда, дар натиҷаи он дар тафаккури шахс механизми баланди муқовимат ба коррупсия ташаккул дода мешавад.

Бо назардошти мафҳуми шуури ҳуқуқии зиддикоррупсионӣ, муаллифон ба он назаранд, ки «он як ҷузъи шуури ҳуқуқӣ буда, системаи ақидаҳоро дар бораи коррупсия ҳамчун падидаи манфии иҷтимоию ҳуқуқии ҷомеа, маҷмуи эҳсосот, баҳоҳо, ки муносибатро нисбат ба рафтори воқеии коррупсионӣ баён намуда, дар амалияи ҳуқуқии худ ҳамчун асос барои роҳ надодан ба чунин рафтор хизмат мекунанд ва ба вуҷуд меорад» [126, с. 76-80]. Азбаски сохтори шуури ҳуқуқӣ ду ҷузъи асосӣ (донишӣ ва арзёбӣ) дорад, аз ин рӯ, ташаккули он бояд дар ду самт: таълими ҳуқуқӣ ва тарбияи ҳуқуқӣ сурат гирад. Аз гуфтаҳои боло бармеояд, ки ташаккули шуури ҳуқуқии зиддикоррупсионӣ дар равандҳои таълиму тарбия низ бояд амалӣ карда шавад. Омӯзиши ҳуқуқӣ оид ба мубориза бо коррупсия ва таблиғоти зиддикоррупсионӣ ду раванди ба ҳам алоқаманд буда, моҳияти онҳо ба насли наврас интиқол додани дониш дар бораи коррупсия, чораҳо ва усулҳои мубориза бо он, инчунин хусусиятҳои ташаккули шахсият, идеология ва қонунгузории зиддикоррупсионӣ мебошад.

Раванди ташаккули шуури ҳуқуқии зиддикоррупсионӣ ҷузъи ҷудонашавандаи ташаккули фарҳанги ҳуқуқии зиддикоррупсионии ҷомеа мебошад. Мафҳуми «фарҳанги ҳуқуқии ҷомеа» дар илм аз чанд ҷиҳат баррасӣ мешавад. Аз ҷумла, фарҳанги ҳуқуқии ҷомеаро метавон маҷмуи донишҳо, ақидаҳо ва фаъолияти субъекти ҷомеа дар ҳама соҳаҳои ҳаёти он дар заминаи танзими ҳуқуқӣ донист. Фарҳанги ҳуқуқиро ҳамчун ҷузъи фарҳанги умумии ҷомеа метавон ҳисоб кард, ки ҳолати идеявию ҳуқуқии онро дар давраи мушаххаси таърихӣ инъикос

менамояд. Муҳаққиқон В.И. Каминская ва А.Р. Ратинов фарҳанги ҳуқуқиро ҳамчун системаи ҷузъҳои муайяни таркибӣ медонанд, ки бо хусусияти идеалӣ хос буда, дар ҳоле ки онҳо ба соҳаи ҳуқуқ дахл доранд ва дар шуур, рафтор ва фаъолияти одамон ва тамоми ҷомеа инъикос меёбанд [25, с. 39-67]. Р.М. Раҷабзода чунин таърифи фарҳанги ҳуқуқиро бештар мувофиқи мақсад меҳисобад: «Фарҳанги ҳуқуқӣ қисми таркибии фарҳанги мутамаддин мебошад, ки муносибати воқеии аз ҷиҳати ҳуқуқӣ муҳимми шахсият; одати устувор нисбат ба рафтори қонунӣ; муносибат нисбат ба ҳуқуқ, зуҳуроти дигари ҳуқуқӣ; дарки аҳаммияти иҷтимоии ҳуқуқ ва тартиботи ҳуқуқӣ; эътироф ва муносибати эҳтиромона нисбат ба давлат ва шаҳрвандро муайян мекунад» [114, с. 74].

Фарҳанги ҳуқуқӣ «маҷмуи арзишҳои ҳуқуқие мебошад, ки инсоният таҳия намудааст ва он рушди пешрафтаи ҳуқуқии ҷомеаро инъикос мекунад» [60, с. 301-306]. Аз ин рӯ, таблиғи ин арзишҳо аз ташаккули фарҳанги ҳуқуқии шахс, аз ҷумла, дар доираи стратегияи ягона ҷудонопазир аст. Беҳуда нест, ки ҳуқуқшиносон, масалан Н.Я. Соколов фарҳанги ҳуқуқиро ҳамчун: «... ченаки рушд ва истифодаи арзишҳои ҳуқуқии ҷамъкардаи инсоният, ки бо тартиби пайдарпай аз насл ба насл интиқол дода мешавад, мефаҳмад» [122, с. 394]. Фарҳанги зиддикоррупсионӣ бояд як ҷузъи фарҳанги ҳуқуқии ҷомеа дониста шавад. Дар мақолаи мазкур муаллифон фарҳанги зиддикоррупсиониро ҳамчун ҷузъи фарҳанги ҳуқуқии ҷомеа, аз ҷумла, дониш дар бораи коррупсия ҳамчун падидаи иҷтимоӣ, арзёбиҳои арзишӣ ва муносибатҳо оид ба номатлуб будани ин падида барои ҷомеа, ки дар соҳаи мубориза бо коррупсия амалӣ карда мешаванд, дарк мекунанд. Э.М. Иброхимова ва А.Р. Хамдеев фарҳанги зиддикоррупсионии шахсро ҳамчун системаи муносибатҳо ва қобилиятҳои арзишманд, ки ба амалисозии фаъолияти ҳуқуқии шахс дар доираи мубориза бо коррупсия нигаронида шудаанд, муайян мекунанд [54, с. 68]. Ба андешаи Г.П. Старинов, «ташаккули фарҳанги зиддикоррупсионӣ дар ҷомеа бидуни мавҷудияти мафкураи

ҳуқуқии зиддикоррупсионӣ дар он – маҷмуи ақидаҳое, ки дар ҷомеа ҳукмфармо буда, моҳияти манфии коррупсияро ифода мекунанд ва дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ инъикос ёфтаанд, ғайриимкон аст» [125, с. 69]. Муаллифон донишро дар бораи таъсири манфии коррупсия ба тамоми соҳаҳои ҷомеа ҳамчун унсурҳои сохтории фарҳанги зиддикоррупсионии шахс таъкид мекунанд: мавқеи дохилии шахсе, ки ба зуҳуроти коррупсия фаъолона мубориза мебарад ва барои аз байн бурдани ин падида кӯшиш менамояд.

Таҳлили адабиёти густурдаи ватанӣ ва хориҷӣ нишон медиҳад, ки фарҳанги ҳуқуқӣ хеле суст омӯхта шудааст. Маҳз бо тағйироти куллӣ дар фарҳанги ҳуқуқӣ роҳи баромадан аз бухрон оғоз мешавад, ки ба раванди гузаштан аз як низоми иҷтимоӣ ба низоми дигар хос аст [26, с. 10]. Ба андешаи В.Н. Каратошов, фарҳанги ҳуқуқӣ маҷмуи тамоми арзишҳои ҳуқуқӣ мебошад, ки дар ҳаёти ҳуқуқии шахсон, гурӯҳҳо, синфҳо, табақаҳо, гурӯҳҳои иҷтимоӣ ва умуман, ҷомеа қабати истеҳсолӣ ва мусбатро ташкил медиҳад [26, с. 21]. Ҳамин тариқ, мафҳуми арзиш ҷанбаи муҳимми фарҳанги ҳуқуқиро ифода мекунад.

Ф.Ш. Алиев қайд мекунад, ки «Сатҳи фарҳанги ҳуқуқӣ дар кишвар нишондиҳандаи рушди ҷомеа ва шарти ташаккули волоияти қонун мебошад. Яке аз сабабҳои паҳн шудани нигилизми ҳуқуқӣ паст будани - фарҳанги умумии ҷомеа ва ҳам паст будани фарҳанги ҳуқуқӣ мебошад. Оқибати ин раванд мавҷуд набудани яке аз заминаҳои муҳим барои фаъолияти воқеии волоияти қонун мегардад. Фарҳанги ҳуқуқӣ барои таъмини зиндагии шоистаи шаҳрвандони ҶТ аҳаммияти рӯзафзун пайдо намуда, онро ҳамчун омили рушди иҷтимоӣ муайян намудан мумкин аст» [60, с. 302]. Яке аз ҷузъҳои фарҳанги ҳуқуқӣ ин маърифати ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад. Ба андешаи профессор Р.Ш. Шарофзода, «маърифати ҳуқуқӣ маҷмуи мафҳумҳо, ақидаҳо ва арзишҳои ҳуқуқӣ мебошад, ки дар ҷараёни фаъолияти муташаккилонаи мақомоти давлатӣ, ташкилоту муассисаҳои таҳсилотӣ, илмӣ, фарҳангӣ, тарбиявӣ, ниҳодҳои ҷомеаи

шаҳрвандӣ, доираи васеи шаҳрвандон (падару модар, муаллимон, устодон, ҳуқуқшиносон, равоншиносон ва ғ.) ташаккул ёфта, ба дарку эҳсоси оқилонаи падидаҳои ҳаёти давлатию ҳуқуқӣ, амалӣ намудани ҳуқуқу озодиҳо, иштироки фаъолона дар ҳаёти давлатӣ ва ҷамъиятӣ (интихобот, раъйпурсӣ ва ғайра) мусоидат мекунад» [141, с. 22]. Яке аз хусусиятҳои психологии коррупсия дар он аст, ки баъзе одамонро ба худ чун рағбат моил намуда, дар онҳо ба одат табдил меёбад. Содир шудани як кирдори коррупсионӣ аз ҷониби шахси муайян ҳанӯз кирдори аз ҷиҳати психологӣ хавфнокии вазнин намебошад, зеро пешгириюислоҳи шахс имконпазир ҳаст. Вале агар даст задан ба коррупсия дар шахси муайян ба одат табдил ёфта бошад, он гоҳ пешгирию ислоҳи он хеле душвор хоҳад буд. Зеро шахсе, ки бори аввал ин кирдорро содир мекунад, мароми вай қонеъ намудани талаботи фаврии ӯ мебошад. Вале шахсе, ки ин кирдорро аз рӯи одат содир менамояд, мароми дақиқу равшан надорад, чунки рафторҳои одатӣ ба таври «автоматӣ» содир мешаванд. Ҳадафи андешаҳои мазкур дар он зоҳир мегардад, ки ифодаи коррупсияро бояд дар зоҳир ва ё дар китобу маълумотҳо на, балки дар шууру тафаккури мардум бояд манфӣ гардонем. Бо ин назардошт, гуфтан мумкин аст, ки «Коррупсия кирдори хавфнок буда, дар сурати табдил ёфтан ба одат боз ҳам хавфноктар мегардад».

Ҳамин тавр, фарҳанги ҳуқуқӣ навъҳои таърихан муқарраршуда, нисбатан мустақили фарҳанги маънавӣ ва моддӣ мебошад, ки маҷмуи арзишҳои ҳуқуқӣ буда, ҳолати сифатии низоми ҳуқуқ (дараҷаи мукаммал ва самаранокии ҳуқуқ, шуури ҳуқуқӣ ва амалияи ҳуқуқӣ) ва сатҳи инкишофи ҳуқуқии шахс (ақида, эътиқод, дониш, муносибат, қобилият, малака, амал ва ғайра)-ро инъикос менамояд, муоширати ҳуқуқӣ, танзим ва назоратшавандаи муносибатҳои иҷтимоӣ, қонуният ва тартиботро таъмин намуда, ба ташаккули ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷамъият, шахсон, коллективҳои онҳо, ташкилотҳо ва тамоми аҳолӣ тадриҷан таъсир мерасонад. Фарҳанги ҳуқуқии зиддикоррупсионӣ маҷмуи ақидаҳо,

тафаккур ва шуури ҳуқуқӣ мебошад, ки муносибати шахсро ба рафтори коррупсионӣ, содир кардани он ва худоррию муқовимат нишон додан ба он ифода мекунад.

Бо таҳлили андешаҳо мафҳуму моҳияти шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқиро каме равшан намудем, акнун раванди таъсири онро дар муқовимат ба амалҳои коррупсионӣ дида мебароем. Атрофи масъалаи мазкур дар адабиёти ҳуқуқӣ андешаҳои мухталиф ҷой доранд. Баъзе муаллифон ҳатто манбаи асосии коррупсияро шуур ва рафтори коррупсионии шаҳрвандон меноманд, зеро зуҳуроти берунии коррупсия деформатсияи арзишҳо, нигилизми ҳуқуқӣ ва рафтори доимии ғайриқонунии одамонро инъикос мекунад [20, с. 22]. Бегона шудан аз қонун ва дағалона вайрон кардани принсипу меъёрҳои он боиси кам баҳо дода шудани манфиатҳои ҷамъиятӣ ва бартарияти мақсадҳои ғаразнок, бартарии устувори муносибатҳои ғайрирасмӣ мегардад.

Хусусиятҳои асосии шахсият, ки интихоби шахсро байни муносибатҳои ҳуқуқӣ ва коррупсионӣ муайян мекунанд, сатҳи маърифати ҳуқуқӣ, фарҳанги ҳуқуқӣ ва аз ин рӯ, фаъолияти ҳуқуқӣ мебошад [61, с. 45]. Таъсиси системаи ягонаи таълими ҳуқуқӣ ва тарбияи ҳуқуқӣ бо ҷалби васеи институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ба ин раванд имкон медиҳад, ки ба сатҳи коррупсия дар кишвар таъсири мусбӣ расонад (талабот нест - пешниҳод нест), инчунин боварии аҳолиро ба мақомотҳои давлатӣ зиёд мекунад.

Гурӯҳе аз муҳаққиқон иброз доштаанд, ки «Дар бораи фарҳанги зиддикоррупсионӣ сухан ронда, бояд қайд намуд, ки он доираи васеи мафҳумҳо ва падидаҳои марбут ба мубориза бо коррупсияро дар бар мегирад. Пеш аз ҳама, ин низоми арзишҳо ва меъёрҳоест, ки дар байни шаҳрвандон ва ташкилотҳо радкунии устувори коррупсияро ташкил медиҳад. Унсури муҳимми фарҳанги зиддикоррупсионӣ фарҳанги ҳуқуқӣ мебошад, ки дониш ва риояи қонунҳо ва меъёрҳои зиддикоррупсиониро дар бар мегирад» [86, с. 219]. Дар адабиёти илмӣ оид ба роҳу равишҳои

баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқӣ ва шуури ҳуқуқӣ андешаҳои гуногун пешниҳод шудаанд. Як гурӯҳ олимон чунин роҳҳои маъмулии ташаккули шуури баланди ҳуқуқиро нишон додаанд:

- ташаккули муносибат ба ҳуқуқ ҳамчун арзиши ҷомеа, давлат ва шахс;

- маълумоти пурра ва объективӣ оид ба қонун ва дарки амиқи меъёрҳои ҳуқуқ, вазифа ва уҳдадориҳо;

- дастгирӣ ва ташвиқи намунаҳои рафтори қонунӣ;

- беэътиноии татбиқи ҷазо барои ҳуқуқвайронкуниҳо;

- вокуниши ҷамъиятии ниҳодҳои ҷомеа ба ақидаҳо ва амалҳои фасодкоронаи аъзои онҳо;

- танқиди оммавии падидаҳои коррупсионӣ;

- татбиқи мунтазами чораҳои зиддикоррупсионӣ ва дар қонунгузорӣ муқаррар намудани онҳо;

- дар фаъолияти амалӣ татбиқи принсипи «мувофиқи қонун амал кардан фоидаовар аст, на хилофи он» [20, с. 25]. Роҳҳои мазкур, ба андешаи мо, на он қадар самаранок ба назар мерасанд, зеро дар онҳо бештар ба қонун такя карда шудааст. Баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ ва ё маърифати зиддиикоррупсионӣ аз баланд будани мазмуни қонунгузорӣ вобаста нест.

Бояд тазаккур дод, ки «дар мубориза бар зидди коррупсия иштирокчии асосӣ ҷомеа мебошад, аз ин рӯ, ҳар як узви ҷомеа, ҳар як шаҳрванди кишвар бояд нисбат ба коррупсия тоқатнопазир бошад, дар асоси адолат зиндагӣ карда, фурӯхташаванда набошад ва фарҳанги зиддикоррупсионӣ дошта бошад» [85, с. 354]. Тавре В.В. Астанин қайд кардааст, асоси муайян кардани самаранокии ҳамкории ҷамъиятӣ ва давлат дар соҳаи мубориза бо коррупсия техникаи методӣ мебошад, ки дар формулаи «роҳҳои дуҷониба» инъикос ёфтааст [66, с. 6]. Таъкид намудан ба маврид аст, ки коррупсия на танҳо мушкили шикасти дохилии механизми идоракунии давлатӣ аз ҷониби унсурҳои

коррупсионӣ, балки мушкилоти тамоми ҷомеа, арзишҳо ва фарҳанги он мебошад. Мо чунин мешуморем, ки самти умедбахши мубориза бар зидди коррупсия дар марҳалаи кунунии рушди ҷомеа ташаккули низоми тадбирҳое мебошад, ки ба тарбияи ҳуқуқӣ ва ахлоқии ҷомеа, баланд бардоштани саводнокии ҳуқуқии аҳолӣ ва дар маҷмуъ, маданият ва шуури ҳуқуқӣ нигаронида шудаанд. Дар асоси қонун бунёд кардани ҳаёти худ бояд барои ҳар як шаҳрванд бонуфуз ва судманд гардад ва мувофиқан фаъолияти қонунӣ яке аз арзишҳои бунёдии ҷомеаи мо гардад. Дар навбати худ, давлатро зарур аст, ки таҳаммулпазирии «сифр» нисбат ба зуҳуроти коррупсияро дар сохторҳо ва шахсони мансабдор ҷорӣ намояд, вокуниши муносиб, муассир ва саривақтиро ба иттилоот дар бораи ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ аз ҷониби аҳли ҷомеа ташкил намояд ва таъмини ҳимояи шахсонеро, ки дар бораи коррупсия хабар медиҳанд, амалӣ созад.

М.К. Жусупбекова изҳор доштааст, ки «ин кор кифоя нест, аз ин рӯ, корҳои баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқӣ бояд пайваста ва муназзам сурат гиранд. Бо назардошти он ки ҷавононояндаи мост, мо бояд онҳоро ҳамчун шахсияти дорои шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги баланди ҳуқуқӣ тарбия намоем. Бинобар ин, чунин корҳо бояд аз кӯдакию наврасӣ оғоз карда шаванд. Дар тафаккури кӯдакон аз хурдӣ бояд гуфтаи чӣ «бад» ва чӣ «хуб» аст ҷой дода шавад. Минбаъд ин таълими муттасили ҳуқуқӣ бояд дар мактабҳои ибтидоӣ, миёна ва олӣ тавассути омӯзиши фанҳои ҳуқуқӣ сурат гирад. Тавре дар адабиёти ҳуқуқӣ қайд мегардад, дар мактабҳо фанни махсус оид ба ҳуқуқ вуҷуд дорад, ки дар таркиби он падидаҳои ҳуқуқӣ омӯхта мешаванд. Албатта, бояд гуфт, ки ин соатҳо барои ташаккули шуури ҳуқуқии ҳаматарафа кифоя нестанд» [85, с. 355]. Корҳои фаҳмонидадиҳӣ бо мардуми дур аз илму дониш дар маҳалҳо амали саривақтӣ мебошад.

Яке аз ҷузъҳои шуури ҳуқуқӣ психологияи ҳуқуқӣ мебошад, ки дар баланд бардоштани шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқӣ нақши калон

дорад. Дар адабиёти ватанӣ қайд гардидааст, ки «психологияи ҳуқуқӣ, маҷмуи ҳиссиёт, эҳсосоти ҳуқуқӣ мебошад. Психологияи ҳуқуқӣ дар ҷараёни эҳсоси ҳуқуқ ва падидаҳои ҳуқуқӣ ташаккул меёбад. Омилҳои психологӣ, аз қабили ҳисси масъулияти шаҳрвандӣ, эҳсоси аҳаммияти қонун, зарурати эҳтирому риояи он, эҳсоси тарс аз таъқиби қонун, аз ҷумла худдорӣ аз ҷиноят бо дарки татбиқи ҷазо ва ба монанди инҳо, ба шуури ҳуқуқӣ таъсири калон мерасонанд. Як қатор амалҳои инсон дар ҳолати ҳаяҷони руҳӣ содир мешаванд. Ҳисси ҳуқуқии шаҳрвандон аз ҳам фарқ дорад, масалан, эҳсоси ҳуқуқии ҳуқуқшиносон баландтар мебошад, чунки онҳо аз мазмуни қонунҳо ва оқибатҳои халалдор гаштани онҳо бештар воқифанд» [112, с. 119]. Бо ин назардошт, аз нигоҳи психологияи ҳуқуқӣ таҳлилу баррасӣ намудани масъалаи муқовимат ба коррупсия хеле муҳим мебошад, зеро решаи ҳар як рафтор маҷмуи ҳиссиёту эмотсияҳо буда, асоси инҳо бошад тафаккур ба ҳисоб меравад. Пас, агар тафаккури аҳолӣ дар муносибат ба коррупсия иваз карда шавад, он гоҳ тамоми рафторҳои коррупсионӣ низ иваз мегарданд.

Яке аз ҷиҳатҳои манфии коррупсия дар он аст, ки дар байни мардум нобаробарии иҷтимоиро ба вуҷуд оварда, афкори мардумро нисбати на танҳо ашхоси муайян, балки нисбати тамоми низоми идорӣ манфӣ месозад. Яъне, бо сабаби кирдори манфии ашхоси муайян, тафаккури мардум нисбати тамоми ҳамон сохтор ё ташкилоти муайян манфӣ мегардад. Ҷиҳати мубориза бо оқибатҳои мазкур бояд методи «Кор бо афкори мардум» тарҳрезӣ шуда, дар тамоми бахшҳо роҳандозӣ гардад. Чунки оқибатҳои рафторҳои коррупсионӣ пеш аз ҳама ба афкори омма таъсири манфӣ мерасонад.

Дар адабиёти илмии муосир «натиҷаҳои таҳқиқоти табиати ташаккули коррупсия аз нигоҳи иқтисод, сиёсат ва ҳуқуқ инъикос ёфтаанд, вале хусусиятҳои психологии ташаккули рафтори коррупсионӣ мавриди таҳқиқ қарор нагирифтаанд» [12, с. 350-361]. Мо ба ақидаи мазкур розӣ буда, таҳлилу баррасӣ масъалаи муқовимат ба коррупсияро

аз нигоҳи психологӣ хеле мубрам арзёбӣ менамоем. Ба андешаи мо, самаранокии мехнизми муқовимат ва баланд бардоштани шуури ҳуқуқию фарҳанги ҳуқуқӣ маҳз аз омилҳои психологӣ вобаста мебошанд.

Идеяи коррупсия дар ҷомеа ҳамчун падидаи ногузир ва мағлубнашаванда ва аксар вақт амри табиист, ки дар тӯли даҳсолаҳо ташаккул ёфтааст. Дар натиҷа дар шуури шаҳрвандон чун категорияе, ки дар натиҷаи рад ва ҳамзамон қабули воқеияти коррупсия ба миён омадааст, ахлоқи дугона ташаккул ёфтааст. Аз ин рӯ, муносибати аҳолӣ ба проблемаи коррупсия бо деформатсияи шуури ҳуқуқӣ тавсиф мешавад, ки дар навбати худ яке аз омилҳои асосии коррупсия мебошад. Ба ин як қатор асотирҳо, ки дар атрофи ин падидаи манфии ҷамъиятӣ инкишоф ёфтаанд, мусоидат мекунанд [129, с. 38]. Ба ақидаи Г.С. Пирова, «як қатор унсурҳои психологӣ, ба мисли муносибати манфӣ ба ҳуқуқ ва падидаҳои ҳуқуқӣ, беэҳтиромӣ кардани қонун, сарфи назар кардани манфиатҳои давлат ва ҷомеа ва дар мадди аввал гузоштани манфиатҳои ғаразноки шахсӣ баҳри гирифтани фоидаи муфт, дидаву дониста роҳ додан ба оқибатҳои амали зиддиқонунӣ ва монанди инҳо заминаҳои кирдори зиддиҳуқуқӣ шуда метавонанд. Унсурҳое, ки шуури ҷинояткоронаро ташаккул медиҳанд, боиси ҷиноят мешаванд» [112, с. 119]. Ҳамин тавр, масъалаи коррупсия падидаи манфие мебошад, ки хусусиятҳои мураккабу гуногунҷабҳа дошта, аз нуқтаи назари илмҳои гуногун онро таҳлил намудан мумкин аст.

Яке аз сабабҳои асосии афзоиши коррупсия, ба андешаи мо, танзими нодурусти фикррони мебошад. Бисёр маълумотҳое мавҷуданд, ки паҳн кардани онҳо ба шунавандагон таъсироти мухталиф мерасонад. Масалан, барои калонсолон дар бораи коррупсия паҳн намудани маълумоти зиёд оқибатҳои хавфноки онро дар шуури онҳо ҷой мегардонад. Аммо шунидани масъалаҳои гуногуни марбут ба коррупсия таваҷҷуҳи наврасонро меафзояд ва онҳо нисбат ба ин мафҳум тафаккури нодуруст менамоянд [74, с. 133-141]. Дар хусуси масъалаи мазкур аз

ҷониби Ф.А. Бобохонов [12; 13; 74; 75] якчанд таҳқиқотҳои ҷузъӣ анҷом дода шуда, баъзе мақолаю асарҳо низ ба чоп расидаанд.

Ҳангоми таҳлили равандҳои решакан кардани афкор дар бораи коррупсия дар кишвар дар зеҳни шаҳрвандон, мо як қатор асотирҳоро муайян кардем, ки ба вуҷуд ва таҳкими муносибатҳои коррупсионӣ мусоидат мекунанд [129, с. 38]. Баъзе андешаҳои манфӣ дар тафаккури мардум ҷой шуда, ба асотирҳо табдил ёфта, ба афзоиши коррупсия мусоидат карда истодаанд. Яке аз асотирҳои маъмул ин аст, ки «коррупсия ҷузъи ҷудонашавандаи фарҳанги миллӣ аст ва таърихан ба низоми ҳукумати кишвар хос аст». «Таърихи воқеии идеализатсияшуда ва мифологии давлат аз он шаҳодат медиҳад, ки коррупсия дар баробари дигар бемориҳои иҷтимоӣ (дуздӣ, майзадагӣ, қонуншиканӣ ва ғ.), камбизоатӣ ва беҳуқуқии аксарияти аҳолӣ ҳамеша паҳн шудааст» [18, с. 39]. Е.Г. Телегина дар ин хусус ибрози назар кардааст, ки «мавҷудияти асотир дар бораи он ки коррупсия ҷузъи ҷудонашавандаи фарҳанги миллӣ ва таърихан ба системаи идоракунии давлат хос аст, комилан асоснок мебошад. Дараҷаи шуури ҳуқуқии аҳолӣ, ки тайи чандсад сол ташаккул ёфтааст, на танҳо вазъи институтсионализатсияи институтҳои коррупсиониро инъикос мекард, балки бинобар тамоюлҳои мавҷудаи «зиёдатӣ» ба муносибатҳои коррупсионӣ хусусияти шаклҳои қобили қабулро додааст. Дарки ногузирии чунин муносибатҳо ва мубориза бо коррупсия боиси ташаккули стандартҳои дугона дар шуури ҳуқуқии шаҳрвандон гардидааст» [129, с. 39].

Бо омӯхтани зуҳуроти гуногуни коррупсия мо чунин мешуморем, ки нуқтаи назар дар бораи мавҷудияти асотири «мансабдоре нест, ки пора намегирад, шумо намедонед, ки чӣ тавр ба онҳо пора диҳед» бесабаб нест. Ин асотир дар шуури ҳуқуқии шаҳрвандон аз он сабаб пайдо шуд, ки онҳо чунин мешуморанд, ки агар шахс барои ишғоли мансаби мувофиқ кӯшиш кунад, пас, ин дар аввал ба шарофати вазифаи ишғолкарда гирифтани ин намуди даромади «иловагӣ»-ро дар назар

дорад. Маълум мешавад, ки шуури шахсе, ки дар вазифаи муайян хизмат карданро интихоб кардааст, воқеиятеро инъикос мекунад, ки дар он иштирок дар робитаҳои коррупсионӣ имкон медиҳад, то на танҳо эҳтиёҷоти аз ҷониби умум эътирофшудаи ҳаёт, балки хоҳишҳои аз ҷиҳати субъективӣ аҳаммиятнок низ қонеъ карда шаванд [129, с. 39]. Ба монанди асотирҳо ба тафаккури мардум як қатор ибораҳои маъмулӣ ва масалҳо низ таъсир расонидаанд.

Муносибатҳои психологие, ки ба коррупсия мусоидат мекунанд:

1) Калимаи коррупсия дар ҷамъият вокуниши сахти манфиро ба вуҷуд намеоварад. Яъне одамон онро ҳамчун як падидаи муқаррарӣ қабул мекунанд, зеро маълумоти аз меъёр зиёд ба саҳми одамон дар ин хусус расонида шудааст.

2) Танзими тафаккури манфӣ: порахӯр будан фоидаовар аст, ин муқаррарист, ин қудрат аст. Гумон мекунанд, ки озодиро танҳо бо доштани пули зиёд ба даст овардан мумкин аст.

3) Эътиқоди густурда, ки коррупсия тафаккури таърихии мост. Дар ҳама сарчашмаҳо қайд мекунанд, ки коррупсия падидаи нав нест, он аз таърих ба мо омада расидааст. Пас аз байн бурдани он ғайриимкон аст, онро ба пуррагӣ аз байн бурда намешавад. Чунин андешаҳо бояд доираи муайяни хонанда дошта бошанд. Баҳсу мунозираи илмӣ байни муҳаққиқону олимон ва дигар масъулон дар хусуси масъалаҳои мазкур мумкин аст, вале донистани чунин маълумотҳо барои ноболиғону наврасон дар зери шуури онҳо тафаккури манфиро эҷод менамояд, зеро андешаҳои зикршуда хавфнокии оқибатҳои коррупсияро паст мегардонанд [74, с. 133-141].

Тавре дар адабиёти ҳуқуқӣ қайд гардидааст: «дар баробари чораҳои муҷозотии таъсиррасонӣ ба ҷиноятҳои коррупсионӣ мунтазам гузаронидани чорабиниҳои пешгирикунанда зарур аст, ки дар байни онҳо рушди шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқии аҳолӣ яке аз ҷойгоҳҳои асосиро ишғол менамояд. Ҳангоми асоснок кардани ин мавқеъ бояд

таъкид кард, ки шуури ҳуқуқӣ ҷаҳонбинии ҳуқуқии шахс, дастурҳои арзишӣ ва эътиқоди рафтори шахсии ӯро ифода мекунад ва намуди ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятии дар давлат мавҷудбударо муайян мекунанд. Албатта, коррупсия яке аз зуҳуроти харобиовари ҷинояткорист, ки ба шуури ҳуқуқии одамон таъсир мерасонад. Аз тарафи дигар, деформатсияи шуури ҳуқуқӣ ба сатҳи ҷиноятҳои коррупсионӣ таъсир мерасонад. Нигилизми ҳуқуқӣ, яъне инкори ҳама чизе, ки ба давлат ва ҳуқуқ марбут аст, ноумедӣ ва натавонистани муқовимат ба шаклҳои гуногуни коррупсияро ифода мекунад» [129, с. 38-41]. Айни замон шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқӣ бо шаклҳои дигари шуури ҷамъиятӣ робитаи устувор дошта, дар робита бо анъанаҳои миллӣ, арзишҳои ахлоқӣ ва маънавӣ ташаккул меёбанд. Барои ҳамин, маърифати ҳуқуқӣ на танҳо тавассути тадбирҳои ҳуқуқӣ, балки дар робита бо фарҳанги миллӣ ташаккул ёфта, рушд мекунад.

Барои ҳамин, амалӣ намудани тадбирҳо дар соҳаи пешгирии коррупсия, бартараф намудани сабабҳо ва омилҳои он вазифаи муҳим маҳсуб мешавад. Амалӣ намудани тадбирҳои тарбиявӣ, маърифатӣ, фарҳангӣ бо мақсади баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии аҳолӣ, шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқӣ яке аз роҳҳои самараноки муқовимат ба коррупсия мебошад. Бо ташаббуси Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 2024 «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон шудааст. Маърифати ҳуқуқӣ барои таъмини устувории унсурҳои бунёдии шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқӣ, ки дар заминаи онҳо ҳисси эҳтиром, риоя ва иҷрои Конститутсия ва қонунҳои ҶТ, ҳисси тақатнопазирӣ нисбат ба ҷинояткорӣ ва намудҳои дигари ҳуқуқвайронкунӣ, аз он ҷумла ҳисси норавии коррупсия ташаккул меёбад, аҳаммияти авалиндараҷа дорад.

Бо мақсади ташаккули шуури ҷамъиятию фардии зиддикоррупсионии шаҳрвандон, ки ҳамчун воситаи мубориза бар зидди коррупсия баромад мекунад, тадбирҳои зеринро пешниҳод менамоем:

– ба роҳ мондани муносибатҳои ҳамкории мақомоти корҳои дохилӣ бо шаҳрвандон, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва воситаҳои ахбори омма дар ташаккули муносибати манфӣ нисбат ба навъҳои гуногуни коррупсия;

– ба раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва миёнаи махсус (сарфи назар аз самти таълим) ворид намудани курсе, ки ба ташаккули шуури ҳуқуқӣ ва маданияти ҳуқуқии аҳолӣ мусоидат намуда, зарари сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии коррупсияро нишон медиҳад;

– ҷорӣ намудани барномаҳои таълимии дорои хусусияти зиддикоррупсионӣ, баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқӣ, гузаронидани омӯзиш ва дигар машқҳои амалӣ барои кормандони мақомоти корҳои дохилӣ, бо мақсади фароҳам овардани огоҳӣ дар бораи ғайри қобили қабул будани иштирок дар тақсимоти неъматҳои ҷамъиятӣ ё манфиати шахси воқеӣ ба манфиати худ ҳангоми истифода аз мавқеи хизматӣ;

– ташаккул додани муносибати оштинопазирона нисбат ба коррупсия дар ҷомеа тавассути инъикоси натиҷаҳои мусбати мубориза бар зидди ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ дар воситаҳои ахбори омма, ташкили пахши барномаҳои телевизион ва радио, ки ба ҳадди кардан ва аз байн бурдани асотирҳои мавҷуда дар шуури одамон мусоидат менамоянд.

Дар Тоҷикистон ҷиҳати баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор таҳия ва қабул гардидаанд. Маврид ба зикр аст, ки барои таъмин намудани қонуният дар ҷомеа, махсусан қонунияти ҳуқуқи инсон, нақши асосиро на танҳо санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва василаҳои маҷбуркунии давлатӣ, балки одату анъанаҳои мардум, сатҳи фарҳанги ҳуқуқи инсон ва шуури ҳуқуқии аҳолӣ иҷро менамоянд. Аз ин рӯ, чунин меҳисобем, ки меъёрҳои ахлоқӣ дар баробари меъёрҳои ҳуқуқӣ танзимгари асосии муносибатҳои ҷамъиятӣ буданд ва боқӣ хоҳанд монд. Бо назардошти ин пешниҳод

менамоем, ки ҳангоми таҳияи лоиҳаи қонунҳо бештар ба он диққат дода шавад, ки онҳо то кадом андоза ба анъанаҳои мардум ва урфу одат ҷавобгӯ ҳастанд ва ба ахлоқи аҳолӣ рост меоянд. Ин омил барои амалишавии қонунҳо ва таҳкими қонуният нақши муҳим дорад [152, с. 213]. Андешаи мазкурро ҷонибдорӣ намуда, илова менамоем, ки на танҳо урфу одат ва ахлоқ, балки психологияи мардум низ ба инобат гирифта шавад, зеро психологияи аҳолии ҳар як давлату ҷомеа фарқ карда метавонад.

Бояд гуфт, ки «коррупсия ҳамчун падидаи, пеш аз ҳама, иҷтимоӣ, сӯиистифода аз ваколат ба манфиати шахсӣ буда, ҳатман боовариро ба ниҳодҳои давлатӣ коҳиш медиҳад, самаранокии идоракуниро коҳиш медиҳад ва ба рушди иҷтимоию иқтисоди ҷамъият халал мерасонад. Дар ин замина фарҳанги зиддикоррупсионӣ дар пешгирӣ ва мубориза бо коррупсия нақши калидӣ дошта, дар ташаккули шуури ҳуқуқӣ ва масъулияти шаҳрвандӣ дар байни одамон мусоидат мекунад» [83, с. 207].

Фарҳанги зиддикоррупсионӣ ҷузъҳои асосиро дар бар мегирад, ки барои мубориза бо коррупсия дар сохтори дахлдор заминаи мустаҳкам фароҳам меоранд, ки инҳоянд: шуури ҳуқуқӣ, ринсипҳои ахлоқию этикӣ [111, с. 7-11], маърифат ва маориф, фаъолнокии шаҳрвандӣ, механизмҳои институтсионалӣ [59, с. 933].

М.И. Елаев тазаккур додааст, ки «фарҳанги зиддикоррупсионӣ дар таъмини фаъолияти устувор ва муассири ташкилотҳо, аз ҷумла дар сатҳи байналмилалӣ нақши калидӣ дорад. Коррупсия ҳамчун падидаи мураккаби иҷтимоӣ на танҳо ба суботи иқтисодӣ, балки ба ахлоқи ҷомеа таҳдид карда, эътимодро ба ниҳодҳои ҳукумат ва соҳибкорӣ коҳиш медиҳад. Ташаккул додани муҳити устувори зиддикоррупсионӣ дар дохили ташкилотҳо вазифаи муҳимест, ки муносибати мунтазам ва истифодаи воситаҳои гуногунро талаб мекунад» [83, с. 211].

Зимни таҳлилу баррасии масъалаи шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқӣ ҳамчун унсурҳои марказии муқовимат ба коррупсия дар ҶТ чунин хулосаҳоро қайд кардан лозим аст:

1. Дар муқовимат ба коррупсия механизм, роҳу воситаҳо ва институтҳои гуногун мусоидат мекунанд. Аз ҷумла, нақши шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқӣ дар муқовимат ба амалҳои коррупсионӣ хеле калон арзёбӣ мегардад. Бинобар ин, таҳқиқу баррасии масъалаи мазкур мубрам ба ҳисоб меравад. Омӯзиши ҳуқуқӣ оид ба мубориза бо коррупсия ва таблиғоти зиддикоррупсионӣ ду раванди ба ҳам алоқаманд буда, моҳияти онҳо ба насли наврас интиқол додани дониш дар бораи коррупсия, чораҳо ва усулҳои мубориза бо он, инчунин хусусиятҳои ташаккули шахсият, идеологияи ва қонунгузории зиддикоррупсионӣ мебошад.

2. Дар натиҷаи таҳлили андешаҳои боло мафҳуми шуури ҳуқуқии зиддикоррупсиониро чунин қайд кардан мумкин аст: шуури ҳуқуқии зиддикоррупсионӣ як ҷузъи шуури ҳуқуқӣ буда, баҳри дарк ва баҳогузорӣ намудан ба амалҳои коррупсионӣ равона шуда, дар натиҷаи он, дар тафаккури шахс механизми баланди муқовимат ба коррупсия ташаккул дода мешавад. Азбаски сохтори шуури ҳуқуқӣ ду ҷузъи асосӣ (донишӣ ва арзёбӣ) дорад, аз ин рӯ, ташаккули он бояд дар ду самт: таълми ҳуқуқӣ ва тарбияи ҳуқуқӣ сурат гирад. Аз гуфтаҳои боло бармеояд, ки ташаккули шуури ҳуқуқии зиддикоррупсионӣ дар равандҳои таълиму тарбия низ бояд амалӣ карда шавад.

3. Таъкид карданро муҳим меҳисобем, ки коррупсия на танҳо мушкили шикасти дохилии механизми идоракунии давлатӣ аз ҷониби унсурҳои коррупсионӣ, балки мушкилоти тамоми ҷомеа, арзишҳо ва фарҳанги он мебошад. Мо чунин мешуморем, ки самти умедбахши мубориза бар зидди коррупсия дар марҳалаи кунунии рушди ҷомеа ташаккули як низоми тадбирҳое мебошад, ки ба тарбияи ҳуқуқӣ ва ахлоқии ҷомеа, баланд бардоштани саводнокии ҳуқуқии аҳолӣ ва дар

маҷмуъ, маданият ва шуури ҳуқуқӣ нигаронида шудаанд. Дар асоси қонун бунёд кардани ҳаёти худ бояд барои ҳар як шаҳрванд бонуфуз ва судманд гардад ва мувофиқан фаъолияти қонунӣ яке аз арзишҳои бунёдии ҷомеаи мо гардад. Дар навбати худ, давлатро зарур аст, ки таҳаммулпазирии «сифр» нисбат ба зуҳуроти коррупсияро дар сохторҳо ва шахсони мансабдори худ ҷорӣ намояд, вокуниши муносиб, муассир ва саривақтиро ба иттилоот дар бораи ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ аз ҷониби аҳли ҷомеа ташкил намояд ва таъмини ҳимояи шахсонеро, ки дар бораи коррупсия хабар медиҳанд, амалӣ созад.

4. Дар пешгирӣ ва муқовимат бо амалҳои коррупсионӣ бояд натанҳо чораҳои ҳуқуқӣ, балки аз усулҳои гуногуни психологӣ ба таври васеъ истифода бурда, дар мадди аввал сабабу шароитҳои дар боло зикршуда бартараф карда шаванд ва сатҳи масъулият ва маърифатнокии шаҳрвандон баланд бардошта шавад. Дар пешгирӣ ва коҳиш додани сатҳи коррупсия андешидани чунин тадбирҳоро ба маврид меҳисобем:

1) Табдилдиҳии афкори манфии ҷамъиятӣ ба тафаккури мусбӣ. Раванди фикррониии одамонро дар муносибат бо коррупсия тағйир додан лозим аст. Инро тавассути асару мақолаҳои мусбӣ, наворҳои кутоҳ, саҳнаҳои театрӣ ва филмҳо анҷом додан самаранок мебошад. Масалан, дар навори хурди видеоӣ нишон дода шудааст, ки ба шахси мансабдор пора пешниҳод мекунанд, вале ӯ бо тамоми як ҳаяҷону эҳсосот аз чунин рафтор ғазабнок шуданашро зоҳир намуда, ӯро сиёсаткунон ва насиҳаткунон аз оқибатҳои рафтораш огоҳ карда, аз ҳуҷраи кориаш пеш мекунад. Чунин наворро ҳазорҳо одам дар як муддати кутоҳ тамошо мекунанд ва он ба шууру тафаккури онҳо таъсири мусбӣ мерасонад.

2) Дар байни шахсони гиранда ва диҳандаи пора муносибати манфӣ ба вуҷуд овардан. Оқибатҳои коррупсияро на бо таҳдиди ҷазо, балки бо хароб шудани тартиботи ҷамъиятӣ, вазъи мардум ва дигар ҳолатҳои амалӣ нишон додан лозим аст. Масалан, дар навори видеоӣ нишон дода мешавад, ки шахс сартабибро пора дода, вақташро ба

манфиати шахсии худ истифода мебарад, вале дар ҳамин маврид беморе, ки бояд ӯро ҷарроҳӣ мекард, мефавтад. Ба аҳли оилаи ӯ чӣ қадар ранҷу азобҳо пеш меояд. Ё ин ки аз шахс пора талаб карда мешавад, вале ӯ шароит надорад, қарз гирифта, порaро медиҳад. Дар ниҳоят, қарзҳо боиси оқибатҳои манфии зиёд дар он оила мегарданд.

3) Ташкили тренингҳо барои шахсоне, ки ҳангоми гирифтани пора фишори равониро эҳсос мекунанд. Фаҳмонидани тарзу воситаҳои психологии муқовимат кардан ба пешниҳоди пора. Нишон додани роҳҳои устуворгардонии иродаи шахсӣ, муқовиматнокӣ ва дарёфти роҳҳои қонунии даромад.

4) Иваз намудани методҳо ва субъектони муқовиматкунанда бо коррупсия. Субъекти ҷиноятҳои коррупсионӣ, тавре аз қонунгузории ҷиноятӣ бармеояд, аксаран шахсони мансабдор мебошанд, вале субъекти пешгирикунандаи амалҳои коррупсионӣ дар аксари ҳолатҳо боз ҳамон шахсони мансабдор маҳсуб меёбад. Пас, чи гуна содиркунандаи кирдор боз кирдори худро пешгирӣ мекунад? Оё шахси мансабдор кирдори коррупсионии ҳамхизмати худро ошкор карда, ӯро ба суд пешниҳод карда метавонад? Бо ин назардошт, беҳтар аст, ки субъектони муқовиматкунанда каме тағйир дода шаванд. Масъулияти рассомон, таҳиякунандагони филмҳо, блогерон, нависандагони соҳаи адабиёт, намояндагони ҳаҷв, театрҳо ва монанди инҳо бояд баланд бардошта шавад, зеро имрӯз таваҷҷуҳи аксарияти аҳолии ҷаҳон маҳз ба ҳамин самт нигаронида шудааст.

## ХУЛОСА

Дар натиҷаи таҳқиқи назариявӣ-таърихии ҳуқуқ, масъалаи ташаккул ва инкишофи асосҳои назариявӣ-ҳуқуқии муқовимат ба коррупсия дар Тоҷикистон **хулосаҳои** зерин пешниҳод мешаванд:

1. Дар натиҷаи таҳқиқи асосҳои методологии омӯзиши падидаи коррупсия мафҳум, моҳият ва арзишҳои микдорию сифатии нишондиҳандаҳои он муайян карда мешаванд, ки онҳо ба ду гурӯҳ тақсим карда шудаанд. Ба гурӯҳи аввал нишондиҳандаҳои коррупсионӣ дохил мешаванд, ки ба маънои истифодаи маълумоти таҳқиқотҳои гуногун таркибӣ нестанд ва ҳамчун ҷузъ, омил, зернишондиҳандаи алоҳида муайян карда мешаванд ва арзишҳои онҳо ҳангоми ҳисоб кардани нишондиҳандаи комплексии (индекс) ниҳоӣ истифода мегардад. Гурӯҳи дуюмро шохисҳои бисёрқисмаи коррупсионӣ, ки дар асоси маълумоти таҳқиқоти гуногун ҷамъ оварда шудаанд, ифода мекунанд. Проблемаи муайян кардани нишондиҳандаҳои микдории ҳолати коррупсия бо истифода аз усулҳои таҳқиқоти сотсиологӣ то ин ё он дараҷа ба ҳамаи усулҳои маълум ва ҳоло истифодашавандаи андозагирии сатҳи коррупсия хос мебошад. Таҳқиқи методологии падидаи коррупсия ҳамчун замина ва асоси таъмину кафолати ҳуқуқии манфиатҳои умумидавлатӣ ва хусусии ҷомеа, гурӯҳҳо ва шахсиятҳои алоҳида баромад намуда, барои такмил ва рушди низоми санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, самаранокии танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ, идоракунии давлатӣ ва устувории низоми идоракунӣ, ҳифзи манфиатҳои миллию давлатӣ, баланд бардоштани шуури ҳуқуқии аҳолӣ ва ғ. замина мегузорад **[2–М].**

2. Мисли дигар падидаи мураккаби хавфноки иҷтимоӣ коррупсия моҳиятан ба тамоми муносибатҳои ҷамъиятӣ зарар мерасонад. Аз ин рӯ, ба он на танҳо ҳамчун зуҳурот ё падидаи ҳуқуқӣ, балки нисбатан васеътар бояд муносибат намуд. Барои самаранокии таҳқиқи масъалаи мазкур зарур аст, ки заминаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, сиёсию фарҳангӣ,

шароитҳои миллию маърифатӣ ва таърихии ҷомеа омухта шаванд. Ҳамчун зуҳуроти васеъ паҳнгашта ва вобаста ба шароити воқеии ҷомеа зудтағйирёбанда барои омӯзиши коррупсия ва дигар омилҳои барои рушди он дар ҷомеа мусоидаткунанда бояд заминаҳои таърихию фарҳангӣ, моддию иҷтимоӣ ва хосатан сатҳи шуури ҳуқуқию фарҳанги ҳуқуқии ҷомеа дар давраҳои гуногуни таърихӣ омухта шаванд. Падидаи коррупсия дарваи тӯлониро аз сар гузаронида, ҳамчун роҳи ғайриқонунии ҳалли мушкилоти шахсӣ дар ҳама давру замон вуҷуд дошт ва роҳу воситаҳои самараноки муқовимат бо он низ дар ҳар давра мувофиқ ба шароити таърихӣ  коркард шудааст. Дар шароити кунунӣ моро зарур аст, ки аз дастовардҳои соҳаҳои гуногуни миллии халқи тоҷик, ки арзандаи ситоишу омӯзишанд ва ба фарҳангу маданият, шуури миллии ҳуқуқӣ ва минталитети  халқи Тоҷикистон созгору мувофиқанд бояд самаранок истифода намоем. Аз ин рӯ, омӯзиши асосҳои назариявӣ-ҳуқуқӣ ва таърихӣ-ҳуқуқии таҳқиқоти падидаи коррупсия барои илмҳои муосири ҷомеашиносӣ, хосатан ҳуқуқшиносӣ, аҳаммияти беандоза дорад.

3. Падидаи коррупсия ҳамчун категорияи ҳуқуқшиносӣ ба маънои маҳдуд ва васеъ шарҳ дода мешавад: ба маънои маҳдуд коррупсия ҳамчун ришваситонӣ ва тамаъҷӯии шахси мансабдори давлатӣ, ки тибқи муқаррароти қонунгузорӣ ҳамчун ҳуқуқвайронкунӣ  бо таҳдиди татбиқи ҷавобгарии ҳуқуқӣ муқаррар карда шудааст, фаҳмида мешавад. Дар доираи фаҳмиши васеъ коррупсия батариқи ғаразнок сӯиистифода кардан аз мавқеи мансабӣ, иҷтимоию сиёсӣ ва ҷамъиятӣ, нуфузи худ дар амалӣ намудани корҳои давлатию ҷамъиятӣ дониста мешавад. Дар амалӣ намудани сиёсати зиддикоррупсионӣ доираи васеи субъектон ва унсурҳои алоҳида иштирок менамоянд, ки қисмате аз онҳо салоҳияти ҳокимиятӣ дошта, қисмати дигар чунин салоҳиятро надоранд. Амалӣ намудани сиёсати зиддикоррупсионӣ иштироки доираи васеи субъектҳоро дар муайян намудани асосҳои илмӣ-консептуалии сиёсати

мазкур, қабули санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, амалисозии меъёрҳо ва муқаррароти қонунгузорӣ, тарғибу ташвиқи сиёсати зиддикоррупсионӣ ва роҳҳои дигари иштирок намудани ҷомеа дар муқовимат бо коррупсия муқаррар менамояд **[1–М].**

4. Ҳамчун кирдори зиддиҳуқуқию зиддиахлоқӣ ва муқобил ба ҳама арзишҳои иҷтимоӣ ва вайронкунандаи муқаррароти динию анъанавӣ будани коррупсия дар ҳама давру замон на танҳо қонун ва давлат, балки кулли ҷомеа рӯ ба рӯйи муқовимат қарор дошт. Ҳама низхомҳои таърихии ҳуқуқии миллии тоҷикон онро ҳамчун зуҳуроти манфӣ ва зараровар, монеъшаванда барои рушду осудагии кишвар, самаранокии фаъолияти ҳокимияти давлатию осоиши ҷомеа эътироф намудаанд ва аз ҳама роҳу воситаҳои ҳуқуқию ҷамъиятӣ истифода карда, бо он муқовимат намудаанд. Дар низоми ҳуқуқи зардуштӣ он ҳамчун кирдори тамаъҷӯӣ, фасодкорӣ, пораситонӣ дониста мешуд, ки барои содир намудани он намудҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва ҳатто ҷазои ҳукми қатл муқаррар шуда буд. Танзими ҳуқуқии ин намуди муносибатҳои ҷамъиятӣ дар Авасто, Ардавирофнома, Вандидод, Қонунномаи Сосониён ва ғ. ҳуқуқвайронкунӣ дониста шуда, бо таъқиби татбиқи ҷавобарӣ макум гардида буданд. Дар ҳуқуқи мусулмонӣ низ ин кирддорҳо танзими хосаи худро дошта, ҳамчун кирдори зиддиҳуқуқӣ, зидди динию ахлоқӣ маҳкум гардидаанд. Тавассути фарҳанги исломӣ онҳо ба шуури ҷамъиятӣ ва миллии мардуми тоҷик ҳамчун кирдори манъгардида ва нораво ворид шудаанд. Барои самаранокии муқовимат бо ин зуҳуроти барои кулли ҷомеа зараровар зарур аст, ки аз дастовардҳои фарҳангӣ, таърихӣ, ахлоқӣ ва маърифатию мадании гузаштагони миллати хеш фаровон истифода намоем **[15–М].**

5. Омӯзиши таҷрибаи замони шуравӣ дар самти муқовимат бо коррупсия барои Тоҷикистони соҳибистиқлол дар самаранокии татбиқ намудани сиёсати зиддикоррупсионӣ метавонад муфид бошад. Аввал ин ки, он аввалин таҷрибаи расмии қонунгузории кишвар дар ин самт аст,

ки фарогири муқовимат бо он дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа, на танҳо тавассути муқаррароти қонунгузорӣ ва истифода намудани аз роҳу воситаҳои ҳуқуқии таъсиррасонӣ ва танзимнамоӣ, балки васеъ ҷалб намудани ҳама сохторҳои ҷомеа, махсусан аҳолӣ, дар муқовимат бо коррупсия буд. Аз ин рӯ, бо назардошти низомнокӣ ва самаранокии сиёсати давлатии муқовимат бо коррупсия дар замони шуравӣ зарур аст, ки дастовардҳои хуби ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва амалии ин давраи таърихи халқи тоҷик васеъ омухта шуда, дар шароити имрӯзаи Тоҷикистон истифода гарданд. Барои замони имрӯза дар баробари истифодаи дастовардҳои танзими ҳуқуқӣ ва қонунгузории муносибатҳои ҷамъиятӣ дар самти муқовимат бо коррупсия, балки хосатан, истифода намудани таҷрибаи ҷалб намудани институтҳои ҷамъиятӣ, аҳли ҷамоатчигӣ, шахсони дар ҷомеа эътибори хоса дошта, ба монанди омӯзгорон ва кормандони соҳаҳои дигари ҷамъиятӣ, оммаи халқ ва ғ., ки дар замони шуравӣ васеъ истифода мегардид, метавонад дар амали намудани сиёсати зиддикоррупсионии кишвар манфиатовар бошад. Аз ҷониби дигар, амалӣ намудани принсипҳои асосии ҳуқуқӣ, хосатан ногузирии ҷавобгарии ҳуқуқӣ, изҳори пушаймонӣ аз кирдори содирнамуда, ба манфиати давлат, ҷомеа ва зарардидагон мусодира намудани амволи шахси гунаҳгор, истифодаи ҷавобгарӣ дар намуди корҳои ислоҳӣ, корҳои маҷбурӣ ва м.и., ки институтҳои асосии низоми ҳуқуқии замони шуравианд, метавонанд дар паст намудани шиддати коррупсия дар кишвар мусоидат намоянд **[6–М]; [7–М].**

